## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

# ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ - ЧОЛИШҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

## ВОБАСТА БА ТАТБИҚИ «СТРАТЕГИЯИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025»




ДУШАНБЕ - 2025

**УДК: 343.3**

**Ҳайати таҳририя:**
Қодиров Ф.А., Фарайдунов О.Қ., Ҳаитов С.П.,
Ҳамроев М.И., Худойбердиев Ҷ.М.

**Редакционная коллегия:**
Кодиров Ф.А., Фарайдунов О.К., Хаитов С.П.,
Хамроев М.И., Худойбердиев Дж.М.

Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ вобаста ба татбиқи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзӯи «Экстремизм ва терроризм - чолишҳои замони муосир: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» – Душанбе, 2025.- 173 саҳ.

Дар маҷмӯа маърӯзаҳои илмии профессорон, омӯзгорон, докторантон, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён гирд оварда шудааст.

Масъулияти муҳтавои илмӣ, далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи худи муаллифони мақолаҳо вогузор мегардад.

Сборник статей республиканской научно-теоретической конференции, посвященной реализации Стратегию противодействия экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы, по теме «Экстремизм и терроризм – вызовы современной эпохи: проблемы и пути решения». – Душанбе, 2025. – 173 с.

В сборник включены научные доклады профессоров, преподавателей, докторантов, соискателей, магистрантов и студентов.

Ответственность за научное содержание, точность факторов и цитаты несут авторы опубликованных материалов.

**©ДДМИТ, 2025**
**©ТГФЭУ, 2025**

МУНДАРИҶА

**Мирсаидов С.А.** Ҷомеаи созандаи ватандӯст аз афкори инсонҳои солим.....5
**Фарайдунов О.К., Ҳамроев М.И., Худойбердиев Ҷ.М.** Муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм.....9
**Убайдуллоев Ф.К.** Ҷанбаҳои институтсионалӣ ва иқтисодии муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....16
**Темурбекова С.Д.** Терроризм ва экстремизм вабои аср дар ҷаҳони муосир.....25
**Исматуллозода А.И., Тураева Н.** Экстремизм ва терроризм - таҳдид ба амният ба суботи ҷомеа.....31
**Бобомуродов Б.Э.** Терроризм ва экстремизм зуҳуроти фалокатбор.....40
**Шодиев К.Қ.** Хусусиятҳои пешгирии муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони имрӯза.....46
**Махшулов С.Ҷ.** Таърихи терроризм ва зуҳуротҳои хавфноки он дар ҷомеа...51
**Ҳасанова М.А.** Маърифати ҳуқуқӣ - воситаи таъмини ҳуқуқҳои инсон.....59
**Сайдаҳмадов Ф.Б.** Мубориза бо терроризм ва экстремизм-омили муҳими таъмини сулҳ дар ҷаҳон.....65
**Олимов Д.А.** Нақши илму маърифат дар пешгирии ифротгароӣ.....70
**Аҳадов И.Қ.** Маблағгузории ақидаҳои ифротгароӣ ва пешгирии он дар Тоҷикистон.....74
**Баротов А.Х.** Роҳҳои муқовимати ҷомеа бо терроризм ва экстремизм.....79
**Сайфиддинов Ф.** Терроризм ва экстремизм: мафҳум, моҳият ва усулҳои муборизаву пешгирӣ.....84
**Мирзоев И.Н.** Нақши адабиёт дар пешгирии терроризм ва ифротгароӣ.....90
**Якубов Р.Ш., Абдуллозода О.П.** Терроризм и экстремизм - угроза современной цивилизации.....95
**Бобомуродов П.Х.** Ифротгароӣ ва хатари он дар амнияти давлату миллат...102
**Давлатзода М.Т.** Роҳҳои мубориза бо экстремизм ва терроризм дар замони муосир.....109
**Абдулхайров Ф.М.** Таъсири терроризму экстремизм ба амнияти миллӣ ва суботи ҷомеа.....115
**Абдуллоева Ш.Ф.** Мушкилоти терроризм дар ҷаҳон ва хауфи он ба Тоҷикистон.....122
**Маҳмадов Э.А., Шомуддинов О.Д.** Таъсироти манфии экстремизм – терроризм ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва роҳҳои мубориза бар зидди онҳо.....127
**Раҳимзода Ф.М., Солиев Н.А.** Мубориза ба тероризм-кори дастаҷамъист!.134

**Ҳамидова М. М.** Муқовимат бо терроризм ва экстремизм вазифаи ҳар як узви ҷомеа........................................................................................................139
**Расулзода Ҳ.М.** Экстремизм ва терроризм-хавфи миқёси ҷаҳонӣ..................143
**Абдураҳмонов С.** Терроризм ва экстремизм – хатари ҷомеаи ҷаҳонӣ...........150
**Раҳимӣ А.Ш.** Терроризм-экстремизм ва хатари он ба ҷомеаи имрӯза...........155
**Акобирзода А.М.** Тероризм - мушкилоти таърихӣ........................................161
**Шойимкулов А.М.** Хатарҳои муосир ва таҷрибаи муқовимат алайҳи терроризму экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................165
**Абдуллозода О.П., Якубов Р.Ш.** Таъсири терроризм ва экстремизм ба иқтисодиёт.........................................................................................................168

## ҶОМЕАИ СОЗАНДАИ ВАТАНДӮСТ АЗ АФКОРИ ИНСОНҲОИ СОЛИМ

**Мирсаидов Саидакмал Аврорович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru.

Муалиф қайд менамояд, ки истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст.

**Калидвожаҳо:** истиқлолият, арзишҳои миллӣ, давлат, ватандуст, ҷомеа.

## ТВОРЧЕСКОЕ ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ОБЩЕСТВО ИЗНУТРИ ЗДРАВЫХ МЫСЛЕЙ ЛЮДЕЙ

**Мирсаидов Саидакмал Аврорович** - доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru.

Автор отмечает, что независимость для нас является выдающимся признаком стабильности государства, сохранения образа нации, символом самобытности и самобытности, исторических идеалов и стремлений, международным паспортом и честью и престижем присоединения к цивилизованному миру независимой страны Таджикистан. Это великое благо, как только оно было достигнуто, принесло свет и просвещение, любовь и верность, процветание и свободу, согласие и сосуществование, мир и вечность великому таджикскому народу и дорогому Таджикистану.

**Ключевые слова:** независимость, национальные ценности, государство, патриот, общество.

## A CONSTRUCTIVE PATRIOTIC SOCIETY FROM THE INSIDE OF HEALTHY PEOPLE

**Mirsaidov Saidakmal Avrorovich** -- Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Exchange Activities of the Tajik State University of Finance

and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Tel.: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru.

The author notes that independence for us is a prominent sign of the stability of the state, the preservation of the image of the nation, a symbol of originality and identity, historical ideals and aspirations, an international passport and the honor and prestige of joining the civilized world of the independent country of Tajikistan. This great blessing, as soon as it was achieved, brought light and enlightenment, love and loyalty, prosperity and freedom, harmony and coexistence, peace and eternity to the great Tajik people and dear Tajikistan.

**Key words:** independence, national values, state, patriot, society.

Дар даврон истиқлолияти давлатӣ ва фаъолияти дар фазои озодӣ мавҷи созандагиро ангезиш дод, ки ин нерӯи тавоно ташаккул ва рушди иқтисоди миллиро таъмин намудааст. Зимнан, бояд таъкид намуд, ки эҳёи баъди ҳазорсолаҳо (яъне пас аз таназзули давлати Сомониён) иқтисоди миллии дар пояи нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва институсионалӣ устувор қарор гирифта бузургтарин дастоварди давраи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки 34 сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.

Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст.

Дар паҳнои замонҳо миллати мо аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангин гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст. Ба ҳамагон маълум, ки ниёгони мо бо талқини афкори пурарзиши **«Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»** беҳтарин ва равшантарин орзуву омоли инсоният ва рукнҳои ахлоқи ҳамидаро басо орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат дар тӯли асрҳо барои ташаккули арзишҳои солими башардӯстона хидмат кардааст.

Аммо солҳои охир гурӯҳҳои ифродгаро яъне терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, бо роҳандози ақидаи радикалии исломӣ

мехоҳад арзишҳои таърихӣ, динӣ, миллӣ ва фарҳангии ҷомеаи ҷаҳониро маҳв созанд. Дар мақолаи Саидмурод Фаттоҳзода қайд шудааст: имрӯз мафҳумҳои наве мисли ҷанги иттилоотӣ ва таҳмили ақидаи ҷоҳоншиносии сунъӣ арзи вуҷуд дошта ҳадафи аслиашон бо роҳи ташкили инқилобҳои ранга, роҳандозии нигилизми сиёсӣ ва ташкили низоъҳои нарм дар байни омма, ба даст гирифтани қудрат дар харитаи нави сиёсии ҷаҳон аст. Ҳодисаҳои солҳои охири манотиқи даргири ҷаҳон нишон медиҳанд, ки воқеан ҳам қалам имрӯз ҷои шамшерро гирифтааст ва халалдор сохтани тарзи ҳаёти суннатӣ таҳрифи арзишҳои миллӣ, таҳриқ додани муқомивати диниву мазҳабӣ ва ба ҷои арзишҳои аслӣ таҳмил намудани арзишҳои сунъӣ омили ҳама гуна низову хушунат гардидаанд. Бинобарон имрӯз ҳар як фарди ҷомеаи мо зиракии сиёсиро аз даст надода барои ҳифзи фазои иттилоотӣ, фарҳанги маънавӣ ва арзишҳои давлати соҳибистиқлоламон саҳмгузор бошанд.

Ё ин ки соли 1991-1992, зери таъсири нерӯҳои бадхоҳи берунаву дохилӣ, фаъолгардии муртакиби арзишҳои иртиҷоии динӣ, ки илму дониш, маърифат барои онҳо бегона буданд, мамлактаро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатиро фалаҷ гардонида ба даргириҳои бемантиқ оварда расониданд. Ва чихеле, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд месозанд терроризм ватан, наҷод, дин, миллат, забон, маҳал надоранд.

Маҳз ин падидаҳо бадбахтии оламшумулу глобалӣ гардиданд, ки ба муқобили онҳо мубориза дастаҷамъонаи тамоми мамлакатҳои ҷаҳонӣ ва сокинони сайёра зарур аст.

Мо имрӯз соҳиби давлатӣ демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳастем, ки арзишҳои миллии худро ба мисли гавҳараки чашм нигоҳ дошта, ҳамчун зиёӣ дар байни ҷавонон эҷодиёти ниёгони бузург, илму фарҳанги тамаддунофари миллати тоҷикро талқин намоем.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон - манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як қавми тоҷикмиллат аст. Мо бояд аз ин миллати баруманд биболему барои боз ҳам машҳуртар гардидани он кушишу ғайрат намоем.

**Адабиёт**

1.Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва тероризм дар Ҷумҳурии Тоҷикисон барои солҳои 2021-2025.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» 23.12.2021.

3.Самиев, Б. Ҷ. Вусъатёбии ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои асосии пешгирӣ аз он / Б. Ҷ. Самиев, Ш. П.

Бердиев // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2023. – No. 1-2(9-10). – P. 6-16. – EDN IBVKML.

4.Маҳмадизода Н.Д.Зоҳиршавии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва воситаҳои пешгирии он [Матн]/ Н.Д.Маҳмадизода. Монография. - Душанбе, 2022. - 324с. – С.11.

## МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ

**Фарайдунов Осим Косумшоевич** - н.и.ф.-м., дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992)904444555, E-mail: osim.faraidunov@gmail.com

**Худойбердиев Ҷахонгир Махмуродович** – унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон, ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: jaha_1992@list.ru

**Ҳамроев Мирсаид Исмоилович** - муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроѓа: 734067, Љумњурии Тољикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон:+992-901-24-77-87. Почта: mirsaidhamroev7@mail.ru

Мақола ба стандартҳои байналмилалии МКД/МТ бахшида шудааст, ки барои ҳамоҳангсозии байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи МКД/МТ асос мебошанд. Аҳамияти ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо қонунигардонии даромади ғайриқонунӣ дар айни замон нодида гирифта намешавад, аз ин рӯ ҳар як кишвар бояд ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад, то сиёсати баръакс ба системаи молиявии миллӣ ва умуман тиҷорати байналмилалӣ зарари номатлуб нарасонад.

**Калидвожаҳо:** стандартҳои байналмилалии МКД/МТ, мониторинги молиявӣ, қонунигардонии даромади ҷиноятӣ, департаменти мониторинги молиявӣ.

## ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ЛЕГАЛИЗАЦИИ ДОХОДОВ, ПОЛУЧЕННЫХ ПРЕСТУПНЫМ ПУТЕМ, И ФИНАНСИРОВАНИЮ ТЕРРОРИЗМА

**Фарайдунов Осим Косумшоевич** - к.ф.-м.н., доцент кафедры прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992)904444555, E-mail: osim.faraidunov@gmail.com

**Худойбердиев Джахонгир Махмуродович** - соискатель кафедры мировой экономики, ТГФЭУ. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14, Республика Таджикистан, E-mail: jaha_1992@list.ru

**Хамроев Мирсаид Исмоилович** - заместитель начальника управления по науке и инновации, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: г . Душанбе, улица Нахимова, 64/14, Республика Таджикистан, Телефон:+992-901-24-77-87. Почта: mirsaidhamroev7@mail.ru

Статья посвящена международным стандартам ПОД/ФТ, которые являются основой для международной координации и сотрудничества в области ПОД/ФТ. Важность международного сотрудничества в борьбе с легализацией незаконных доходов в настоящее время не игнорируется, поэтому каждая страна должна соответствовать международным стандартам, чтобы контрполитика не наносила непоправимого ущерба национальной финансовой системе и международной торговле в целом.

**Ключевые слова:** международные стандарты ПОД/ФТ, финансовый мониторинг, легализация преступных доходов, департамент финансового мониторинга.

## COUNTERING THE LEGALIZATION OF PROCEEDS FROM CRIME AND THE FINANCING OF TERRORISM

**Faraidunov Osim Kosumshoevich** – c.ph.-m.s., Associate Professor of the Department of Applied Informatics in Economics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Tel.: (+992)904444555, E-mail: osim.faraidunov@gmail.com

**Khudoyberdiev Jahongir Makhmurodovich** - applicant of the Department of World economy, TSUFE. Address: Dushanbe, Nakhimov street, 64/14, Republic of Tajikistan. Email: jaha_1992@list.ru

**Hamroev Mirsaid Ismoilovich** - Deputy Head of the Department for Science and Innovation Tajik State University of Finance and Economics. Adress: Dushanbe city, Nakhimov street, 64/14, the Republic of Tajikistan, Phone:+992-901-24-77-87, mail: mirsaidhamroev7@mail.ru

The article is devoted to international AML/CFT standards, which are the basis for international AML/CFT coordination and cooperation. The importance of international cooperation in combating the legalization of illicit income is currently not ignored, so each country must comply with international standards so that counter-policies do not cause irreparable damage to the national financial system and international trade in general.

**Key words:** international AML/CFT standards, financial monitoring, money laundering, financial monitoring Department.

Мубориза бо МҚД/МТ ҳамкории ҷаҳонӣ, таҷҳизоти технологӣ ва риояи қатъии меъёрҳои танзимро талаб мекунад. Муваффақият аз кори ҳамоҳангшудаи давлатҳо, институтҳои молиявӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ вобаста аст. Барои тиҷорат, риояи қоидаҳои AML/CFT на танҳо вазифа, балки унсури рушди устувор мегардад.

Муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм маҷмӯи чораҳоест, ки ба пешгирии қонунигардонии моликият, истифода ё ихтиёрдории маблағ ё дигар

молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба даст оварда шудаанд, инчунин рафъи гардиши молиявие, ки барои фаъолияти террористӣ пешбинӣ шудаанд.

**Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда** – анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпуш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ва ё мусоидат намудан ба шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпуш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, ҳамчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк (Қонун №1404 аз 24.02.2017) [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом, консепсияи миллӣ барои солҳои 2018-2025 қабул гардидааст, ки он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2018, № 1033 ба тавсиб расидааст.

Консепсияи мазкур дар асоси таҳлили вазъ дар соҳаи қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин арзёбии самаранокии системаи мавҷудаи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории терроризм таҳия гардида, принсипҳои сиёсати давлатиро дар ин самт, ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои асосии рушди минбаъдаи низоми миллӣ, инчунин вазифаҳои татбиқи Консепсияи мазкурро муайян менамояд [3].

Инчунин вобаста ба масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи Бонки миллии Тоҷикистон департаменти мониторинги молиявӣ кору фаъолият менамояд.

Департаменти мониторинги молиявӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон - фаъолияти худро дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2009 №724 ва мутобиқи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2010 №33 оғоз намудааст. Вазифаи асосии Департамент аз ба амал баровардани МҚД/МТ/МПСҚО[1] тавассути ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди иттилоот ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Департамент фаъолияти худро дар асоси

[1] **МҚД/МТ/МПСҚО** - Муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи МКД/МТ/МПСҚО” ва стандартҳои ФАТФ[2] ба роҳ мондааст [1].

Департаменти мазкур ҳамкории байналмилалии худро бо Хадамоти федералии мониторинги молиявӣ (Росфинмониторинг)-и Федератсияи Россия ба роҳ мондааст. Ҳамзамон, дар асоси ҳамкорӣ, якчанд муасисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатро барои сайқал додани ҷаҳонбинии молиявӣ ба олимпиадае, ки аз ҷониби Хадамоти федералии мониторинги молиявӣ, ки таи чанд соли охир баргузор мегардад, раҳнамоӣ мекунад.

Инчунин, ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, аз ҷониби департаменти мазкур корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ба монанди фестивалҳои “Саводнокии молиявӣ” гузаронида мешавад.

Қонунигардонии даромади ҷиноятӣ ҳамчун "пул (купрук)" байни иқтисодиёти пинҳонӣ ва системаи кушодаи молиявӣ хизмат мекунад, ки бо ёрии он фоидаи ғайриқонунӣ ба соҳаи қонунии муносибатҳои иқтисодӣ интиқол дода мешавад. Аз ин рӯ, таҳдиди пайдошуда ба манфиатҳои миллии кишварҳо ба фаъолсозии мубориза бо шустушӯи маблағҳои пулӣ ва маблағгузории терроризм мусоидат кард.

ФАТФ - соли 1989 мутобиқи қарори кишварҳои «Ҳафтгонаи бузург» таъсис гардида, стандартҳои байналмилалиро дар самти МКД/МТ/МПСҚО таҳия намудааст. Мақсади асосии ин ташкилот аз пешбурди сиёсати МКД/МТ/МПСҚО иборат буда, дар асоси 40 Тавсия амалӣ мегардад. Айни замон 36 кишвар ва 2 ташкилоти минтақавӣ аъзои комилҳуқуқӣ ФАТФ мебошанд. Дар баробари ин, 9 Гурӯҳи минтақавӣ бо шакли ФАТФ фаъолияти худро ба роҳ монда, мақоми мушоҳид ба 21 ташкилоти байналмилалӣ ва 2 кишвар пешниҳод гардидааст.

**Мисоли корбарӣ бо пайравони гурӯҳҳои террористӣ[3] [3]:**

Дар натиҷаи таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенджерҳо ҳолати маблағгузории фаъолияти яке аз узви фаъоли ташкилотҳои террористиву экстремистии фаъолияташон дар кишвар манъшуда шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо номи шахси А), ки барои содир намудани ҷинояти дар моддаи 307 иловаи 3 қисми 2 (ташкили фаъолияти экстремистӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ва дар ҷустуҷӯи расмӣ қарор дорад, муайян гардид. Номбурда ва шариконаш тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус “Youtube” бо барномаҳои мустақими (онлайн) худ бо мақсади барангехтани кинаю адоват ва зиёд кардани сафи иғвогарон миёни шаҳрвандон наворҳои зидди давлату миллат пахш карда, бо пайравони худ ва ҷавонони гумроҳи кишвар баҳсҳо ва суҳбатҳо анҷом медиҳанд. Чунин баҳсу суҳбатҳо бештар атрофи масоили мухталифи дохили кишвар сурат

---

[2] ФАТФ - Группа разработки финансовых мер по борьбе с отмыванием денег. Гурӯҳи кории молиявӣ (FATF) як ниҳоди байниҳукуматӣ аст, ки моҳи июли соли 1989 дар Парижи Фаронса бо ташаббуси сарони ҳукуматҳои Гурӯҳи ҳафт (G7) барои вокуниш ба чолишҳо ва таҳдидҳои шустушӯи пул таъсис ёфтааст.

[3] https://www.nbt.tj/files/monitoring/2024/%D2%B2%D0%B8%D1%81%D0%BE%D0%B1%D0%BE%D1%82%D0%B8%20%D0%94%D0%9C%D0%9C%20%D1%81.2023.pdf

гирифта, ҳатто масъалаҳои кучакро ба баҳсҳои сиёсӣ табдил медиҳанд. Ҳарчанд аъзои фаъоли ташкилот ва иттиҳоди террористӣ ва экстремистӣ аз ҷониби созмонҳои гуногуни хориҷӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар баробари ин барои ҷамъоварии маблағ аз пайравон ва дигар шахсоне, ки ақидаашонро пайгирӣ мекунанд, дар барномаҳои мустақими худ рақамҳои телефон ва суратҳисобҳои бонкиро мегузоранд, то ин ки аз шаҳрвандон даромади иловагӣ ба даст оранд.

Дар яке аз барномаҳои мустақим, ки мунтазам тавассути “Youtube” пахш мегардад, бо мақсади пешбурди фаъолияти экстремистии худ рақами суратҳисоби бонкиро (№1111****2222) ҷиҳати ҷамъоварии маблағ гузоштааст. Зимни ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ байни департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти Федералии мониторинги молиявии Федератсияи Россия (Росфинмониторинг) муайян карда шуд, ки корти бонкии №1111****2222 ва шаш адад корти дигари бароришии бонки ҶСО “Сбербонки Россия” ба номи шаҳрванди Ҷумҳурии Узбекистон (бо номи шахси Б) ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми таҳлили маълумоти дастрасшуда аз Росфинмониторинг муайян карда шуд, ки дар соли 2023 1 207 шаҳрванди Тоҷикистон ва дигар шаҳрвандони хориҷӣ (бо фарқият аз рӯи ному насаб) ба корти бонкии №1111****2222 барои дастгирии молиявӣ маблағҳои пулӣ интиқол додаанд. Дар натиҷа маълумоти дастрасшуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҷиҳати андешидани чораҳои ҳуқуқӣ ирсол карда шуд.

**Мисоли пешгирии ҳолатҳои ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда [3]:**

Дар давоми давраи ҳисоботӣ аз ҷониби қаллобон ҷалб шудани шаҳрвандони кишвар ба пирамидаҳои молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои бардуруғи сармоягузорӣ зиёд ба мушоҳида расида, мутаассифона қисмате аз шумораи аҳолӣ маблағҳои худро ба суратҳисоб ва ҳамёнҳои электронии қаллобон бинобар надоштани маълумоти кофӣ ва зудбовар будан гузаронидаанд. Ҳарчанд намуди зоҳирии сомонаҳои қаллобон гуногун аст, вале сохти барномаҳо ва корбарӣ бо онҳо якранг мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо видеороликҳои кӯтоҳ бо нишон додани сиёсатмадорони маъруф аз Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, ки гӯё онҳо барои пешниҳоди даромади иловагӣ ба мардум ташаббус кардаанд ва дар қисмати дигар бошад, расмҳои гуногун бо навиштаҷоти гирифтани даромад танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои мисол “**2,0 ҳазор сомонӣ мегузоред**” ва дар муддати якчанд соат “**18,0 ҳазор сомонӣ даромад мегиред**” ва ба ҳамин монанд қаллобони интернетӣ, ки бо чунин роҳҳо мардумфиребӣ намуда истодаанд. Аксаран қаллобон аз хориҷи кишвар фаъолияти ҷиноятии худро пеш мебаранд.

Танҳо дар як ҳолат гурӯҳе аз қаллобон соли 2022 вориди Тоҷикистон шуда, дар муддати кӯтоҳ худашонро дар Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ ба муддати се моҳ ба қайд

гирифта, инчунин рақами мушаххаси андозсупоранда дастрас намуда, дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ суратҳисобҳои бонкӣ мекушоянд ва баъдан ба хориҷи кишвар сафар менамоянд.

Номбурдагон шаҳрвандони яке аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда аз номи ширкати “Газпроминвест” бо истифода аз эълону рекламаҳои бардуруғи ҳавасмандкунанда, ки гӯё шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти аз ин лоиҳа гирифтани даромади зиёд доранд, мардумро ба доми фиреб мекашанд.

Вобаста ба фаъолияти қаллобии шаҳрвандони зикршуда аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон маводи ташаббусӣ омода гардида, ба Вазорати корҳои дохилӣ ирсол карда шуд. Дар натиҷа парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба қаллобон оғоз карда шуд ва бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба **143 адад** суратҳисоб-кортҳои бонкии хориҷӣ ва ҳамёнҳои электронии қаллобон ҳабс гузошта шуд. Бояд гуфт, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ раванди ба ҷустуҷӯи расмӣ эълон намудани гумонбарони болозикр корҳо оғоз карда шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо ва пайваста ворид шудани кормандони департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мизоҷ ба телеграм-канал, видео-роликҳо, рекламаҳо ва дигар барномаҳои қаллобон, инчунин корбарӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар умум дар давраи ҳисоботӣ **1010 суратҳисоб-кортҳои бонкӣ** ва ҳамёнҳои электронии қаллобон, ки тариқи онҳо бо роҳи фиреб маблағҳои шаҳрвандон интиқол дода мешуд, баста шуд.

Ҷанбаҳои асосии мубориза бо МКД/МТ:

**Мониторинги молиявӣ:**

Масъулияти бонкҳо, системаҳои пардохт, мубодилаи крипто ва дигар ташкилотҳо:

- Мизоҷонро тафтиш кунед (KYC — Know Your Customer).
- Амалиёти шубҳанокро муайян кардан (масалан, интиқоли пули калон бе манфиатҳои иқтисодӣ).
- Ба мақомоти ваколатдор маълумот додан.

**Технология ва усулҳои мубориза**

- AML - системаҳо нармафзор барои таҳлили амалиётҳо ва ошкор кардани ҳолатҳои ғайриоддӣ (масалан, басомади ғайриоддии амалиётҳо, схемаи омезиши маблағҳо).
- Таҳлили blockchain - пайгирии интиқоли криптоасъорҳо барои муайян кардани робита бо амалиёти ҷиноятӣ.
- Пойгоҳи додаҳои байналмилалӣ мубодилаи иттилоот байни кишварҳо (масалан, системаи Egmont Group).

**Мушкилот**

Криптоасъорҳо - беном будани амалиётҳо назоратро мушкилтар мекунад.

Оффшорҳо - истифодаи юрисдиксияҳои бо танзими суст.

Схемаҳои нав - шартномаҳои тиҷоратии фиктивӣ, фондҳои хайриявӣ пӯшида.

Аҳамияти ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо қонунигардонии даромади ғайриқонунӣ дар айни замон нодида гирифта намешавад. Ҳар як кишвар бояд ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад, то сиёсати баръакс ба системаи молиявии миллӣ ва умуман тиҷорати байналмилалӣ зарари номатлуб нарасонад.

**Адабиёт**


1. Департаменти мониторинги молиявӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон /Дастури корӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.
2. Зимарев, К. Ю. Международные стандарты ПОД/ФТ как основа международной координации и сотрудничества в сфере ПОД/ФТ / К. Ю. Зимарев, С. С. Шаповалова // ИННОВАЦИОННОЕ РАЗВИТИЕ науки и ОБРАЗОВАНИЯ : сборник статей IV Международной научно-практической конференции, Пенза, 15 ноября 2018 года / Ответственный редактор Г.Ю. Гуляев. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2018. – С. 60-62. – EDN VOVZYY.
3. Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025. 5 марти соли 2018, № 1033
4. Фаъолияти департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2023.
5. https://www.cbr.ru/counteraction_m_ter/international/fatf/

# ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ВА ИҚТИСОДИИ МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Убайдуллоев Фаридулло Каримович** – н.и.и., мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. SPIN-коди муаллиф: 6737-5230. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: faridullo72@mail.ru

Дар мақола сухан оид ба ҷанбаҳои институтсионалӣ ва иқтисодии муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Муаллиф ба фароҳам шудани заминаҳои меъёрию ҳуқуқии муқовимат бо ин падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир ва ҷаҳду талошҳои Ҳукумати кишвар барои дарёфти роҳҳои пешгирии онҳо таъкид кардааст. Дар баробари ин, зарурати ҷалби фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва пешвоёни динӣ дар пешгирии экстремизм, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва ташаккули фазои таҳаммулнопазирӣ ба идеологияи зӯроварӣ собит гардидааст.

**Калидвожаҳо**: муқовимат ба терроризм ва экстремизм, институтҳо, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, таҳаммулнопазирии идеологияи зӯроварӣ, тадбирҳои иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, коҳиши бекорӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, муқовимат ба маблағгузории терроризм, суботи иҷтимоӣ, сиёсати мақсадноки иқтисодӣ.

# ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТЕРРОРИЗМУ И ЭКСТРЕМИЗМУ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Убайдуллоев Фаридулло Каримович** – к.э.н., заведующий кафедрой международные финансово-кредитные отношения Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: faridullo72@mail.ru SPIN-код автора: 6737-5230.

В статье речь идет об институциональных и экономических аспектах противодействия терроризму и экстремизму в Республике Таджикистан. Автором подчеркнуто значимость создания нормативно-правовой базы для противодействия этим нежелательным явлениям современного мира и усилия правительства страны по поиску путей их предотвращения. В то же время доказана необходимость активного участия институтов гражданского общества, неправительственных организаций, общественных объединений и

религиозных лидеров в предотвращении экстремизма, повышении осведомленности населения и формировании атмосферы нетерпимости к насильственным идеологиям.

**Ключевые слова:** сопротивление терроризму и экстремизму, институты, нормативно-правовая база, нетерпимость к насильственной идеологии, экономические меры, стимулирование экономического развития, сокращение безработицы, уровень жизни населения, сопротивление финансированию терроризма, социальная стабильность, целевая экономическая политика.

## INSTITUTIONAL AND ECONOMIC ASPECTS OF COUNTERING TERRORISM AND EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Ubaydulloev Faridullo Karimovich** - Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone: + (992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru The author's SPIN code:6737-5230

The article deals with the institutional and economic aspects of countering terrorism and extremism in the Republic of Tajikistan. The author emphasizes the importance of creating a regulatory framework to counteract these undesirable phenomena of the modern world and the efforts of the government to find ways to prevent them. At the same time, the need for active participation of civil society institutions, non-governmental organizations, public associations and religious leaders in preventing extremism, raising public awareness and creating an atmosphere of intolerance towards violent ideologies has been proven.

**Keywords**: resistance to terrorism and extremism, institutions, regulatory framework, intolerance to violent ideology, economic measures, stimulating economic development, reducing unemployment, standard of living of the population, resistance to terrorist financing, social stability, targeted economic policy..

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи мураккаби геополитикӣ ҷойгир шудааст, барои муқовимат ба терроризм ва экстремизм кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Бо дарназардошти марзи тӯлонӣ бо Афғонистон, ки дар он вазъи ноустувор ва омилҳои иҷтимоию иқтисодии дохилӣ нигоҳ дошта мешавад, Тоҷикистон дар минтақаи хавфнок қарор дорад.

Заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва тадбирҳои институтсионалӣ дар кишвар бо назардошти таҷрибаи муваффақи байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳукумати Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои стратегии ба мубориза бо терроризм

ва экстремизм равонашударо таҳия ва пайваста амалӣ менамояд. Аз ҳама калидии онҳо «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» мебошад, ки имсол ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда мешавад [1]. Ин стратегия, ки бо дастгирии коршиносони СММ таҳия шудааст, муносибати комплексиро дар бар мегирад, ки кӯшишҳои мақомоти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи байналмилалиро дар ин самт муттаҳид мекунад.

Қадами муҳим қабули таҳрирҳои нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» (2021) [2] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм" (2020) [3] буд. Ин санадҳои қонунгузорӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии муқовимат ба ин таҳдидҳоро муайян, масъулияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои иштирок дар фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ муқаррар ва фаъолияти мақомоти ваколатдорро танзим мекунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо яке аз таҳдидҳои ҷиддитарини замони муосир – терроризм ва экстремизм тадбирҳои мунтазам ва мақсаднок меандешад. Дар ин замина, таҳия ва татбиқи пайдарпайи як қатор ҳуҷҷатҳои стратегӣ шаҳодати сатҳи баланди огоҳии мушкилот ва хоҳиши таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад.

Унсури марказии ин система чуноне дар боло гуфтем, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025 мебошад. Ин ҳуҷҷати асосӣ натиҷаи таҳлили амиқи таҳдидҳои мавҷуда, омилҳои дохилӣ ва беруна, ки ба паҳншавии онҳо мусоидат мекунанд, инчунин таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар ин соҳа мебошад. Таҳияи Стратегия бо иштироки фаъолона ва дастгирии коршиносони Созмони Милали Муттаҳид пойбандии Тоҷикистонро ба стандартҳои байналмилалӣ ва омодагӣ ба ҳамкорӣ дар муборизаи глобалӣ бо терроризм таъкид менамояд.

Хусусияти фарқкунандаи Стратегияи миллӣ муносибати ҳамаҷонибаи он мебошад. Ин маънои онро дорад, ки муқовимат ба терроризм ва экстремизм бо усулҳои зӯрӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ маҳдуд намешавад. Стратегия доираи васеи чораҳоро дар бар мегирад, ки ба рафъи сабабҳои аслии ин падидаҳо, аз ҷумла мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, саводнокии нокифояи ҳуқуқӣ ва динии аҳолӣ, инчунин муқовимат ба таъсири идеологии қувваҳои харобкор равона карда шудаанд.

Татбиқи Стратегия ҳамкории зич ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои мақомоти гуногуни давлатиро дар бар мегирад. Ин на танҳо сохторҳои қудратиро ба монанди Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, балки мақомоти маориф, фарҳанг, иттилоот ва тандурустиро низ дар бар мегирад. Ин

равиши байниидоравӣ имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷуда самараноктар истифода шаванд ва чораҳои ҳамоҳангшудаи вокуниш ба таҳдидҳои пайдошударо таҳия кунанд.

Ҷанбаи муҳим ҷалби фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва пешвоёни динӣ дар пешгирии экстремизм, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва ташаккули фазои таҳаммулнопазирӣ ба идеологияи зӯроварӣ нақши калидӣ доранд. Стратегия дастгирии чунин ташаббусҳоро пешбинӣ мекунад ва барои фаъолияти онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Ниҳоят, Стратегия ба ҳамкории байналмилалӣ диққати махсус медиҳад. Бо назардошти хусусияти фаромиллии терроризм ва экстремизм, мубориза муассир бо онҳо бидуни ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ғайриимкон аст. Стратегия самтҳои афзалиятноки чунин ҳамкориро, аз ҷумла мубодилаи иттилоот, амалиёти муштарак, омӯзиши кадрҳо ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи амният муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025 ҳуҷҷати фарогир ва гуногунҷабҳаест, ки барои муборизаи муназзам ва муассир бо ин зуҳуроти хатарнок бо роҳи муттаҳид сохтани талошҳои давлат, ҷомеа ва ҷомеаи байналмилалӣ заминаи мустаҳкам мегузорад. Татбиқи пайгиронаи он омили асосии таъмини амният ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар сатҳи институтсионалӣ ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи муқовимат ба терроризм ва экстремизм ба зиммаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст, ки дар назди он Котиботи махсус таъсис дода шудааст. Дар ин кор Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дигар идораҳо фаъолона иштирок мекунанд.

Стратегия ва тадбирҳои амалии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо терроризм ва экстремизм доираи васеи самтҳоро фаро мегирад:

– *таҳкими амнияти марзҳо:* ба пурзӯр намудани назорат дар сарҳади давлатӣ, пешгирии гардиши ғайриқонунии силоҳ, маводи мухаддир ва воридшавии ҷангиён диққати махсус дода мешавад. Тоҷикистон бо шарикони байналмилалӣ дар ин самт фаъолона ҳамкорӣ мекунад.

– *такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ:* кор оид ба мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва такмили механизмҳои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони дар фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ дастдошта пайваста идома дорад.

– *огоҳӣ ва пешгирӣ:* кӯшишҳои назаррас ба муайянкунӣ ва рафъи сабабҳои аслии мусоидат ба паҳншавии ғояҳои экстремистӣ, аз ҷумла мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, саводнокии нокифояи динӣ ва таъсири таблиғоти харобиовар, аз ҷумла дар интернет равона карда шудаанд.

– *корҳои иттилоотию таблиғотӣ:* чорабиниҳое гузаронида мешаванд, ки ба баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ дар бораи моҳият ва хатари терроризм ва экстремизм, ташаккули шуури зиддитеррористӣ ва таҳкими таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа равона карда шудаанд.

– *барқарорсозӣ ва реинтегратсия:* барномаҳои барқарорсозии шахсони аз минтақаҳои низоъ баргашта, инчунин реинтегратсияи аъзои собиқи ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд.

– *ҳамкории байналмилалӣ:* Тоҷикистон дар ташаббусҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм фаъолона иштирок мекунад, бо СММ, САҲА, ИДМ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ мекунад. Платформаи муҳим барои чунин ҳамкорӣ «Раванди Душанбе» мебошад, ки расман «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм ва маблағгузории он» ном дорад. Бо сарпарастии Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид (UNOCT) дар доираи раванди мазкур пайваста брифингу семинарҳо ва конференсияҳои сатҳи гуногун гузаронида мешавад. Чунончи, тиқби маълумоти АМИТ «Ховар» 10 октябри соли 2024 брифинги маҷозии намояндагиҳои доимии Тоҷикистон ва Кувайт дар СММ ва оид ба Конфронси байналмилалии «Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои амнияти сарҳадӣ – марҳилаи Кувайтии Раванди Душанбе» (ш. Ал-Кувайт, 4-5 ноябри 2024) баргузор гардид. Дар ин хусус АМИТ «Ховар» бо истинод ба Намояндагии Тоҷикистон дар СММ муфассал гузориш карда буд [4].

Бо вуҷуди талошҳо, Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ дар соҳаи муқовимат ба терроризм ва экстремизм рӯ ба рӯ мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд:

– фаъолияти давомдори созмонҳои байналмилалии террористӣ дар минтақа.

– хавфҳои вобаста ба бозгашти шаҳрвандони Тоҷикистон аз минтақаҳои ҷангзада.

– истифодаи шабакаи Интернет барои паҳн кардани идеологияи экстремистӣ ва ҷалби аъзои нав.

– зарурати ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ки метавонанд ба радикализатсияи аҳолӣ мусоидат кунанд.

Дар оянда барои баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Тоҷикистон муҳим ба назар мерасад:

1) Бо назардошти таҳдидҳои тағйирёбанда идома додани мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ.

2) Тақвияти ҳамкории байни мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.

3) таҳияи барномаҳои пешгирикунанда, ки ба қишрҳои гуногуни аҳолӣ, махсусан ҷавонон нигаронида шудаанд.

4) Густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубодилаи иттилоот ва таҷриба.

5) Таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсоне, ки таҳти таъсири идеологияи экстремистӣ қарор гирифтаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мубориза бо терроризм ва экстремизм ӯҳдадории қатъӣ нишон дода, дарк менамояд, ки танҳо талошҳои ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшуда дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ қодиранд амнияти кишвар ва минтақаро таъмин намоянд.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм на танҳо масъалаи амният ва тартиботи ҳуқуқӣ, балки вазифаи муҳими иқтисодӣ низ мебошад. Ин падидаҳо ба иқтисодиёт дар сатҳҳои гуногун, аз як корхонаи алоҳида то тамоми минтақаҳо ва давлатҳо таъсири харобиовар мерасонанд. Дар навбати худ, омилҳои иқтисодӣ метавонанд ҳамчун муҳити ғизоӣ барои паҳн кардани ғояҳои радикалӣ амал кунанд.

Зарари иқтисодӣ аз терроризм ва экстремизмро мухтасар чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

***Талафоти мустақим:*** амалҳои террористӣ ва зуҳуроти экстремистӣ ба нобудшавии молу мулк, вайроншавии инфрасохтор, ҳалокат ва осеби одамон оварда мерасонанд. Ин боиси талафоти мустақими молиявӣ вобаста ба барқарорсозӣ, ҷубронпулӣ ва табобати шахсони зарардида мегардад.

***Паст шудани ҷолибияти сармоягузорӣ*:** ноустуворӣ ва таҳдиди зӯроварӣ сармоягузоронро ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ метарсонад. Кам шудани сармоягузорӣ боиси суст шудани рушди иқтисодӣ, кам шудани ҷойҳои корӣ ва кам шудани даромади андоз мегардад.

***Коҳиши ҷараёни сайёҳӣ:*** ҳамлаҳои террористӣ ва вазъи умумии ноустувор ба саноати сайёҳӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Кам шудани шумораи сайёҳон ба коҳиши даромади корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, меҳмонхонаҳо, ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва соҳаҳои марбут ба онҳо оварда мерасонад.

***Афзоиши хароҷоти бехатарӣ:*** давлат маҷбур аст, ки хароҷоти тақвияти чораҳои амниятӣ, кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсус ва

артишро зиёд кунад. Ин маблағҳо метавонанд ба дигар эҳтиёҷоти иҷтимоию иқтисодӣ, ба монанди маориф, тандурустӣ ё рушди инфрасохтор равона карда шаванд.

***Вайрон кардани савдо ва логистика:*** таҳдидҳои террористӣ метавонанд боиси афзоиши назорат дар сарҳадҳо, таъхири таҳвили молҳо, афзоиши хароҷоти нақлиёт ва дар натиҷа, гарон шудани маҳсулот ва паст шудани рақобатпазирии иқтисодиёт шаванд.

***Таъсири равонӣ:*** фазои тарс ва номуайянӣ, ки аз амалҳои террористӣ ба вуҷуд омадааст, метавонад ба фаъолияти истеъмолкунандагон ва эътимоди тиҷорат таъсири манфӣ расонад, ки ин ҳам рушди иқтисодиро бозмедорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки омилҳои зерини иқтисодӣ ҳамчун муҳити бавуҷудоии терроризм ва экстремизм шуда метавонанд: бекорӣ ва камбизоатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва рушди нобаробари минтақавӣ, набудани таҳсилот ва имкониятҳои худшиносӣ, коррупсия ва ғ. Дар шарҳи ин омилҳо гуфтан мумкин аст, ки сатҳи баланди бекорӣ, алахусус дар байни ҷавонон ва паҳншавии камбизоатӣ метавонад ҳисси ноумедӣ ва беадолатии иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, одамонро ба ғояҳои радикалӣ бештар ҷалб ва онҳоро ба доми миссионерҳои созмонҳои экстремистӣ афтонад. Аз тарафи дигар, тафовути назарраси даромад дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва рушди нобаробари минтақаҳо метавонад ташаннуҷи иҷтимоӣ ва эҳсоси хафагиро афзоиш диҳад, ки экстремистҳо метавонанд барои ҷалби ҳаводорони нав аз он сӯистифода кунанд. Ба ҳамин монанд, дастрасии маҳдуд ба таҳсилоти босифат ва набудани дурнамо барои рушди касбӣ метавонад ҷавононро ба таъсири таблиғоти радикалӣ, ки ҳалли яқинан бардурӯғи мушкилоти мураккабро пешниҳод мекунанд, осебпазиртар кунад. Сатҳи баланди коррупсия дар ҷомеа метавонад эътимоди аҳолиро коҳиш диҳад ва эҳсоси беҷазоиро ба вуҷуд орад, ки метавонад ба паҳншавии рӯҳияи экстремистӣ мусоидат кунад.

Вобаста ба омилҳои зикршуда тадбирҳои иқтисодии муқовимат ба терроризм ва экстремизм тақвият бахшидан мубрам ба назар мерасад. Чуноне дар боло қайд гардид, бо дарназардошти робитаи байни иқтисод ва терроризму экстремизм, тадбирҳои иқтисодӣ дар стратегияи ҳамаҷонибаи мубориза бо ин таҳдидҳо нақши муҳим доранд. Аз ҷумла:

**Таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ:** татбиқи барномаҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, дастгирии тиҷорати хурду миёна, ҷалби сармоягузорӣ ба коҳиши бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда, ба ин васила ҳавасмандии иқтисодиро барои шомил шудан ба созмонҳои ифротӣ коҳиш медиҳад.

**Коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ:** барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ, ки ба дастгирии табақаҳои

камбизоати аҳолӣ, рушди минтақаҳои ақибмонда ва дастрасии баробар ба имкониятҳо нигаронида шудаанд, метавонанд шиддати иҷтимоиро коҳиш диҳанд ва ҷолибияти ғояҳои радикалиро коҳиш диҳанд.

**Рушди таҳсилот ва таълими касбӣ:** сармоягузорӣ ба таҳсилоти босифат ва барномаҳои таълими касбии ҷавонон ба рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат мусоидат мекунад ва роҳҳои алтернативии иҷрои худро фароҳам меорад.

**Мубориза бо зуҳуроти коррупсионӣ:** баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳии ниҳодҳои давлатӣ, мубориза бо коррупсия ва таъмини волоияти қонун ба таҳкими эътимоди аҳолӣ ба ҳокимият мусоидат намуда, имконияти истифодаи мушкилоти иқтисодиро барои мақсадҳои экстремистӣ коҳиш медиҳад.

**Муқовимат ба маблағгузории терроризм:** тадбирҳои муассир оид ба пайгирӣ ва ҷилавгирии ҷараёни молиявие, ки ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ истифода мебаранд, унсури муҳими мубориза бо онҳо мебошанд. Ин пурзӯр кардани назорат аз болои системаи бонкӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва дигар каналҳои эҳтимолии маблағгузориро дар бар мегирад.

**Дастгирии иқтисодии зарардидагони терроризм:** расонидани кӯмаки молиявӣ ва дигар кӯмак ба қурбониёни амалҳои террористӣ ва оилаҳои онҳо на танҳо чораи башардӯстона, балки ба барқарорсозии суботи иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, ҷанбаҳои иқтисодӣ ҳам дар генезис ва ҳам дар муқовимат ба терроризм ва экстремизм нақши муҳим доранд. Муборизаи бомуваффақият бо ин таҳдидҳо муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки на танҳо чораҳои зӯроварӣ ва ҳуқуқӣ, балки сиёсати мақсадноки иқтисодиро дар бар мегирад, ки ба эҷоди рушди устувори иқтисодӣ, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ нигаронида шудааст. Аз ин лиҳоз, сармоягузорӣ ба некӯаҳволии иқтисодӣ як ҷузъи муҳими стратегияи дарозмуддати амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад.

## Адабиёт

1. «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/main-menu/%D1%81

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, № 1808 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» / ш. Душанбе, 2 январи соли 2020, № 1655 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content

4. «Раванди Душанбе». Брифинги муштарак оид ба Конфронси байналмилалии сатҳи баланд / Душанбе, 11.10.2024 /АМИТ «Ховар» [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2024/10/ravandi-dushanbe-brifingi-mushtarak-oid-ba-konfronsi-bajnalmilalii-sat-i-baland-barguzor-gardid/

## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ВАБОИ АСР ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

**Темурбекова София Давронбековна -** н.и.ф.-м., дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар щтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумуҳрии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимова, 64/14., тел.: 935697773, E-mail: sofish-83@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи амиқи паҳлуҳои мухталифи падидаҳои хавфноки терроризм ва экстремизм дар шароити муосир бахшида шудааст. Дар он бо такя ба таҳлилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ нишон дода мешавад, ки терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои асри XXI на танҳо амнияти миллӣ, балки суботу оромии тамоми ҷомеаи ҷаҳонро зери хатар мегузоранд. Дарк менамоем, ки афзоиши ин зуҳурот бештар ба нобаробарии иҷтимоӣ, идеологияҳои ифротӣ, сатҳи пасти маърифати сиёсӣ, таъсири манфии интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин дахолати неруҳои хориҷӣ вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, амнияти миллӣ, ифротгароӣ, хатарҳои ҷаҳонӣ, пешгирии терроризм, ҷалби ҷавонон, суботи ҷомеа, маърифатнокии сиёсӣ, абакаҳои иҷтимоӣ.

## ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ — ЧУМА ВЕКА В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

**Темурбекова София Давронбековна - к.ф.-м.н.,** доцент кафедры прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14., тел.: 935697773, E-mail: sofish-83(a),mail.ru

Статья посвящена глубокому изучению различных аспектов опасных явлений терроризма и экстремизма в современных условиях. В ней на основе социально-политического и исторического анализа показано, что терроризм и экстремизм, как чума XXI века, угрожают не только национальной безопасности, но и стабильности и миру всего мирового сообщества. Мы понимаем, что рост этих явлений во многом обусловлен социальным неравенством, экстремистскими идеологиями, низким уровнем политического образования, негативным влиянием Интернета и социальных сетей, а также вмешательством иностранных сил.

**Ключевые слова**: терроризм, экстремизм, национальная безопасность, экстремизм, глобальные угрозы, профилактика терроризма, вовлечение молодежи, социальная стабильность, политическая осведомленность, социальные барьеры.

## TERRORISM AND EXTREMISM — THE PLAGUE OF THE CENTURY IN THE MODERN WORLD

**Temurbekova Sofiya Davronbekovna,** Candidate of Physical and Mathematical Sciences, acting Associate Professor of the Department of Applied Informatics in Economics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14., tel.: 935697773, E-mail: sofish-83@mail,

The article is devoted to a deep study of various aspects of the dangerous phenomena of terrorism and extremism in modern conditions. Based on socio-political and historical analysis, it is shown that terrorism and extremism, as the plague of the 21st century, threaten not only national security, but also the stability and peace of the entire world community. We understand that the growth of these phenomena is largely due to social inequality, extremist ideologies, low level of political education, the negative impact of the Internet and social networks, as well as the intervention of foreign forces.

**Keywords**: terrorism, extremism, national security, extremism, global threats, terrorism prevention, youth involvement, social stability, political awareness, social barriers.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI инсоният ба хатари ҷиддӣ, мисли ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ шуд, ки ба бақои одаму олам таҳдид мекунад.

Албатта ба ақидаи бархе аз олимон ифротгароӣ ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тамоми тӯли таърих ҳамроҳӣ намуданд, ин андеша бе асос нест ва решаҳои онҳо хеле чуқур мебошанд. Дар асоси таҳлилҳо то ҳол касе аз олимони соҳаи ва кормандони мақомот саҳеҳ гуфта наметавонад, ки якумин амалиёти террористӣ кай, дар куҷо ва бо кадом мақсад сар задааст.

Ба ақидаи олимони таърихшинос аз асрҳои миёна то ҳол ҳам шахсони инфиродӣ ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатофаринӣ мехостанд мақсадҳои нопоки худро пиёда намоянд, зимни ин одамони бегуноҳ қурбон мешуданд.

Дар баробари зиёд шудани омилҳои тероризм ва экстремизм солҳои охир вокунишиҳо низ рӯз то рӯз зиёд шудаанд, ки пур аз тазод, мушкилот, ихтилофу зиддиятҳост, доир ба афзудан ва густариши экстремизм, фундаментализм, терроризм ва дигар зуҳуроту падидаҳои номатлубу хатарафзо зиёд ҳарф мезананд ва менависанд.

Экстремизм ва терроризм аз мафҳумҳое ҳастанд, ки дар дунёи имрӯза вирди забони ҳама шудааст ва ин ду мафҳум ба ҳам пайваст мебошад. Экстремизм (тундравӣ, аз андоза гузаштан) ба терроризм меорад.

Истилоҳи «терроризм» аз калимаи лотинии «terror» маншаъ гирифта, маънояш «тарс ва ваҳм» аст. Террористон мехоҳанд мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд. Террор кардан ҷомеаро ба ҳолати тарсу ваҳшат ва ноумедӣ афкандан аст. Дар доири ин дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013 чунин таъкид шудааст: «Мутаассифона, дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини ислом мухолиф аст ва ба он иснод меорад».

Дар охири асри гузашта ва ибтидои асри XXI амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ бештар характери сиёсӣ гирифтанд, доираи фаъолияти террористон хеле васеъ гардид. Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави террористӣ ба мафҳуми киберҷиноят ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯйи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

Дар тамоми саросари ҷаҳон амали киберҷиноятро ҳамчун амали ғайриқонунӣ ё ҷиноятеро мешуморанд, ки дар асоси технологияи рақамӣ ҳамчун таҷҳизот ва ё ҳадаф истифода мешавад. Ба тарви муфассал метавонем мафҳуми киберҷиноятро ҳамчун дарстрасии беиҷозат ба компютери фардӣ, дастгоҳои мобилӣ, ҳисоботҳои шахсӣ, дигаргунсозии маълумотҳои шахсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, дастрасӣ ба суратҳисобҳои бонкӣ ва ё, ин ки фазои абрии фардӣ маънидод кунем. Бояд қайд кард, ки дар баробари зиёд шудани имкониятҳои техникӣ амалҳои киберҷиноят зиёд шуд.

Дар замони муосир ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳое ҳастанд, ки кӯшиш менамоянд, мақсаду маром, ғояву андеша, афкор ва нақшаҳои худро бо ҳар роҳу васила ва ҳатто бо амалҳои тундравона амалӣ созанд. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон экстремизм бештар аз ҳама дар соҳаи дин дучор омада, ин падида дар тамоми гӯшаву канори сайёраи мо ба амал меояд. Имрузҳо онҳо барои халалдор намудани амнияти давлату миллат роҳву усулҳои навро тавассути шабакаҳои иҷтимои ва messenger дарёфт намуда аз нокифоягии дониши диниву сиёсии ҷавонон дарёфт намуда онҳоро тавасути сомонаҳо барои иҷрои амалҳои номатлуб омода менамояд. Дар ин замина рӯз то рӯз шумоари киберҷинояткорон чи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар арсаи байналмилалӣ зиёд шуда истодааст, ки сабабҳои гуногунро ба монанди нокифоягии дониши ҷавнон, ба даст овардани маблағи калон ва

беназоратии фарзанд аз тарафи волидайн доро мебошад. Амали киберҷиноят на танҳо барои халалдор намудани амнияти миллат балки ба бухрони молиявӣ овардани иқтисодиёти миллатро аз қабили дастраси ба маълумотҳои тиҷоратӣ, фаъолияти мағозаҳои электронӣ, Web-сомонаҳои вазорату корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ ва интендификаторҳои почтаҳои электронӣ оварда мерасонад.

Дар барораи рушти технолгияи рақамӣ донишҳои нави замонавӣ барои мустакам намудаи кабсияти мутахассисон мусоидат менамояд ва чихеле, ки таърихи афкору андешаи инсонӣ исбот менамояд, илму дониш ҳеҷ вақт душмани дину имон набуда, балки бар зидди хурофот, куҳнапарастӣ, бофтаҳои баъзе диндорони бесаводу чаласавод буд. Ягон мутафаккир ё донишманди асили замони гузашта ва муосир низ бар зидди дин набаромадааст, балки хурофот, нодонӣ, ҷаҳолатро зери интиқод қарор додааст.

**Ҷадвали 1. - Таъсири омилҳои ҷинояткории киберї ба ИДМ**

| Солҳои бақайдгирии гурӯҳҳои киберҷинояткор | 2011 | 2014 | 2016 | 2017 | 2021 | 2022 | | 2023 | | | | 2024 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | XDSpy | Cloud Atlas | APT31 | Space Pirates | Core Werewolf | Yoro Trooper | (Ex) Cobalt | Sticky Werewolf | Mysterious [illegible] | Sneaky Chef | Hellhounds | ReaverBids | PhantomCore | Hazy Koala | Sapphire |
| Муассисаҳои давлатӣ | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | + | |
| Комплекси саноатӣ ва харбӣ | + | | | | + | | | | + | | | | + | | + |
| Саноат | + | + | | + | + | + | + | + | + | | + | + | | | + |
| Ширкатҳои молиявӣ | + | | | | | | | | | | | | | + | |
| Телекоммуникатсия | | | | | | | + | + | | | + | + | | + | |
| Илм ва маориф | + | + | | + | + | | + | + | + | | + | | | + | + |
| Ширкатҳои IT | | | + | + | | | + | | + | | + | | | | + |
| Муассисаҳои тиббӣ | | | | | | + | | + | | | + | | | + | |
| Савдо | | | | | | | | | + | | + | + | | | |
| Дигарҳо | | + | | + | + | | | + | | | + | + | | | |

**Сарчашма:**ptsecurity.com/ru-ru/research/analytics/aktualnye-kiberugrozy-v-stranah-sng-2023-2024/#id13[3]

Ҳадафҳои асосии ҳамлаҳо бахши молиявӣ (28%), сохтмон (24%), саноат (14%) ва нақлиёт (9%) мебошанд. Дар маҷмӯъ дар ИДМ: дар семоҳаи дуюми соли 2024 шумораи ҳамлаҳои киберӣ нисбат ба семоҳаи дуюми соли 2023 260% афзоиш ёфтааст. Дар Тоҷикистон, дар доираи ИДМ ин тамоюл шадидтар шудааст - бахусус бо афзоиши ҳамлаҳои DDoS (18% нисбат ба 8% миёнаи ҷаҳонӣ).

Дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар Иҷлосияи сеюми фавқулодаи Созмони Конфронси исломӣ, ки дар шаҳри Макка 7-уми декабр соли 2005 баргузор гашт, гуфта буданд: «Террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани Худову бандагони ӯст... Ин гуна неруҳо аз номи ислом амал намуда, номи неки онро доғдор мекунанд ва манфиатҳои душманону бадхоҳони фарҳанги болои исломиро пиёда месозанд».

Ба далели рақамисозии ҳукумат ва иқтисод кишварҳо аз интернети фарох истифода мебаранд ва бо назардошти ин имкон, усулу усулҳои киберҷинояткорон низ рӯз то рӯз афзоиш ва тағйир меёбанд, ки мо метавонем дар мақолаи илмӣ [1], мушкилоти интернет, веб-браузер, провайдери хидматрасони интернет (ISP), суроғаи IP, қаллобии почтаи электронӣ, вирусҳои компютерӣ, кирмҳои компютерӣ, нармафзори таблиғотӣ ва барномаҳои ҷосусӣ ворид кунем.

Рақамизатсияи иқтисодиёт бо пайдоиши мушкилоти амнияти иттилоотӣ ҳамроҳӣ мекунад, ки дар системаҳое, ки объектҳо ва ташкилотҳои муҳимро дар сатҳи хусусӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба истифода ва коркарди иттилоот нигаронида шудаанд, зоҳир мекунанд[4].

Бисёр мушкилоти душвори ғайричашмдошт, ки аз киберҷинояткорон ва террористони киберӣ пеш хоҳанд буд, ки онҳоро бо шарикии наздик ва мусбат ва ҳамкории ҳам шахсони алоҳида ва ҳам ҳукумат пешгирӣ кардан мумкин аст. Ҳадафи мо тамаркуз ба муҳити компютерии бехатар ва боэътимод барои ҳама мебошад. Ин бешубҳа барои нигоҳ доштани амнияти миллӣ ва иқтисоди мо хеле муҳим аст. Киберҷиноятҳо барои шуъбаи кормандони мақомотҳои давлатӣ як ҳушдори нав мебошад. Тамоми кормандон фаъолиятро тавассути технологии рақамӣ ба роҳмонда истодаанд, ки онҳо бевоста ба Интернет пайваст мебошанд. Гарчанде ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои гуногун барои кам кардани ҷиноятҳои киберӣ ва истифодаи бехатари интернет андешида истодааст, аммо қонуни киберӣ наметавонад статикӣ бошад. Онро дар баробари пешрафти техника ва замон катъиян тағьир додан лозим аст.

Тибқи маълумоти Лабораторияи Касперский, аз аввали соли 2024 тақрибан 60,7% корбарон дар Тоҷикистон ба таҳдидҳои киберӣ дучор шудаанд, ки дар байни кишварҳои ИДМ баландтарин нишондод буда, муқоиса ба Белоруссия — 59,8%, Туркманистон — 59,6% ва Узбекистон — 58,7% баландтар мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 41% баробар буда, нисбат ба соли ҳисоботи 17,7% баландтар мебошад.

Имрӯз ки Тоҷикистон соҳибистиқлол шудааст ва дар ҷаҳон мавқеи худро ёфта, ҳамчун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шуда, пеш рафта истодааст ва ин барои баъзе қувваҳои дохилию берунӣ писанд нест ва онҳо мехоҳанд, ки ҷомеаи мо ноором бошад, аз ин лиҳоз ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои бегонаро дастгирӣ менамоянд. Аз ин ҷо, мо бояд ҳушёр бошем, дар атрофи Сарвари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон муттаҳид гардида, худшиносӣ ва ғурури миллиамонро баланд бардорем, Ватанамонро, ки Тоҷикистон ном дорад, ҳифз намоем ва обод созем. Парчами ваҳдати миллиро ҳамеша боло бардорем.

## Адабиёт

1. Cagnin, C., Havas, A., Saritas, O., Future-oriented technology analysis: Its potential to address disruptive transformations. Technol. Forecasting Social Change, 80, 3, 379–385, March 2013.

2. Темурбекова С.Д. Исследование проблем кибербезопасности по новейшими технологиям //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических общественных наук (ISSN-2413-5151) №7. Душанбе - 2019 г., стр. 279-284;

3. Актуальные киберугрозы в странах СНГ 2023-2024.

**4.** Назмеева Л.Р. Цифровая трансформация эконо влияние на преступность и пр ее предупреждения// ВЕСТНИК Казанского юридического института МВД России. № 1(39) 2020, стр. 69-74

## ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ - ТАҲДИД БА АМНИЯТ БА СУБОТИ ҶОМЕА

**Исматуллозода Азизулло Исматулло** - директори Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

**Тураева Навбаҳор** - китобдори калони китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Масъалаи экстремизм ва терроризм — таҳдид ба амният ва суботи ҷомеа яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба ҳисоб меравад, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Дар ин мавод масъалаи паҳншавии ғояҳои ифротгароёна ва амалиётҳои террористӣ баррасӣ гардида, омилҳои асосии пайдоиш ва паҳншавии онҳо таҳлил мешаванд. Инчунин, ба нақши ин зуҳурот дар халалдор сохтани амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Дар таҳқиқот роҳҳои пешгирии экстремизм ва терроризм, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва дунявии аҳолӣ, татбиқи чорабиниҳои пешгирӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ низ баён ёфтаанд. Мақсади асосии ин таҳқиқот огоҳии ҷомеа аз хатарҳои мазкур ва ташаккули мафкураи солим дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** Экстремизм, терроризм, амнияти миллӣ, суботи ҷомеа, ифротгароӣ, таҳдиди амният, пешгирии терроризм, ҷавонон ва ифротгароӣ, мубориза бо терроризм, ташвиқоти ифротӣ, хатарҳои замони муосир, ҷомеаи шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ, сиёсати зиддиэкстремистӣ

## ЭКСТРЕМИЗМ И ТЕРРОРИЗМ – УГРОЗА БЕЗОПАСНОСТИ И СОЦИАЛЬНОЙ СТАБИЛЬНОСТИ

**Исматуллозода Азизулло Исматулло** - Директор Научной библиотеки Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

**Тураева Навбахор** - Старший библиотекарь Научной библиотеки Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

Проблема экстремизма и терроризма — угроза безопасности и стабильности общества — одна из актуальных тем современности, вызвавшая беспокойство мирового сообщества. В данном материале рассматривается проблема распространения экстремистских идей и террористических актов, анализируются основные факторы их возникновения и распространения. Также уделяется

внимание роли этого явления в подрыве национальной безопасности и социальной стабильности. В исследовании также намечены пути профилактики экстремизма и терроризма, в том числе повышение правового и светского образования населения, реализация профилактических мер и укрепление международного сотрудничества. Основной целью данного исследования является повышение осведомленности населения об этих опасностях и формирование здоровой идеологии у различных слоев населения.

Ключевые слова: Экстремизм, терроризм, национальная безопасность, социальная стабильность, экстремизм, угроза безопасности, профилактика терроризма, молодежь и экстремизм, борьба с терроризмом, экстремистская пропаганда, современные угрозы, гражданское общество, правовое просвещение, общественная безопасность, антиэкстремистская политика

## EXTREMISM AND TERRORISM – A THREAT TO SECURITY AND SOCIAL STABILITY

**Ismatullozoda Azizullo Ismatullo** - Director of the Scientific Library of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.

**Turaeva Navbahor** - Senior Librarian of the Scientific Library of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.

The problem of extremism and terrorism – a threat to the security and stability of society – is one of the pressing issues of our time, which has caused concern among the world community. This material examines the problem of the spread of extremist ideas and terrorist acts, analyzes the main factors of their emergence and spread. Attention is also paid to the role of this phenomenon in undermining national security and social stability. The study also outlines ways to prevent extremism and terrorism, including increasing the legal and secular education of the population, implementing preventive measures and strengthening international cooperation. The main goal of this study is to increase public awareness of these dangers and form a healthy ideology among various segments of the population.

**Keywords:** Extremism, terrorism, national security, social stability, extremism, security threat, terrorism prevention, youth and extremism, combating terrorism, extremist propaganda, contemporary threats, civil society, legal education, public security, anti-extremist policy

Имрӯз дар ҷомеи ҷаҳонӣ ба майдон омадани ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ва гурӯҳҳои манфиатхоҳу манфиатҷӯи ифротгаро боиси

мушкилоти зиёд гардидааст. Барои монеъ шудан ба фаъолияти ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои гумроҳкунанда аксарияти давлатҳои дунё ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҳамарӯза талош варзида истодаанд. Гап дар сари он меравад, ки: "Имрӯз терроризм бо назардошти таҳдиди терроризми технологӣ, ки дар он аслиҳаи ядроӣ, химиявӣ, бактериологӣ истифода шуда метавонад, ҳамчунин аз тарафи террористон интихоб кардани иншооти амалиёти террористӣ на танҳо чун ҷинояти дохалидавлатӣ, ки ба манфиати шахсони ҷудогона, ҷомеа ва давлате дониста мешавад, балки ба муътадил гардонидани муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ низ зиён мерасонад".[4] Дар иртибот ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. Вобаста ба масъалаи экстремизм Қ. Искандаров ва дигарон қайд менамоянд, ки «экстремизм ҳамчунин зиёдаравӣ дар ҳамагуна соҳаҳои фаъолият мушоҳида карда мешавад ва вобаста аз вазъияти дар ҷомеа ба амал омада метавонад, баҳои мусбӣ ё манфиро соҳиб шавад. Экстремизм дар илм, адабиёт, варзиш, дар муд, ҳайкалтарошӣ, дигар намудҳои санъат метавонад ба дигаргуниҳо, навигариҳо, ҷараёнҳои нав, мактабҳои нав оварда расонад.[5] Таҳдидҳои террористӣ шаклу усулҳои тозаро касб карда, доманаи онҳо васеъ гардида, тарзҳои содир намудани ҳамлаҳои террористӣ ва ҳадафҳои онҳо тағйирёбандаанд.

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон чун як давлати мустақил ба арсаи ҷаҳонӣ қадамҳои нахустини худро дар солҳои 90-уми асри XX гузошта, пеш аз ҳама, ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардид ва ба ҷиноятҳои ҳам анъанавӣ ва ҳам навини асри XX-XXI - аз қабили терроризм, экстремизм, сепаратизм, хариду фурӯши силоҳ, савдои одамон ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дучор гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди зуҳуроти терроризм ва экстремизм чун як иштирокчии фаъол мешиносанд ва арзёбӣ мекунанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки аз 16 ноябри соли 1999 қабул гардидааст, мавқеи кишвар дар ин самт тибқи талаботи санадҳои меъёрии байналмилалӣ мушаххасан дарҷ гардидааст ва Тоҷикистон уҳдадориҳои худро дар ин замина ба таври доимӣ ба анҷом мерасонад. Илова бар ин, 2-юми январи соли 2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" қабул шуд, ки мақсади асосии қабули қонун муайян намудани асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат бо экстремизм мебошад. Дар моддаи 1-уми Қонуни мазкур мафҳуми экстремизм ба

---

[4]Санавваров Ғ.Б.,Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм: масъалаи ташаккули қонунгузорӣ // Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ/таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М.- Хуҷанд: Дабир, 2023. – 619 с.

[5] Искандаров Қ., Назаров Н.Ҷ., Абдуллоев Р.С. Решаҳо, сабабҳо ва моҳияти ифродгароӣ ва терроризм, омилҳои паҳншавии он / Санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ бар зидди терроризм ва экстремизм (ифродгароӣ) – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 308 с.

234 таври зайл омадааст: “Экстремизм – ифодаи мафкура ва фаъолияти эктремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст.[6]

Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ба ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст ва чӣ тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромадҳои хеш борҳо таъкид намудаанд: “Террорист ва экстремист Ватан, миллат, дин ва мазҳаб надорад, дини мубини ислом ва хусусан мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафия, ки мо пайравони он ҳастем, дини мубини тарбияву адаб, ахлоқи ҳамида, сулҳу салоҳ ва башардӯстиву инсонпарварӣ мебошад”.[7] Террор ҳамчун роҳи расидан ба ҳадафҳо дар муборизаи сиёсӣ тавассути зӯроварии ҷисмонӣ ва таҳдиди ахлоқӣ ва равонӣ аз замони пайдоиши тамаддуни башарӣ маълум аст. Аммо имрӯз терроризм ба яке аз хатарноктарин мушкилоти глобалии замонӣ мо, таҳдид ба амнияти тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи тероризм ҳамчун амали ношоиста ин: “«ин амалҳо ҳамеша бо мақсади худнамоишдиҳї ва бо нияти дар байни мардум ва дар сатҳи ҳукумат ба зуҳур овардани тарс ва таҳлука гузориш меёбанд»”[8] ба шумор меравад.

Терроризм, ҳамчун падидаи ҷиноятӣ, кирдори ғайриқонунӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, ки дар содир намудани таркишҳо, оташ задан ё дигар амалҳое ифода ёфтааст, ки хавфи талафоти ҷомеаро ба вуҷуд меорад, боиси зарари калони молумулкӣ ё ба вуҷуд омадани дигар оқибатҳои барои иҷтимоӣ хавфнок мегардад. Муҳаққиқи ватанӣ Муродова Н.С. бо маврид қайд мекунад, ки “Терроризми муосир ба раванди инкишофи сиёсии муосир зид аст, зеро он омилҳои зиддиинсониро, ки пеш аз ҳама бо куштори инсон алоқаманд аст, ҷонибдорӣ намуда, амалан истифода мебарад”[9]Ин кирдорҳо бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, тарсондани аҳолӣ ё таъсир расондан ба қабули қарорҳои сохторҳои давлатӣ, инчунин, таҳдиди содир намудани амалҳои зикршуда ба ин мақсадҳо содир карда мешавад. Терроризм идеологияи зӯроварӣ ва фаъолиятҳои террористиро дар шаклҳои гуногун истифода мебарад.

Фаъолияти террористӣ ба нақша гирифтани таъсис ва (ё) таъсиси сохторҳои террористӣ, ҷалб намудан ба фаъолияти террористӣ, маблағгузорӣ ва кӯмаки дигар

---

[6] Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”(2007),(2020).

[7] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022, шаҳри Душанбе

[8] Келин С.Г. Терроризм: психологические корни и правовие оценки государство и право, 1995 № 4

[9] Муродова Н.С. Терроризм - таҳдид ба ҷомеаи муосир // Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ/таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М.- Хуҷанд: Дабир, 2023. – 619 с.

ба ин фаъолият, таблиғи усулҳои зӯроваронаи ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию сиёсӣ, инчунин, содир намудани амалҳои террористиро дар бар мегирад. Муҳаққиқи дигари ватанӣ бомаврид таъкид менамояд, ки: "Терроризм, террорист, фаъолияти террористӣ-калимаю ибораҳое мебошанд, ки одатан ҳар рӯз ба воситаи расонаҳои хабарӣ пахш шуда, шаҳрвандонро безобита мекунад ва боиси ноумедии онҳо аз зиндагии хушу осоишта мегарданд".[10]

Терроризм ҷинояти сермаънӣ буда, ҳадафи асосии он ҳамла ба амнияти ҷамъиятӣ, инчунин, ҳамла ба:

- ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон;
- иншооти муҳимми инфрасохторӣ;
- муҳити табиӣ;
- муҳити иттилоотӣ;
- мақомоти давлатӣ;
- ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.

Коршиносони ин соҳа тақрибан 200 намуди фаъолияти муосири террористиро муайян кардаанд. Аз инҳо - терроризми сиёсӣ, терроризми миллӣ, терроризми динӣ, терроризми ҷиноятӣ хеле маълуму инкишофёфтаанд.

Усули асосии фаъолияти террористӣ дасиса (тарсондан)-и мақомот ва аҳолӣ бо таҳдиди талафоти ҷонӣ, расонидани зарари калони молумулкӣ ё ба вуҷуд овардани дигар оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, бо мақсади вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ ва таъсир расондан ба қабули қарорҳои барои террористон фоиданок будаи сохторҳои давлатӣ сурат мегирад.

Қурбонии террористиро ҳамчун рафтору кирдорҳои муносибати бераҳмона ё беадолатона нисбат ба касе фаҳмида мешавад. Ин ҷараён қурбонии терроризмро баррасӣ мекунад, ба монанди омилҳое, ки дар муайян кардани кӣ қурбонии ҳамлаи террористӣ мешаванд, накш мебозанд.

Мутаасифона таҳлилҳо нишон медҳанд, ки бисёре аз қурбониёни терроризм дар ин ё он минтақа асосан ҷавонон мебошанд. Аз ин рӯ, "ҷавононро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, сабабу омили шахсони ифротгар ва гурӯҳҳои терроризмро биомӯзанд ва барои дифоъи он кӯшиш кунанд, то сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвар ҳифз гардад. Ба мо ҳамагон лозим аст, кушиш ба харҷ диҳем, фарҳанги динию миллиамонро боло бардорем. Ба ҷомеа хосатан ҷавононамон фаҳмонда тавониста бошем, ки бо тақлидҳои кур-курона дунболи гурӯҳҳои ифротӣ нараванд".[11]

---

[10] Соатмуминов Р.Ш. ва дигарон. Мақом ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм // "Endless Light in Science". Махзани электронӣ. [Матн]: Дастрас аз: https://irc-els.com/ru/ (Санаи муроҷиат 11.10.2023).

[11] Маҳмудов М.Қ. Ҷавонон ва хатарҳои ҷомеаи иттилоотӣ// Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ/таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М.- Хуҷанд: Дабир, 2023. – 619 с.

Ҳамлаҳои террористиро ба таври васеъ метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: ҳадафмандона ва бетарафӣ. Дар таърих терроризм асосан ба гурӯҳи якум дохил шудааст.

Тавре ки қаблан зикр гардид, ҳамлаҳои террористӣ ҳамчун воситаи амалҳои дорои ангезаи сиёсӣ ба муқобили аъзои мушаххаси ҳукуматҳо ё шахсиятҳои сиёсӣ, барои расидан ба ҳадафи мушаххаси сиёсӣ, истифода мешаванд.Чунин ҳамлаҳо як ҷузъи иштирок дар низоъ, ҳарчанд ғайримустақим, байни гурӯҳи террористӣ ва душманиро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, терроризми муосир бо афзоиши басомад ва миқёси зӯроварии бесарусомонӣ тавсиф мешавад.

Қурбониёни ҳамлаҳои террористӣ маъмулан бо назардошти хусусиятҳои фардии худ интихоб намешаванд, балки қурбониёни “тасодуфӣ” ҳастанд, ки онҳо дар вақти нодуруст дар ҷои нодуруст қурбонӣ мешаванд. Ин қурбониён ҳамчун асбобе хизмат мекунанд, ки ба субъектҳои дигари террористӣ хизмат мерасонанд.

Қисман ин унсури пешгӯинашаванда ва тасодуфӣ дар интихоби қурбонӣ аст, ки ба терроризм қудрати муосири худро медиҳад - қудрате, ки тавассути намоиш ва такрори тасвирҳои амалҳои қурбонӣ дар ВАО хеле афзоиш ёфтааст.

Ин таҳаввул дар маркази диққти терроризм буда, гузариш аз терроризми инфиродӣ ба куштори оммавӣ ва ҷанги равониро инъикос мекунад. Бо ин амалҳо, терроризм кӯшиш мекунад, ки аҳолӣ ва ё роҳбариятро бо тарсу ваҳми қурбонӣ шудан маҷбур созад.

Қурбониёни аввалини (бевоситаи), амалҳои террористӣ:

• онҳое, ки аз ҷониби силоҳбадастони одамрабоён, амалҳои террористӣ, гаравгонгирон, ба марг, дар таркишҳо қурбон мешаванд;

• онҳое, ки аз ҷониби террористон маҷрух шудаанд, маъюб шудаанд ё таҳти шиканҷаи равонӣ қарор гирифтаанд, вале дар ниҳоят озод мешаванд;

• онҳое, ки дар ҷараёни амалиёти наҷотдиҳии зиддитеррористӣ аз дасти террористон ё дар рафти озодкунии мусаллаҳонаи ба гарав афтидагон маҷруҳ шудаанд ё фавтидаанд;

• онҳое, ки дар натиҷаи иштирок ё шоҳиди бевоситаи як ё якчанд ҳодисаҳои террористӣ осеби равонӣ ё ҷисмонӣ дидаанд, худкушӣ кардаанд, ё фавтидаанд.

Гарчанде ки ҳамлаҳои террористӣ ҷиноятҳои вазнин мебошанд, бояд дар хотир дошт, ки қурбонии терроризм аз қурбонии ҷиноятӣ бо он фарқ мекунад, ки ҳамлаи аввалини ҷанбаи хоси сиёсӣ дорад. Ин ҷанбаи сиёсӣ метавонад ҳадафҳои идеологӣ ё диниро низ дар бар гирад. Чи тавре, ки С.Ятимов қайд менамояд: “Дар идеология муҳим нест, ки кӣ мегӯяд, муҳим он аст, ки чӣ мегӯяд ва манфиатҳои киро ҳифз менамояд”.[12] Масалан, қурбонии бевоситаи ҳамлаи террористӣ хеле кам ҳадафи ниҳоии зӯроварӣ мегардад. Баръакс, интихоби ҳадаф ҳамчун қувватдиҳанда

[12] Ятимов С. Миллат, илм, амният. Хуҷанд: “Ношир”, 2019.

барои интиқоли амалиёти васеътар ва таъсиррасонӣ ба омма васеътар, ба монанди давлате, ки рақиби созмони террористӣ мебошад. Ҳадафи муҳими терроризм ҷалби таваҷҷуҳи аудиторияи омма ба паёмҳои интиқолшаванда ва эҳсоси ваҳшат ва ваҳм дар натиҷаи ҳамлаи террористӣ мебошад. Тарс, ки дар ашхоси алоҳида ба вуҷуд меояд, бо раванди шиносоӣ бо ҷабрдида, ки «метавонист дар ҷои ӯ ман бошам» пурзӯртар мегардад.

Ҳамин тариқ, қурбониёни ҳамлаҳои террористӣ ҳамчун аломатҳои умумии гурӯҳӣ ё синфӣ хизмат мекунанд, ки дар навбати худ, барои интихоби онҳо ҳамчун қурбонӣ заминаи умумиро ташкил медиҳанд. Ба ин маъно, қурбониёни терроризм ҳамчун ҳадафи асосӣ амал мекунанд.

Қурбонии қишрҳои ҷомеа ва омма, чи дар дохил ва ҳам дар хориҷ аз он шаҳодат медиҳад, ки давлат наметавонад онҳоро ба таври муассир ҳимоя кунад ва ин ҳисси ноамнӣ метавонад минбаъд аз ҷониби созмонҳои зӯроварии ифротгаро истифода шавад.

Қобилияти созмонҳои террористӣ барои идора кардани аудиторияи васеъ тавассути қурбонии оммавии чанд қурбонии ғайримустақим дар муҳити ВАО терроризмро аз як шеваи маҳдуди эътироз, шантаж ва таҳдид ба як шакли асосии ҷанги равонӣ табдил додааст, ки дар баъзе кишварҳои ҷаҳон рух дода истодааст.

Хулоса, вазифаҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар марҳилаи кунунӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, тақвияти ҳамкориҳои онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти коҳиш додан, кам ва паст намудани хавфу таҳдиди терроризм, инчунин, тақвияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва таъмини волоияти қонун мебошанд.

Дар айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро бар зидди терроризм ва экстремизм ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ, минтақа ва ҷаҳон баррасӣ намуда, дар даврони соҳибистиқлолии давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки маҳз барои бартараф намудани сабабу омилҳои гуногуни ба терроризму экстремизм мусоидаткунанда равона гардидаанд.

Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба терроризм ва экстремизмро санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ташкил медиҳанд:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм”;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо экстремизм”;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм”;

➢ Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ карда шудааст;

➢ Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ карда шудааст;

➢ Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2006, №1717 тасдиқ карда шудааст;

➢ Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ барои солҳои 2021- 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ карда шудааст.

➢ Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003.

Воқеан, таъмини амнияти миллӣ, таҳкими истиқлол, ҳифзи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ аз ҷониби давлату Ҳукумат дар фаъолияти сиёсии дохилию хориҷӣ ва масъалаи ҳамаҷониба амалигардонии он муҳимтарин омили рушди сиёсӣ мегардад. Ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, муайян намудани идеяи ягонаи миллӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, муҳаббат ба ватан, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ, ҳифзи марзу бум, мустаҳкамнамоии амнияти миллӣ, дар доираи ҳадафҳои худ истифода намудани фаъолияти созмону ташкилотҳои хориҷӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ, метавонанд мамлакати моро аз таҳдидҳои замони муосир дар амон нигаҳ дорад ва рушди устувори Тоҷикистонро таъмин намоянд**.**

**Адабиёт**


1.Келин С.Г. Терроризм: психологические корни и правовие оценки государство и право, 1995 № 4

2. Антонян Ю.М. Криминологическое и уголовно – прававое исследование. – Москва 1998. - С.8.

3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 9, мод. 68, 69; №22, мод. 306; соли 1999, №12, мод. 316; соли 2001, № 4, мод. 149, 167; Конуни ЧТ аз 02.08.17с.,№750. - Душанбе: Матн, 2020. - 112с.

4. Қаҳоров Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми махсус). Дастури таълимӣ. Хуҷанд: Хуросон, 2020. - 386с.

5.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни

соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд).

6. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 январи соли 2021 ва 23 декабри соли 2022.

7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 майи соли 1998 аз 21 майи соли 1998, бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 19 июли соли 2022);

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” аз 23 декабри соли 2021.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” аз 15 марти соли 2023

## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ЗУҲУРОТИ ФАЛОКАТБОР

**Бобомуродов Бобомурод Элмуродович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Нахимов 64/14 Телефон: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru.

Дар мақола сухан оид ба терроризм ва экстремизм ҳамчун зуҳуроти фалокатбор меравад. Муаллиф дар бораи таърихи пайдоиши терроризм ва экстремизм ва таъсири он ба ҷомеаи имрӯза ақидаҳои худро баён намудааст. Махсусан барои пешгирии ин падида нақши фарҳанг, ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамин раванд дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон нақши калидиро мебозад. Дар баробари ин, қабули чорабиниҳои профилактикӣ, ки ба огоҳнамоии экстремизм, аз он ҷумла, ошкорнамоӣ ва бартараф намудани сабаб ва шароит, ки ба амалигардии он мусоидат менамоянд, аз ҷониби сохторҳои қудратии мамлакат.

**Калидвожаҳо:** терроризм ва экстремизм, зуҳурот, таълиму тарбия, насли наврас, ватандорӣ, худшиносии миллӣ, ифротгароӣ

## ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ — КАТАСТРОФНЫЕ ЯВЛЕНИЯ

**Бобомуродов Бобомурод Элмуродович**-Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент заведующей кафедрой бухгалтерского учета. Адрес: 734064, Республика Таджикистан, город Душанбе, Нахимов 64/14 Телефон: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru.

В статье рассматриваются терроризм и экстремизм как катастрофические явления. Автор высказывает свои взгляды на историю возникновения терроризма и экстремизма и их влияние на современное общество. Именно для профилактики этого явления ключевую роль играет культура, пропаганда и воспитание подрастающего поколения, направленные на укрепление чувства патриотизма, национального самосознания, уважения к истории наших предков. Вместе с тем правоохранительным органам страны следует принимать профилактические меры, направленные на предупреждение экстремизма, в том числе на выявление и устранение причин и условий, способствующих его реализации.

**Ключевые слова:** терроризм и экстремизм, явления, образование и воспитание, молодое поколение, патриотизм, национальное самосознание, экстремизм

## TERRORISM AND EXTREMISM ARE DISASTROUS PHENOMENA

**Bobomurodov Bobomurod Elmurodovich** -Tajik State University of Finance and Economics, PhD in Economics, Associate Professor at the head of the Accounting Department. Address: 734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14 Phone: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru.

The article examines terrorism and extremism as catastrophic phenomena. The author expresses his views on the history of the emergence of terrorism and extremism and their impact on modern society. It is for the prevention of this phenomenon that the key role is played by culture, propaganda and education of the younger generation, aimed at strengthening the sense of patriotism, national identity, respect for the history of our ancestors. At the same time, law enforcement agencies of the country should take preventive measures aimed at preventing extremism, including identifying and eliminating the causes and conditions that contribute to its implementation.

**Keywords:** terrorism and extremism, phenomena, education and upbringing, young generation, patriotism, national identity, extremism

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромадҳояшон қайд намудаанд: «Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст».

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қарорҳою чорабиниҳо дар кишвар бо назардошти таҷрибаи муваффақи байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст. ҶумҳурииТоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои стратегии ба мубориза бо терроризм ва экстремизм равонашударо таҳия ва пайваста амалӣ менамояд. Аз ҳама калидии онҳо «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» мебошад, ки имсол ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда мешавад [1]. Тадбирҳои нав ин қабули таҳрирҳои нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» (2021) [2] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм" (2020) [3] мебошад. Ин санадҳои қонунгузорӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии муқовимат ба ин таҳдидҳоро муайян, масъулияти шахсони воқеӣ

ва ҳуқуқиро барои иштирок дар фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ муқаррар ва фаъолияти мақомоти ваколатдорро танзим мекунанд.

Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла ба дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад. Бояд гуфт, ки мо устодон ва донишҷӯён меросбари фарҳанги гузаштагон ҳастем, дар чунин шароит вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯзаро аз ҷумла дар давлатҳои ноороми Покистону Афғонистон, Ироқу Сурия амалҳои террористӣ содир карда мешаванд ба аҳли башар расонем. Терроризм - ин зӯроварӣ, таҳдиди истифодаи он нисбати инсон, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсон, ҳамчунин нобудсохтани амвол ё дигар обьектҳои моддӣ, боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамьият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамьиятӣ, тарсонидани аҳолӣ мебошад. Мисоли равшани он ба таври ваҳшиёна сар буридан ва дар дохили қафаси оҳанин зинда ба зинда сӯзонидани одамон мебошад. Тааҷҷуби мо ин ҷо бештар аз он аст, ки барои чӣ бархе аз ҷавонон ба ин гурӯҳ шомил шуда, худро шефтаи онон мекунанду барои ба он ҷо рафтан аз баҳри зиндагии ором, осудагии волидон, бародару хоҳар ва зану фарзанд мебароянд. Аз бесаводӣ ва ё камсаводӣ бошад, ҳамеша сабаби пайвастани мардум, махсусан ҷавонон ба чунин гурӯҳҳо мебошад. Ба фикри мо надоштани дониши кофӣ, махсусан дар заминаи илмҳои исломӣ яке аз сабабҳои муҳими ҷалби ҷавонон ба ин гурӯҳи ифротгаро шудааст. Ҷавононе, ки бештар тарафдори ин гурӯҳ ва ё он давлатҳо рафтаанд, гумроҳ ва фирефтаи хоҷагони хориҷӣ, душманони миллат гаштаанд. Солҳои охир дар фазои сиёсии сайёра гурӯҳҳои ифротие рӯи саҳна омада истодаанд, ки чун дар боло ишора рафт, дар амалҳои зишт ва террору куштори худ ҷомеаи ҷаҳонро нигарон кардаанд. Махсусан дар Покистону Афғонистон, Ироқу Сурия, Яману Сомалӣ онҳо вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯзаро боз ҳам вазнинтар карда истодаанд. Нахустин бор истилоҳи “террор” ва “терроризм” дар Инқилоби Кабири Фаронса солҳои 1793-1797 аз тарафи як гурӯҳи муайяни одамон ба кор бурда шудааст, вале гумон меравад, ки ин калима шакли дигаргуншудаи калимаи арабии “таррор” аст. Таррор дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои роҳзану одамкӯш, кисабуру дузд ва маҷозан ба маънои ҳиллагар, маккор, оварда шудааст.

Эҳтимол аврупоиён калимаи “террор”-ро ба маънои даҳшатафканӣ ва хунрезӣ аз калимаи арабии “таррор” гирифта бошанд. Ҳамин тариқ бисёриҳо ба он назаранд, ки калимаи “терроризм” аз калимаи лотинии “terror” гирифта шуда, маънояш “тарс ва ваҳм” аст. Инро ҳамагон қабул доранд, аммо калимаи арабии “таррор” ва калимаи лотинии “terror” қариб, ки маънои якхела доранд. Маънои аслии экстремизм бошад – (аз калимаи франсавии “extremism” ва

лотинии “extremus”) гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо, амалҳои тундравона, аз ҳадду андоза гузаштан аст.

Дар ҳақиқат ҳам, терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид намуда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Рӯз то рӯз терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифродгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ мусоидат менамояд. Терроризм ва экстремизм имрӯзҳо хусусияти байналмилалиро касб карда аст, ки абарқудратҳо ба воситаи он манфиатҳои миллию давлатиашонро ҳимоя мекунанд. Ин зуҳурот на танҳо ба сиёсати дохилии кишварҳои алоҳида, балки дар муносибатҳои давлатҳои ҷудогона роҳандозӣ шуда истодааст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин радиф қайд намуда буданд: “Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд”[4]. Истифодаи “сиёсати дугона” нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад. Чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд, ки “террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад”. Ифротгароӣ ва терроризм – яке аз чунин зуҳуроти номатлуби замони муосир ба шумор рафта, мубориза бар зидди он қарзи ҳар як инсони комил мебошад. Терроризму экстремизм ҳамчун вабои аср ва дигар ҳодисаҳои номатлуб ба оромию амнияти сайёра ва пойдории давлат таҳдиду хатарҳо эҷод карда, амну осоиш ва ваҳдати халқу миллатҳоро барҳам мезанад. Ҳол он ки ҳеҷ ҷомеае бидуни таъмини амнияти иҷтимоӣ рушду такомул нахоҳад кард. Воқеан, бар асари амалҳои террористӣ дар бисёр мамолики дунё одамони бегуноҳ ба ҳалокат расида, шаҳру деҳот ва ёдгориҳои беназири таърихӣ хароб мегарданд, зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда ба садҳо миллиард доллар баробар мегардад. Идомаи ин зуҳуроти номатлуб аз ҳар ҷиҳат хатарро дар пай дошта, на фақат боиси афзоиши таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ, балки сабаби хурӯҷу афзоиши ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар тамоми минтақаҳои олам гардида, солимии ҷомеаро зери суол мебарад, инчунин, гаронии зиёдеро ба буҷети кишвар ворид месозад.

Экстремизм гуногун аст ва ангезаҳои тавлидкунандаи он низ гуногунанд. Сабабҳои асосии сарзадани он моддӣ, идеологӣ, хоҳиши тағйирот ва норозигӣ аз вазъи воқеӣ, қудрат бар мардум, таваҷҷӯҳ ба навъи нави фаъолият ва амсоли инҳо мебошад.

Пешгирии терроризм ва экстремизм дар байни ҷавонон татбиқи тадбирҳои мукаммали ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро дар муҳити ҷавонон дар бар мегирад, ки ба тавсеаи назарраси ҷузъи ҳуқуқии тарбия ва таълим мусоидат мекунад.

Огоҳӣ аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба насли ҷавон кумак мекунад, то эҳсоси эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодии дигарон, аз ҷумла, зиндагӣ, саломатӣ ва иззати онҳоро эҷод кунад. Зарур аст, ки дар мавкурраи ҷавонон доимо ҷаҳонбинии таҳаммулпазир, муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба ҳама одамон, сарфи назар аз миллат, дин, мазҳаб, вазъи иҷтимоӣ, моликият ва ҳолатҳои дигар ҷой дода шавад.

Мубориза бо экстремизм бояд дар самтҳои зерин ба роҳ монда шаванд, то ки онҳо натиҷаи дилхоҳ биёранд. Пеш аз ҳама, қабули чорабиниҳои профилактикӣ, ки ба огоҳнамоии экстремизм, аз он ҷумла, ошкорнамоӣ ва бартараф намудани сабаб ва шароит, ки ба амалигардии он мусоидат менамоянд, равона карда шавад. Ҳамчунин, ошкор ва бартараф намудани экстремизм тавассути ҳамкориҳои байналхалқӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Аз ин рӯ, ба тамоми афроди ҷомеаи имрӯза зарур аст, ки насли минбаъдаи худро дар заминаи талаботи зерини мусбӣ тарбия намоянд:

– омӯзонидани арзишҳои ахлоқу одоб аз нахустин рӯзҳои таваллуд ва минбаъд таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир кардан ба камолоти фарзанд дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;

– ҷалби кӯдакон ба машғулиятҳои варзишӣ, мактабҳои рассомию мусиқӣ ва амсоли он.

Ба мақомоти давлатӣ зарур аст, ки барои оилаҳои камбизоат ва дорои шароитҳои номусоиди иҷтимоӣ, ба таври ройгон мактабҳои варзишӣ таъсис дода, машғулиятҳои барои ҳамагон дастраси варзиширо фароҳам оваранд. Ҷавононро бояд дар рӯҳияи инсондӯстӣ дар муносибат ба атрофиён, новобаста ба тамоюли иҷтимоӣ, этникӣ, динӣ ва ҷинсии онҳо тарбия намуда, бо кор таъмин бояд кард ва дар байни онҳо корҳои тарбиявӣ, пешгирӣ аз амалҳои номатлуб, муқовимат бо экстремизм ва ғ. бурдан зарур аст.

Ҳарчанд мубориза бо терроризм ва экстремизм вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ мебошад, ҳамзамон, дар ин ҷода дастгирии ҳаматарафаи шаҳрвандон низ зарур аст. Барои он ки гароиш аз тарафи ҷавонон ба ин гуна равияҳои ифротгаро аз байн бардошта шавад, бояд эҳсоси ватандӯстӣ, донишандӯзӣ ва муҳаббати касбу ҳунар дар байни насли ҷавони

муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ васеъ ба роҳ монда шавад. Барои мубориза бурдан бар зидӣ ифротгароӣ ва терроризм бояд ҳамаи қишрҳои ҷомеа масъулиятшинос бошанду бо сохторҳои қудратӣ ҳамкорӣ намоянд ва мардумро аз таъсири ин вабои аср эмин нигоҳ доранд.

**Адабиёт**


5. «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ] https://mmk.tj

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, № 1808 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» / ш. Душанбе, 2 январи соли 2020, № 1655 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”28.12.2024;

## ХУСУСИЯТҲОИ ПЕШГИРИИ МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶАҲОНИ ИМРӮЗА

**Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ). Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Низоми Ганҷавӣ 464/1, хонаи 30. Телефон: 935576360. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru.

Дар мақола хусусиятҳои пешгирии муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони имрӯза асоснок карда шудаанд. Лозим ба қайд аст, ки дар мақолаи мазкур ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гуруҳҳои терроризм ва экстремизм, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст ва бархӯрди манфиатҳо, комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба мубориза бар зидди радикализм, экстремизм, терроризм андешарони карда шуда, барои пешгирӣ намудани мубориза бо зуҳуроти фаъолияти ҷинояткоронаи гурӯҳҳои ифротӣ як қатор таклифу пешниҳодҳо карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** радикализм, экстремизм, терроризм, ифротӣ, ҷаҳон, имруза, пешгирӣ, хусусият, амният, мубориза.

## ОСОБЕННОСТИ ПРОФИЛАКТИКАЦИИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТЕРРОРИЗМУ И ЭКСТРЕМИЗМУ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

**Шодиев Кухзод Курбонбаевич** – к.э.н., доцент, заведующий кафедрой экономического анализа и статистики, Таджикский государственный финансово-экономический университет (ТГФЭУ). Адрес: 734067 г. Душанбе, район Сино, ул. Низом Ганджави, 464/1, кв.30. Телефон: 935576360. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru

В статье обоснованы особенности предупреждения борьбы с терроризмом и экстремизмом в современном мире. Следует отметить, что в данной статье рассматриваются решения Верховного суда Республики Таджикистан о запрещенных в Республике Таджикистан террористических и экстремистских группах, конфликт интересов, полнота прав международного сообщества в борьбе с радикализмом, экстремизмом и терроризмом, а также вносится ряд предложений и рекомендаций по предупреждению и борьбе с проявлениями преступной деятельности экстремистских групп.

**Ключевые слова:** радикализм, экстремизм, терроризм, экстремист, мир, сегодня, профилактика, характеристики, безопасность, борьба.

## FEATURES OF PREVENTION OF COUNTERING TERRORISM AND EXTREMISM IN THE MODERN WORLD

**Shodiev Kuhzod Kurbonbayevich** - candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of economic analysis and statistics, Tajik State Financial and Economic university (TGFEU). Address: 734067 Dushanbe city,

Sino district, st. Nizom Ganjavi 464/1 apt. 30 E-mail: kuhzod-8686@mail.ru. Tel: 935576360.

The article substantiates the features of preventing and combating terrorism and extremism in the modern world. It should be noted that this article considers the decisions of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan on terrorist and extremist groups banned in the Republic of Tajikistan, the conflict of interests, the full rights of the international community in combating radicalism, extremism, and terrorism, and makes a number of proposals and suggestions for preventing and combating the manifestations of criminal activity of extremist groups.

**Keywords:** radicalism, extremism, terrorism, extremist, world, today, prevention, characteristics, security, fight.

Ҷаҳони имрӯза пур аз мушкилот, ихтилофу зиддиятҳост ва паҳншавии падидаҳои номатлуб ба монанди экстремизм, терроризм, созмонҳои террористии барои суботу амнияти ҷомеа хатарафзо авзои сиёсии сайёраро ноором карда, ҳаёти осоиштаи мардумро зери хатар мегузоранд.

Дар замони муосир яке аз ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат хавфи ҷиддӣ ба миён меоварад, ин ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта мебошад. Тибқи маълумоти коршиносон имрӯз дар ҷаҳон беш аз 500 ҳизбу ҳаракатҳои динию ифротгаро ва созмонҳои террористию экстремистӣ ошкорову пинҳонӣ амал мекунанд. Давлатҳои дунё кӯшиш кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки роҳи нави мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуби ҷомеаро ҳарчи зудтар пайдо намуда, онро решакан намоянд [2]. Аз таҳдиди ин зуҳуроти номатлуб тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар канор буда наметавонад, зеро ин ҷараёни хатарзо ба несту нобуд кардани халқиятҳо, миллатҳо ва давлатҳо замина мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябр, 8 декабри соли 2014 ва 14 апрели соли 2015 фаъолияти чунин созмонҳои экстремистӣ мисли «Ал-Қоида», «Ҳаракати Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ ҳаракати Исломии Узбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тойиба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти Исломии Покистон», «Ҷамоати таблиғ», ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони таблиғот» ва «Тоҷикистони озод», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Салафия», «Ҷамоати таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Ҷабҳат Ан–Нусра», «Гурӯҳи-24», Ҳизби назҳати исломи Тоҷикистон ғайриқонунӣ эълон карда шуда, фаъолияти онҳо дар қаламрави кишвар манъ карда шудааст.

Дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест. Таҳлилҳои ҷараёни имрӯза ва ҳодисаҳои охир нишон дода истодаанд, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ ба минтақаи Осиёи Миёна терроризм ва экстремизми байналмилалӣ таҳдид карда истодааст. Дар ин самт объекти бевосиати гурӯҳҳои гуногуни ҷиноӣ ходимони давлатию ҷамъиятӣ, объектҳои стратегӣ ва ҳаётан муҳим буданду мемонанд.

Боиси қайд аст, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар минтақа бархӯрди манфиатҳо оғоз шуда, вобаста ба вазъи геополитикии худ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ҳамчун объекти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ қарор дорад, вазъ дар ин ҷо ва дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ бе таъсир намемонад [3].

Дар партави сулҳ ва истиқлол, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мубориза бар зидди радикализм, экстремизм, терроризмро яке аз ҳадафҳои асосии худ қарор дода, дар ин самт тадбирандешӣ намуда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон омили мазкурро ба инобат ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, як қатор қонуну санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул намудааст, ки мутобиқи он сохторҳои давлатию ҷамъиятиро барои мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта ташкил кардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, борҳо дар баромадҳояшон аз радикализм, экстремизм ва терроризм изҳори нигаронӣ намуда, қайд менамоянд, ки: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву эктремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд» [1].

Қайд намудан зарур аст, ки дар самти мубориза алайҳи терроризму ифротгароӣ ва радикализм заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ кифоя набуда, мубориза бар зидди зуҳуроти мазкур бояд хусусияти комплексӣ дошта бошад, чунки кирдорҳои ғайриқонунии мазкур, ба мисли терроризму ифротгароӣ ва радикализм решаҳои амиқи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динию идеологӣ, психологӣ ва ғайра доранд. Нуқтаи назари мазкурро ҳамаи олимону мутахассисон якдилона дастгирӣ менамоянд, алалхусус, Юсупова Г.И. [5] қайд менамояд, ки: «Бартарафнамоии терроризм ва экстремизм танҳо дар асоси муносибати комплексӣ, ҷалби қувва ва воситаҳои тамоми институтҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатӣ, ҳамоҳангсозии байналхалқӣ ва тавассути дуруст бароҳмонии кори пешгирикунанда имконпазир аст». Оид ба ин масъала муҳаққиқ Градусова М.М. [4, С.6] низ ақидаи ҷолиберо баён мекунад: «Аз ҳама усули муассир дар мубориза бар зидди терроризми динӣ ин кори низомноки зиддитарғиботии фаъолони динӣ, ВАО, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони шарқшинос бо мақсади дар фазои иттилоотии ҳама гуна минтақа ташаккул додани донишҳои боэътимод оид ба анъанаҳои динӣ, аз мавқеи мазҳабӣ маҳкумнамоии ҷинояткорӣ ва фаъолияти террористӣ, ҳавасманднамоии таҷрибаи коллективӣ дар мубориза бо ҳама гуна шаклҳои таҷовуз ба ҳисоб меравад».

Дар Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти давлатӣ сараввал рушди ниҳоди иҷтимоиро то сатҳи муайян ташкил намудан зарур аст, ки дар самти пешгирии радикализм, экстремизм ва терроризм фаъолият намоянд, инчунин шароити мусоид барои мутахассисони соҳаҳои илмҳои ҷомеашиносӣ фароҳам оварда,

ба масъалаҳои ҳаётан муҳим, ба мисли пешгирии экстремизм диққати махсус додан лозим аст.

Давлат дар ин самт ба ғайр аз мубориза бо зуҳуроти фаъолияти ҷинояткоронаи гурӯҳҳои ифротӣ дар асоси заминаҳои қонунӣ, барои пешгирӣ намудани онҳо чораҳои зеринро андешад:

1. Ба низом даровардани муҳоҷирати меҳнатӣ, ба тадриҷ коҳиш додани сатҳи болоравии он ва дар дохили ҷумҳурӣ бо кор таъмин намудани шаҳрвандони мамлакат;

2. Баланд бардоштани маърифат ва фарҳанги сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандони ҷумҳурӣ, бахусус, наврасону ҷавонон, аз ҷумла «ҷалб намудани наврасону ҷавонон ба ҳар гуна машғулиятҳои хислати тарбиявӣ дошта;

3. Таҳия намудани барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои ҷумҳуриявӣ, марказҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, маҳфилҳои мухталиф оид ба баланд бардоштани шуурнокӣ ва маърифати ҳуқуқии онҳо;

4. Мукаммалгардонии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфитаҳои қонунии шаҳрвандон (наврасону ҷавонон)» аз фаъолияти ҷинояткоронаи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар заминаи мубориза бо ифротгароӣ ва дигар равандҳои номатлуби ҷаҳони муосир оила нақши асосиро дорост. Оила ҳамчун ниҳоди асосии тарбиядиҳанда вазифадор аст, ки мутобиқгардонии ҷавононро ба ҳаёти иҷтимоӣ дар шароити муосир ва ҳифзи онҳоро аз таъсири гурӯҳҳои гуногуни ифротӣ, экстремистӣ таъмин намояд. Бо вуҷуди ин, оилаҳои муқаррарӣ, инчунин оилаҳои бобарор на ҳама вақт вазифаҳои сарпарастии худро ба ҷо оварда метавонанд ва дорои имконияти пешгирӣ ҳастанд. Оилаҳое низ ҳастанд, ки на танҳо фарзандонашонро аз таъсири берунаи гурӯҳҳои ифротӣ ҳифз наменамоянд, балки худашон фазои носолими оилавии ифротиро ташаккул медиҳанд. Пеш аз ҳама, дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ коркарди барномаҳои иттилооти ои ба фаҳмондадиҳӣ дар байни волидайн зарур аст. Ин гуна барномаҳо бояд тамоми сохтору мақомоти давлатӣ бо мақомоти ғайридавлатию худфаъолияти ҷамъиятӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташкилоти диниро дар бар гирад.

Хулоса, барои муқовимат бурдан бо терроризм ва экстремизм бояд ҳамаи қишрҳои иҷтимоии ҷомеа масъулият эҳсос намуда, дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои давлатӣ бар зиддӣ ин зуҳуроти номатлуб мубориза баранд ва ҷомеаро аз гирдоби дардноки оқибати он эмин нигоҳ доранд. Мо бояд имрӯз шукрона аз он кунем, ки бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу ороми Тоҷикистони азизамон зиндагӣ дорем. Мо ҷавонони кишвар, насли оядаи миллат, пешбарандаи ҷомеаро зарур аст, ки сулҳу субот, ваҳдату ягонагии кишварамонро монанди гавҳараки чашм аз ҳама таҳдидҳо эҳтиёт намоем.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ] 23.12.2022с. https://www.president.tj/event/missives/27245

2. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/main-menu/%D1%81

3. Бурковская В. А. Правовое обеспечение борьбы с распространением экстремистских материалов в Интернете.//Право и политика. – 2007. – № 6.

4. Градусова М.М. Уголовно-правовой анализ мотивации преступления в этнорелигиозном терроризме. Статья представлена научной редакцией «Право» 1 октября 2011 г. Москва 2011г. стр. 6.

5. Юсупова Г.И. Глобализация и религиозный терроризм на Северном Кавказе. Исламоведение. 2010. № 4

## ТАЪРИХИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЗУҲУРОТҲОИ ХАВФНОКИ ОН ДАР ҶОМЕА

**Махшулов С.Ҷ.** - н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Воқеан дар ҷомеаи имрӯза тераризм ва экстремизм яке аз масъалаҳои нагини доғи рӯз маҳсуб ёфта мубориза бар ин амали хатарафзо вазифаи ҳар як шаҳрвандӣ бонанги кишвар мебошад. Тарбияи ҷавонон дар руҳияи хетаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ аз зумраи он масъалаҳое мебошад, ки ба пешгирии ҳаракатҳои тераристию экстремистӣ поён медиҳад. Бинобар ин дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиши тераризм ва экстремизм мавриди тақиқ қарор гирифта баъзе хусусиятҳои он мушаххас карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Таърихи пайдоиши терроризм, гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ, пешгирии амалҳои террористӣ, ҷомеаи ибтидоӣ, вазъи муосир.

## ИСТОРИЯ ТЕРРОРИЗМА И ЕГО ОПАСНЫЕ ПРОЯВЛЕНИЯ В ОБЩЕСТВЕ

**Махшулов С.Дж.** – к.э.н., доцент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

Действительно, в современном обществе терроризм и экстремизм считаются одной из самых острых проблем современности, и борьба с этим опасным явлением является долгом каждого гражданина страны. Воспитание молодежи в духе этноцентризма и национального самосознания является одним из вопросов, решение которых будет способствовать профилактике террористических и экстремистских движений. Поэтому в данной статье рассматривается история возникновения терроризма и экстремизма, выявляются некоторые его характеристики.

**Ключевые слова:** История возникновения терроризма, террористические и экстремистские группировки, профилактика террористических актов, первобытное общество, современная ситуация.

## HISTORY OF TERRORISM AND ITS DANGEROUS MANIFESTATIONS IN SOCIETY

**Makhshulov S.J.** – c.e.s., Associate Professor of the Department of Banking, of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street.

Indeed, in modern society, terrorism and extremism are considered one of the most acute problems of our time, and the fight against this dangerous phenomenon is the duty of every citizen of the country. Educating young people in the spirit of ethnocentrism and national self-awareness is one of the issues, the solution of which will contribute to the prevention of terrorist and extremist movements. Therefore, this article examines the history of the emergence of terrorism and extremism, reveals some of its characteristics.

**Keywords:** History of the emergence of terrorism, terrorist and extremist groups, prevention of terrorist acts, primitive society, modern situation.

Тераризм ҳамчун ҳодисаи махсусан хавфноки ҷома дар панҷ даҳаи охир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда ба нобудии ҷони ҳазорон шахсони бегуноҳ ба монанди модарон, кудакон ва ҷавонон мунҷар гардидааст. Новобаста аз оне, ки тераризм дар ҷомеаи инсонӣ хусусияти қадимӣ ё таърихи қадима дорат зуҳуротҳои хавфноки он дар охирҳои асри 20 ва аввалҳои асри 21 ба назар мерасад. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки истилоҳи «терроризм» дар ибтидо ба маънои муосираш вобаста ба мушаххасозии баёни дурусти масъала маълум набуд. Тибқи баёнияи сарчашмаҳо терроризм дар ҷомеаҳои ибтидоӣ ҳадафи асорати чорворо дар худ таҷассум менамуд ва он баъдтар як қисми амалиёти ҳарбиро дар бар мегириф ё аз ҷониби ягон созмон амалӣ мегардид. Вобаста ба ин гуфтан мумки аст, ки чунин созмони яҳудӣ бо номи «Сикарӣ» буд, ки дар охири асри 1 то солшумории мо дар Фаластин алайҳи румиён як қатор кушторҳо, оташсӯзӣ, зӯроварӣ ва харобкорӣ ва дигар амалҳои ғайриахлоқи ба миён омада буд. Гуфтан мумкин аст, ки ин воҳидҳои яҳудӣ беш аз ҳафтод сол фаъолияти худро бо равиши чунин амалҳо анҷом медоданд.

Чунин ҳаракатҳои зиддибашарӣ баъзе аз категорияҳои давлатҳои ғарбӣ ва шарқии ҷомеаи мусулмониро бо алоқамандии, гурӯҳҳои мурдаи калисо ва калисоро дар бар мегирад. рисолати «ҳашишинҳо» (намояндаҳои ислом), ки бо салибдорон меҷангиданд, мубориза̄и сунниҳо дар Форс ва Сурия аз садаҳои асри 11-13 собит кард, ки терроризм метавонад як василаи ҷолиб ва муассир барои расидан ба ҳадафе бошад, ки ҳатто агар аз аслиҳаи комилан ибтидоӣ ё калимаҳои кӯтоҳ истифода шавад.

Минбаъд амалҳои террористӣ аз ҷониби давлатҳои манфиатдор ба ин амали барои ба даст овардани ҳукмронии баҳрӣ истифода гардида тамоми манфиатҳои аз ин амалҳои номатлуб ба дастоварда барои тақвияти ин масъала истифода мегардидан. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки элементҳои алоқаманд ба тераризм зиёд буда навъҳои он гуногун мебошанд. Дар ҳамин радиф гуфтан мумкин аст, ки роҳзанӣ ба як навъ терроризм табдил ёфтааст. Таърихи асрҳои 16-17 аз он гувоҳи медиҳад, ки ақидаҳо дар бораи роҳзанҳои машҳури баҳрӣ зиёд ба назар мерасад ва баъзеи онҳо дар хизмати давлатҳо, подшоҳон ва сарвазирон буданд. Бо кумаки роҳзанҳо хазина пурра мешуд ва агар як давлат якеро ба дор овехтан ҳукм кунад, дигараш уро зери боли худ гирифт. Ин боиси он гардид, ки роҳзании баҳрӣ ба як фаъолияти қонунӣ, як шакли терроризми давлатӣ табдил ёфт, ки дар он як кишвар бидуни эълони ҷанг алайҳи киштиҳои кишварҳои дигар ҳамлакатҳо амалҳои террористӣ анҷом медод. Вобаста ба муҳити фаъолият дар ҳамон давра иловатан гуфтан мумкин аст, ки амалҳои террористӣ бештар дар асри 18 анҷом дода шудаанд. Аввалин амали террористии оммавӣ бо Инқилоби бузурги Фаронса (1793-1794) – ба истилоҳ “Ҳукмронии терроризм” алоқаманд буд. Аксуламал ҳам дар сатҳи боло ва ҳам дар сатҳи поён дар ин давра як силсила амалиёти террористиро ташкил медод, ки он ба муқобили душмани берунӣ ва чи дар дохили мамлакат ба роҳ монда шуда буд. Таърих дар ин муддати кӯтоҳ шумораи бештари қатлҳо ва кушторҳоро намедонист.

Мубориза ба муқобили мустамликадории Ғарб дар як катор мамлакатхои Осиёӣ ва Африқоӣ вусъат ёфтани ҳаракати коммунистӣ ва ду ҷанги ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадани баъзе ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва ташкилотҳои реваншистиро ба вуҷуд овард, ки амалияи баъзеи онҳо аз сабаби нобаробарии қувваҳои ба ҳам муқобил ба амалиёти террористй табдил ёфт. Ба ҳама маълум аст, ки терроризм ба миллат ё дини муайян рабт надорад. Вай ба муқобили ҳукумати мавҷуда, бо номи тағйир додани мавқеи вай аз руи баъзе масъалаҳо, чунон ки дар Шарқи Наздик руй дода буд, нигаронида шудааст: ин минтака ба майдони ҷанги байни ду давлати бузург — ШМА ва СССР табдил ёфт. Зарари фаластиниҳо дар натиҷаи ҷангҳои солҳои 1947, 1948, 1956, 1967 ва 1973 хеле калон буд. Таърихи ҷаҳонӣ дар замони мавҷудияти терроризм мисолҳои зиёде ҷамъ кардааст, аммо биёед ба ҷанбаи русии ин мушкилот рӯ орем.

Вобаста ба сарчашмаҳои мавҷуда дар Русия аввалин кӯшишҳои қонунӣ барои муайян намудани терроризм аз рӯи мундариҷаи зуҳуроти он ба асри 16 рост меояд, ки мафҳуми «маккорӣ» (шабеҳ ба «қасди мустақим»

дар қонуни муосир) ташаккул ёфт. Вобаста ба фарогирии ин қонун дар моддаҳои дахлдори он барои одамкушӣ (содир намудани ҷиноятҳои вазнинтарини ҷиноятӣ аз тарафи гуруҳҳои муташаккили ҷиноятии давлатӣ ва ҳуҷумҳои зидди суверен (касд ба мукобили саломатии у, забт кардани давлат, оташ задани шаҳр ва ғайра)-ро дар бар мегирифт;

Табиист, ки дар асрҳои миёна дар бораи ҷинояткор донистани кирдорҳои террористие, ки худи роҳбар ба муқобили халқи худ содир кардааст, сухан рондан мумкин нест. Хамин тавр, дар шароити бепоёни баланд шудани хокимияти подшоҳӣ, усулҳои ҳукмронии Ивани IV дар солхои 1565—1584 хусусиятҳои террористии равшан доштанд. Вай дар соли 1565 дар Россия муассисаи давлатии то ин вақт номаълум — «опричнина» ташкил кард, ки мақсади асосии он муборизаи катъӣ ва бераҳмона ба муқобили боярҳо ва ба ҷои онҳо бо дворянҳо — такягоҳи боэътимодтари режими подшоҳӣ буд. Опричникҳо аксар вақт аз боварии подшоҳ суиистеъмол мекарданд ва ин боиси таъқибҳои оммавӣ мегардид. Худи истилоҳи «опричнина» дар забони русӣ ба як калимаи рузгор табдил ёфтааст. Санаи оғози давраи терроризми зиддидавлатӣ дар Русия 4 апрели соли 1866, санаи тирпарронии Д.Карамазов ба Александри II ба ҳисоб меравад. Дар байни революционерони рус чунин фикре, ки мамлакатро тандо бо роди террор ба ҷамъияти адолати сотсиалӣ овардан мумкин аст, торафт васеъ паҳн мешуд. Исботи дурустии ин гуфтаҳо ҳукми сафедкунандаи довар ба популист В Засулич мебошад, ки ба мири шаҳр 24 январи соли 1878. Трепов уро сахт маҷруҳ намуд намуд.

Пайдоиши терроризм дар Русия ҳамчун як падидаи оммавӣ ва системавӣ, ки ба амнияти миллӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад, ба чоряки охири асри 19 рост меояд. Дар адабиёти таърихӣ ва ҳуқуқӣ онро ҳамеша бо афзоиши эҳсосоти радикалӣ дар кишвар ба як давра байни зиёиёни рус ва ба гурӯҳҳо тақсим шудани онҳо бо пайдоиши ҷиноятҳои ифротӣ дар платформаи сиёсии худ, ки баъдан ҳамчун ҳизби иродаи халқ ташаккул ёфт, алоқаманд медонанд. Терроризмро вай усули асосии амалӣ гардондани дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ интихоб карда буд ва максади асосии он намояндагони аппарати давлатиро дар бар мегирифт. Назариётчиёни ревалютсионист, ки мавҷи суиқасдҳои маармузро ба мансабдорони олимартабаи давлатӣ ба ду максад пеш мебурданд: он машинаи давлатиро вайрон мекунад ва шояд онро бозмедорад ва дар баробари ин ба аҳолӣ осебпазир будани монархияро нишон медихад. Аммо баробари сар задани террор ривоҷ ёфт ва омилони он дере нагузашта ҳадафҳои аслии худро фаромӯш карданд. Рушди вазъияти ҷиноӣ дар Русия дар ин давра бори нахуст дар таърих нишон дод, ки дар

даҳсолаҳои минбаъда дар як қатор кишварҳои дигар бо мушкилоти терроризм борҳо такрор хоҳанд шуд: ҳама гуна силсилаи амалҳои худкушии ошкоро содиршуда, таркиши бомбаҳо, худсӯзӣ, дар баъзе одамон садо медиҳад ва хоҳиши такрори онҳоро ба вуҷуд меорад. Дар муқоиса бо вазъи кунунӣ, дар давраи баррасишаванда терроризм аз нигоҳи ангеза метавонад бештар хусусияти сиёсӣ дошт ва аз нигоҳи ҳайати иштирокдорон низ метавон зиёӣ дошта бошад.

Моҳи августи соли 1879 дар анҷумани Воронеж дар натиҷаи тақсими воқеии ҳизби сиёсии популистии «Замин ва озодӣ» ташкилоти террористии « Producer халқӣ» ташкил карда шуд, ки ба он кумитаи иҷроия (ЭК) сарварӣ мекард. Дар барномаи он гуфта мешуд, ки ҷанбаи террористии фаъолияти ин созмон аз "аз байн бурдани ашхоси зараровар дар ҳукумат" иборат аст. Дар ҳамон конгресс ҳукми қатл дар бораи Александри II бароварда шуд. Яке аз рохбарони ташкилот А Желябов кайд кард, ки террор набояд бо як амалиёти зидди подшоҳӣ маҳдуд карда шавад. Ба андешаи ӯ, як силсила ҳамлаҳои террористӣ алайҳи аъзои оилаи императорӣ ва мансабдорони воломақоми давлатӣ зарур аст.

Мақсади ниҳоӣ ғасби ҳокимияти сиёсӣ ва ё ҳадди ақал ташаккули режими демократияи конститутсионӣ буд. Вай дар бисёр шаҳрҳо ҳам доираҳои интеллигенсия ва ҳам доираҳои коргариро пропаганда мекард, ки мақсади он; ба соҳаи ҳарбӣ ворид шуда, дар он ҷо чанд созмони афсарӣ таъсис дода, як қатор матбааҳоро муҷаҳҳаз гардонида, қувваҳои асосии худ ё ба истилоҳ Кумитаи Иҷроияро ба муборизаи бевоситаи террористӣ бар зидди Ҳокимияти Олӣ равона карда, як қатор амалҳои барҷастаи террористиро анҷом дод. Қайд кардан зарур аст, ки дар таърихи соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар як давраи кутоҳ мо борҳо шоҳиди амалу ҳарактоҳои хусусияти терористӣ ва экстремидоштаи баъзе хонони дохилӣ дар либоси хоҷгони хориҷӣ гардидем, ки ҳадафи асосии онҳо тағйир додани сохти конститутсионии давлат ва нооромсохтани ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон буд ва ин амал тоҳол вуҷуд дорад.

Ибтидои асри 20 давраи ба вуҷуд омадан ва ташкил ёфтани партияҳои гуногуни марксистӣ, аз ҷумла партияи большевикон буд, ки дар терроризм низ саҳми арзанда гузоштааст. Аммо ҳукуматдорон дар аввал ба пайдо шудани ҳаракати нави сиёсии чап хеле оромона ва ҳатто ба таври ногаҳонӣ муносибат карданд. Бояд гуфт, ки кирдорхои террористии ҷанговарони болшевикон, ки ягон воситаро аз даст надода, ба даст овардани сарватҳои моддӣ нигаронида шудаанд ва аз ин ру характери соф ҷиноятӣ доштанд. Самти рости терроризми сиёсиро дар Русия созмони ба истилоҳ «Садҳои сиёҳ» муаррифӣ мекард, ки маънои

гурӯҳҳои мухталифи ифротгаро, ки тақрибан аз ибтидои асри 20 то соли 1917 вуҷуд доштанд. Аз ҳама пурқувваттарини онҳо, ки баъдан тамоми иттиҳодияҳои дигари Садҳои сиёҳро ба худ ҷалб карданд, Иттиҳоди мардуми Русия (дар ин ҷо бо дастгирии қонунӣ номида мешавад) буд. дар мохи октябри соли 1905.

Дар натиҷаи фитнагарӣ ва муборизаи дохилӣ Иттифоқи Архангел аз SRN ҷудо шуд, ки принсипҳо ва ахлоқи онҳо аз онхое, ки дар СРН ҳукмронӣ мекарданд, амалан фарқ накарданд ба он диққат додан лозим аст, ки баъзе намояндагони руҳониён, аз он ҷумла намояндагони олитарин, аъзои СРН буданд, охиринро архиепископ Гермогени Саратов ва архиепископ Антоний (Храповиский) Волынӣ намояндагӣ мекарданд» Асоси идеологии ин созмонҳоро омехтаи хоси монархистӣ, миллатчигӣ, қудрати бузург, консепсияҳои нажодпарастӣ, зиддилибералӣ ва ғояҳои псевдоправославӣ ташкил медод. Асоси иҷтимоии Садҳои сиёҳ хеле гуногун буд; тарафдорони худро аз табақаҳои гуногунтарини ҷамъиятии рус — аз коргарон сар карда, то ашрофон чамъ мекард; люмпен ва ҷинояткорон васеъ намоянда шуданд. Ин одамонро на танҳо ба барномаи ягонаи сиёсӣ содиқ буданашон, балки ҷаҳонбинии махсус ва ориентасияҳои конкретии арзишӣ ҳам муттаҳид мекард.

Гуфтан зарур аст, ки Садҳои сиёҳ ба таърих ворид шуданд ва бидуни муболиға, ба шарофати барномаҳои нангини яҳудиёни солҳои 1905-1906 шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданд ва калимаи «погром» ба як вожаи мардумӣ табдил ёфт. Бо вуҷуди ин, барномаҳо ҳанӯз ҳам аз фаҳмиши анъанавии терроризм берун меоянд; онҳоро метавон ҳамчун ошӯбҳои оммавӣ, ки бо талафоти зиёди одамон, харобиҳо ва хисороти бузурги моддӣ алоқаманданд, тасниф кард. Аммо Садҳои Сиёҳ ба шаклҳои инфиродии террор, аз ҷумла куштори сиёсӣ писанд набуданд - онҳо сӯиқасд ба ҷони як қатор шахсиятҳои маъруфи сиёсии Русияро омода ва анҷом медоданд.

Умуман, дар сохтори терроризми Русия созмонҳои «Садҳои сиёҳ» нақши махсус доштанд; аз як тараф, аксар вакт онхоро хукуматдорон хамчун вазн-фаи мукобил ба терроризми чап хисоб мекарданд ва аз тарафи дигар, худи онхо дар амалияи худ чунин усулхои аз чихати чисмонӣ аз байн бурдани харифонро истифода мебурданд. Мавчи навбатии террор дар Россия баъд аз мохи октябри соли 1917 ба амал омад.«Ин мавҷ аз ҷиҳати микёси худ аз тамоми амалиёти террористии пештараи Россия пеш гузашт, Ба ин маълумотҳои зерин шаходат медиханд: «Танҳо дар мохи июни соли 1918 контрреволютсионерон дар 22 губернияи РСФСР 824 кас, дар моҳи июль — 4141, дар моҳи сентябр — зиёда аз 4143, август — зиёда аз 4143 касро тирборон карданд».

Таърихи пайдоиши тераризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба солҳои 1991 ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд, ки он бо пайдо шудани гурӯҳҳои тераристию экстремистӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои бегона, ки намояндагони асосии онҳоро шахсони гумроҳ ва зархирид ташкил менамуд. Вобаста ба ин гуфтан зарур аст, ки агар дар марҳаллаи авали пайдоиши тераризм ҳадафи асосии он манфиати як шахсро ба хотири ғасби сарвати дигаро бо роҳи нобуд кардани соҳиби сарват ё ягон амалдори хосияти иқтисодидошта ташкил намояд пас ин масъала баъд аз вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ тобиш ва вазифаву ҳадафҳои худро комилан дигар намуд. Тераризм ва экстремизм имрӯз асосан барои вайрон кардани сохти конститутсионии давлат, ноором сохтани авзои сиёсии ҷомеа, қатли омма, вайрон кардани мувозинатҳои рушди иқтисодиёт ва монанди инҳо истифода мегардад ва он аз тарафи гурӯҳи одамони манфиатдор ва давлатҳои алоҳида маблағгузорӣ гардида пеш бурда мешаванд. Вобаста ба ин гуфтан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизби «Наҳзади исломии Тоҷикистон» дар анҷоми амалҳои хусусияти терористӣ ва экстремистидошта машғул буд, ки имрӯз фаъолияти он комилан қатъ карда шудааст. Дар анҷоми амалҳои тераристӣ ва эктремистӣ асосан ашхоси гумроҳ ва зархарид ҷалб гардида қисме аз дохил ва қисми дигар аз хориҷ бо маслиҳати хоҷагони хориҷӣ ба халалдор кардани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давлат мағул буданд. Вобаста ба ҳамаи ин иброз доштан зарур аст, ки мубориза бар зиди амалу ҳаракатҳои тераристию экстремистӣ вазифаи ҳар як шахси соҳибхираду бонанги кишвар буда ҳамеша ба ин масъалаи нангин ва хатарноки ҷомеа бояд мубориза барем ва ҷавононро ҳамеша дар руҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намоем.

**Адабиёт**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2019 с., № 1555).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ аз 25.12.15с., № 1266);

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2023, № 960 қабул карда шуд бо қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023, № 359;

4. Самиев, Б. Ҷ. Вусъатёбии ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои асосии пешгирӣ аз он / Б. Ҷ. Самиев, Ш. П. Бердиев // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2023. – No. 1-2(9-10). – P. 6-16. – EDN IBVKML.

5. Маҳмадизода Н.Д.Зоҳиршавии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва воситаҳои пешгирии он [Матн]/ Н.Д.Маҳмадизода. Монография. - Душанбе, 2022. - 324с. – С.11.

6. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва тероризм дар Ҷумҳурии Тоҷикисон барои солҳои 2021-2025.

## МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - ВОСИТАИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

**Ҳасанова М.А.** - н.и.ф., муаллими калони кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64-14.тел: 933021977, почта:manzura_khasanova@mail.ru

Маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ташаккули он яке аз муҳимтарин воситаҳои ташаккули ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд буда, дар замони муосир ташаккули он ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлату ҷомеа табдил ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соли 2024 ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидааст ва дар асоси он як қатор чораҳои амалӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ дар назар дошта шудааст. Таъмини ҳуқуқҳои инсон, ки муҳимтарин муаррифгари давлати демократӣ аст, дар асоси баланд бардоштани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ боз ҳам осонтар мегардад. Муаллифон ин нуқтаро дар доираи мақолаи зерин мавриди таҳқиқ қарор дода, вижагиҳои асосӣ ва вазифаву натиҷаҳоро аз эълони Соли маърифати ҳуқуқӣ тасниф намудаанд

**Калидвожаҳо:** маърифати ҳуқуқӣ, маърифатнокӣ, шуури ҳуқуқӣ, фалсафа, ҷамъият, саводнокӣ, эътиқод, рӯҳия, зуҳуроти ҳуқуқӣ, арзишҳои демократӣ, институти ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

## ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ - ИНСТРУМЕНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

**Хасанова М.А.** - н.и.ф., старший преподаватель кафедры таджикского языка ТГФЭУ, адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимова, 64-14.тел: 933021977, почта:manzura_khasanova@mail.ru

Правовое просвещение населения и его формирование является одним из важнейших инструментов формирования демократического и правового общества, и в наше время его формирование стало одной из важнейших задач государства и общества. В Республике Таджикистан 2024 год также объявлен Годом правового просвещения, и на его основе предусмотрен ряд практических мер с целью повышения уровня правовой грамотности населения. Обеспечение прав человека, который является важнейшим выразителем демократического государства, становится еще проще на основе повышения осведомленности и правосознания. Авторы исследуют этот момент в рамках следующей статьи и классифицируют основные особенности, задачи и результаты объявления года правового просвещения.

**Ключевые слова:** правовое просвещение просвещение, правовое сознание, философия, общество, грамотность, убеждения, настроения, правовые явления, демократические ценности, институт прав человека, верховенство закона, правонарушения, юридическая ответственность.

## LEGAL EDUCATION IS AN TOOL FOR ENSURING HUMAN RIGHTS

**Khasanova M.A.** - Senior lecturer at the Department of the Tajik language of the Tajik state university of finance and economics, address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str., 14-64.tel: 933021977, почта:manzura_khasanova@mail.ru

Legal education of the population and its formation is one of the most important tools for the formation of a democratic and legal society, and in our time its formation has become one of the most important tasks of the state and society. In the Republic of Tajikistan, 2024 has also been declared the Year of Education and Law, and on its basis a number of practical measures are envisaged to increase the level of legal literacy of the population. Ensuring human rights, which is the most important expression of a democratic State, becomes even easier through increased awareness and legal awareness. The author explores this point in the next article and classifies the main features, tasks and results of the announcement of the year of legal education.

**Keywords:** legal education, enlightenment, legal consciousness, philosophy, society, literacy, beliefs, moods, legal phenomena, democratic values, human rights institution, rule of law, offenses, legal responsibility.

Мушкилоти шуур, дарк ва маърифатнокӣ дар илмҳои фалсафӣ, психологӣ ва сотсиологӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад. Шуури инсон дар ҷараёни фаъолияти ҷамъиятии меҳнатӣ ба вуҷуд омадааст, аз ин рӯ он маҳсули рушди ҷамъиятӣ мебошад. Маҳз дар ҷараёни меҳнат, ҳангоми таъсир ба табиат инсон хосиятҳои ашёро дарк мекунад, ошкор мекунад, чизи муҳимро аз чизи ночиз, ки аз тасодуфӣ зарур аст, ҷудо мекунад ва инчунин муносибати худро ба муҳити зист, одамон, ҷомеа ва қонунҳои он муайян месозад.

Мутаассифона дар ҷомеаи муосир ҳалли масъала ва ё баланд бардоштани масъулиятнокӣ танҳо бо доштани шуур ва доштани қобилияти дарки масъала иқтифо карда намешавад. Масъалаҳои ҳуқуқӣ аз зумраи масоили нозук ва бисёр муҳими ҷомеа ба шумор меравад. Зеро қонун ҳеҷ гоҳ хатогии кӯчактаринро ҳатто аз назар соқит карда наметавонад ва дар навбати худ надонистани қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, тибқи муқаррароти мавҷуда ҷавобгариро истисно намекунад. Аз ин рӯ, мақсад ва муҳтавои мақола ҳаминро

тақозо медиҳад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар уҳдадор аст, ки дар баробари донистани маърифати ҳуқуқӣ, арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои миллии донаду аз он ҳифозат намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати тозаистиқлол аллакай дар давраи қабули Конститутсияи муосири худ бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёдро вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳисобида буд. Бо ин Ҳукумати кишвар эълон намуд, ки дар кишвар ҷомеаи худогоҳ ва соҳибихтиёрро тарбия намуда, дар таъмини адолати иҷтимоӣ саҳми муносиби худро мегузорад [1]. Хушбахтона, дар давоми зиёда аз сӣ соли соҳибистиқлолии кишвар ҳамаи заминаҳои меъёриву ҳуқуқии давлатдории миллӣ таъмин гардида, дар мамлакат як қатор санадҳои зарурӣ, ки ҳаёти ҷамъиятиву сиёсиро ба танзим медарорад, қабул карда шуд.

Бо қабули ҳамаи заминаҳои ҳуқуқии пешбурди фаъолияти рӯзмарраи ҷамъият дар кишвар зарур шуморида мешавад, ки барои таъмини риояи беҳтари ин қонунҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дуҷонибаи давлату шаҳрвандон бояд дар кишвар сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва маърифати риояи ҳуқуқӣ боло бардошта шавад. Бояд гуфт, ки бе ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ риояи талаботи қонун ва дарки моҳияти ҳуқуқу ӯҳдадориҳо аз ҷониби шаҳрвандон ғайриимкон мебошад. Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 25 апрели соли 2008 ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, қайд менамоянд: “Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад” [2].

Пас аз ироаи Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ”, ки дар он соли 2024 аз ҷониби сарвари давлат ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон гардид, аз 30 декабри соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» таҳти №668 ба тасвиб расонида шуд [4].

Дар тавзеҳоти фармони мазкур мақсад ва вазифаҳо асосӣ барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар муайян карда шудааст. Дар тавзеҳот қайд карда мешавад, ки: “Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии

фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад” [3].

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун тахайюлоти инсонӣ мафҳуми васеъро дар бар гирифта, маҷмуи мураккаби ҳодисаҳои ҳаёти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар он пеш аз ҳама, муносибатҳои ҳуқуқӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, равонии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо дар мадди аввал меистад.Вобаста ба мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ байни олимон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, дар адабиётҳои илмӣ низ намудҳои гуногуни маънидодкунии мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ ба чашм мерасанд. Чунончӣ, М.Б. Смоленский чунин мешуморад, ки маърифати ҳуқуқӣ-ин шакли инкишофёбии муносиби инсонӣ ва воситаи муҳими таъмини ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Барои бунёди воқеии ҷомеаи демократӣ зарур ин аст, ки дар баробари ҳамаи тадбирҳои дигари бунёдкорӣ, ҳамагон ҳамчун шаҳрванд ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои хешро хело хуб дар сатҳи зарурӣ донем. Аз он самаранок ва пурмаҳсул истифода намоем. Қонун ва қоидаҳои қабулгардидаро бахри зиндагии сазовор дуруст ва бо камоли ақл дар зиндагии рӯзмарра амалӣ намоем.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон қабули фармони мазкур бисёр саривақтӣ ва муҳим ба шумор рафта, дар тарбияи ҷомеаи ҷавонони мамлакат нақши бисёр муҳим дорад. Махсусан дар даврае, ки тамоми ҷаҳонро танишҳои гуногуни ҳарбиву сиёсӣ ва геополитикӣ фарогир буда, ин гуна “бозиҳои сиёсӣ”-и қудратхоҳони ҷаҳонӣ ба ҳастии кишварҳои миллӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати ҳифзи ҳуқуқҳои насли якуми инсонӣ аз ҷониби аҳолӣ бисёр муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти аҳолии мамлакатро ҷавонону наврасон ташкил менамояд. Ҳарчанд ҳуқуқ ҳамчун предмети таълимӣ дар муассисаҳои миёна ва баъдан дар макотиби олӣ таълим дода мешавад, вале сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар то ҳол ба талаботи ҷомеаи мутамаддини демократӣ ҷавобгӯ нест. Омили асосии онро маҳз рӯз ба рӯз ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тағйирот дар низоми қонунгузории кишвар ташкил менамояд. Аз ин ҷост, ки донистан ва аз худ намудани ҳуқуқҳои аввалини инсон ва махсусан ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд  вазифаи асосии ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Ба таври васеъ агар мақсади эълони соли 2024-ро ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” таҳлил намоем, метавонем ҳадафҳои асосӣ ва вазифаҳои дар ин роҳ амалишавандаро чунин тавсиф намоем:

- **баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон** дар замони пуртазоди ҷомеаи муосир аз вазифаи асосии давлат ба шумор меравад.

Зеро огоҳӣ ва донистану ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ метавонад, шаҳрвандонро дар ҳимояи ҳуқуқи худ ва таъмини риояи уҳдадориҳои давлату ниҳодҳои давлатӣ ва ё мақомоти байналмилалӣ кӯмакрасон бошад. Дар навбати худ баланд гардидани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боиси иҷрои беҳтари талаботҳои қонунгузории кишвар аз ҷониби онҳо мегардад.

- **тарғиби арзишҳои демократӣ.** Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ кӯшиш менамояд, ки ба таври ҳамешагӣ риояи ҷиддии қонунҳо ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Иҷрои ин рисолати муҳим боиси ба таври худкор ҳифз гардидани арзишҳои озодӣ ва баробариву адолати иҷтимоӣ мегардад, ки онҳоро демократия талаб менамояд.

- **мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона ба он.** Ҳуқуқи инсон арзиши волотарин ва муҳимтарине ба ҳисоб меравад, ки Конститутсия ва санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқӣ танзим менамоянд. Тавассути эълони “Соли маърифати ҳуқуқӣ” давлат метавонад, риоя ва танзими иҷрои ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар кишвар таъмин намуда, ҳамчунин мушкилоти асосии ин самтро дар якҷоягӣ бо аҳолӣ муайян ва барои тасҳеҳ ба мақомоти қонунгузорӣ пешниҳод намояд. Дар ин росто давлат ва ниҳодҳои давлатӣ масъул ва вазифадор карда мешаванд, ки дар баробари ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд инчунин дараҷаи дарки ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳоро боло бардоранд. Аксаран ин кор тавассути ба роҳ мондани омӯзиши густурдаи меъёрҳои асосии Конститутсия ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ба роҳ монда шуда, тавассути он сатҳи салоҳиятнокӣ ва бомасъулиятии шаҳрвандон дар баробари меъёрҳои қонун баланд бардошта мешавад.

- **баланд бардоштани мақоми қонун ва тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун.** Тавре аллакай қайд карда шуд, мақоми қонун ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ дар миёни аҳолӣ танҳо тавассути огоҳонидани онҳо баланд бардошта мешавад. Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун халқи соҳибмаданият ва дорои дараҷаи баланди санъату фарҳанг ҳамеша ба қонун ҳамчун арзиши олӣ эҳтиром мегузоранд. Барои таъмини волоияти қонун шаҳрвандон ва давлат зарур аст, ки эҳтироми мутақобиларо ташаккул диҳанд ва бо ин роҳ аҳолиро дар рӯҳияи арҷгузорӣ ба қонунҳо тарбия намоянд.

- **оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ.** Яке аз мушкилоти асосие, ки дар ҷомеаи муосир мушоҳида мешавад, ин беаҳамиятӣ ва бепарвогӣ ба қонуншиканӣ ва ҳуқуқвайрокуниҳо миёни аҳолии кишвар ба шумор меравад. Аҳолӣ аксаран ба ҳолатҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар гирду атрофашон рух медиҳад, хунукназарона рафтор намуда, ҳатто аҳамият намедиҳанд. Ин боиси костагии

низоми ҳуқуқии кишвар ва амалӣ нагардидани принсипи асосии ҷомеаи демократӣ яъне адолати иҷтимоӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки яке аз ҳадафҳои асосии соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024 ин тарбия намудани оштинопазирӣ ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ дар замири шаҳрвандон мебошад. Аҳолӣ бо тарбияи хислати мазкур дар замири метавонанд, минбаъд дар ҳар як хатогии кӯтоҳ масъул шуморида ба мақомоти дахлдор хабар диҳанд. Дар ин ҳолат сатҳи ҳама гуна қонуншиканӣ коҳиш ёфта, осоиш дар мамлакат таъмин карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008. Манбаъ: http://www.president.tj/node/195
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023 таҳти №668
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023. Манбаъ: http://www.president.tj/node/32191
5. Каменская В.И., Ратинова А.Р. Правосознание как элемент правовой культуры// Правовая культура и правовое воспитание. М.1977 С.47.
6. Смоленский М.Б. Правовой менталитет - фактор формирования правовой культуры как основы гражданского общества//Известия высщых учебных заведений.Северокавказский регион. 2002. №1. С.73.

# МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ-ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ СУЛҲ ДАР ҶАҲОН

**Сайдаҳмадов Фаррух Бобоқулович** – н.и.и. муаллими калон, мудири кафедраи менеҷменти молявӣ ш.Душанбе Наҳимов 64/14 тел.: (+992) 988175755, E_mail: farukh.2020@mail.ru.

Дар мақолаи мазкур муалиф маълумоти бештареро дар бораи террористию экстремистӣ мавриди омизиш қарор додааст. Ин дар ҳолест, ки кишварҳои олам барои аз байн бурдани афкори террористию экстремистӣ тлошҳои зиёдеро ба бор анҷом додааистодааст дар ин замина барои реканкардани терроризм қонуну барнома ва стратегияҳои соҳавии хосаеро қабул кардаанду барои аз байн бурдани терроризм саҳми калон мебозад.

**Калидвожаҳо:** террористию, экстремистӣ, стратегия, қонун, барнома, стратегияҳои соҳавии, афкори террористӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, мубориза ба терроризм, муборизаи беамон.

# БОРЬБА С ТЕРРОРИЗМОМ И ЭКСТРЕМИЗМОМ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ МИРА НА МИРЕ

**Саидахмадов Фаррух Бобокулович –** к.э.н., старший преподаватель, заведующий кафедрой финансового менеджмента, г. Душанбе, Нахимова 64/14, тел.: (+992) 988175755, E-mail: farukh.2020@mail.ru.

В данной статье автор изучил более подробную информацию о терроризме и экстремизме. Это происходит в то время, когда страны по всему миру прилагают значительные усилия по искоренению террористической и экстремистской идеологии. В этом контексте были приняты конкретные законы, программы и отраслевые стратегии по борьбе с терроризмом, что играет важную роль в ликвидации терроризма.

**Ключевые слова:** террорист, экстремист, стратегия, закон, программа, секторальные стратегии, террористическая идеология, международное сообщество, борьба с терроризмом, непримиримая борьба.

# FIGHTING TERRORISM AND EXTREMISM - AN IMPORTANT FACTOR IN ENSURING PEACE IN THE WORLD

**Saidakhmadov Farrukh Bobotsulovich** – c.e.s., senior lecturer, head of the Department of Religious Management, Dushanbe Nakhimov 64/14 tel.: (+992) 988175755, E_mail: farukh.2020@mail.ru.

In this article, the author has studied more information about terrorism and extremism. This is at a time when countries around the world are making great efforts to eliminate terrorist and extremist ideology, and in this context, they have adopted special laws, programs and sectoral strategies to combat terrorism, which plays a significant role in eliminating terrorism.

**Keywords:** terrorist, extremist, strategy, law, program, sectoral strategies, terrorist ideology, international community, fight against terrorism, relentless struggle.

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир гурӯҳҳои террорирустию эктстремистӣ ҳар лаҳза барои ҷаҳон ва ҷаҳониён хатарҳои нав ба нав эҷод мекунанд. Эҷоди ин хатарҳо боис ба он мегарданд, ки мавқеи сулҳу амният то рафт тангтар шавад.Ин дар ҳолест, ки кишварҳои олам барои аз байн бурдани афкори террористию экстремистӣ қонуну барнома ва стратегияҳои соҳавии хосаеро қабул кардаанду амалӣ кардан доранд.Вале боз ҳам хатарҳо бештар мешаванд ва ин нишонаи он аст, ки дар самти мубориза бо гурӯҳҳои террористию экстремистӣ талошҳои бештару фарогиртар бояд анҷом дод. Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. [13]Эмомалӣ Раҳмон Махсусан, аз марҳилаҳои аввал намояндагони наврасу ҷавони ҷомеаро бояд дар самти чӣ гуна бархӯрд кардан бо афкори террористию экстремистӣ омода кард.Миёни роҳбарони кишварҳои олам Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи муборизаи беамон бурдан ба терроризму экстремизм ҳамеша пешгом буданду ҳастанд.Эшон зимни ироаи суханрониҳо дар Тоҷикистон ва минбарҳои ҷаҳон масъалаи ҳифзи сулҳу амният дар ҷаҳонро дар меҳвари фаъолияти созандаи хеш қарор додаанд.Аз ҳар пешниҳоди байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайдост, ки ин фарзонамард аз ҷаҳониён талаби баҳамоиро доранд.Махсусан, айне, ки пешниҳодоте дар соҳаҳои об, иқлим ва ҳифзи пиряххо доштанду ин ибтикорот ба шеваҳои гуногуне амалӣ шудан доранд, ҳадафашон мубориза бо гурӯҳҳои террористию экстремистӣ дар ҷаҳон будааст.Яъне, эшон дарк намудаанд, ки ягона василаи аз банди афкори террористӣ ва экстремистӣ раҳонидани ҷаҳону ҷаҳониён ҷалб кардани олам ба масъалаҳои дигаре монанди ҳифзи табиат ва боигариҳои он маҳсуб меёбад.Гузашта аз ин, Пешвои муаззами миллат дарк намудаанд, ки бо ҳастии кишвари Афғонистон дар

[13] https://www.facebook. ДОТ ба номи С. Айни Маликов А.Р.

ҳамсоягии мо хатари зуҳуру густариши терроризму эстремизм беш аз пеш барои Тоҷикистон хатарзост.Аз ин лиҳоз, Сарвари давлати мо ба ҳеҷ ваҷҳ аз афкор ва сиёсати "Толибон", ки ҳоло зимоми давлати Афғонистонро бар дӯш доранд, ҷонибдорӣ накардаанд.Ин аст, ки маҳз бо ташаббус ва иқдомҳои созандаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ба шеваҳои муассир бо терроризм ва экстремиз мубориза беамон бурда мешавад.Албатта, пеш аз ҳама дар ин роҳ суханрониҳои Пешвои миллат раҳнамои шахсиятҳоест, ки дар соҳаи мубориза бо афкори террористию экстремистӣ пешгоманд.Дигар ин ки дар Тоҷикистон дар заминаи афкори созандаи Пешвои муаззами миллат як зумра қонун, барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои соҳавӣ таҳияву қабул шудаанд, ки дар меҳвари онҳо мубориза беамон бурдан бо терроризму экстемизм қарор дорад.Бидуни зикри мушаххаси ин ҳуҷҷатҳои амалкунанда метавон хулоса кард, ки дар Тоҷикистон дар таҳия ва қабули ҳар навъ ҳуҷҷате ба масъалаи ҳифзи сулҳу субот ва решакан кардани афкори террористию экстремистӣ таваҷҷуҳ карда мешавад.Муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ бозгӯст, ки ноил гардидан ба ҳар навъе аз дастоварду муваффақият фақат дар ҳолати мавҷудияти комили падидаҳои муқаддасе, чун сулҳу субот, озодӣ ва амният имконпазир аст. Ҳама он дастуру тавсияҳо ва пешниҳодоти созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таҷассум ёфтаанд, ҳар яки мо — насли марҳилаи нави давлатдории миллиро барои дар муқобили ҳама гуна таҳдиду хатарҳо ва пайомадҳои пешгӯинашавандаи номатлуб устувору пойбарҷо мондан ва барои инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон бо руҳияи шикастнопазир камари ҳиммат бастан ҳидоят менамоянд.[14]

Мавриди зикр аст, ки як далели рӯшани мавқеи меҳварӣ ва асосӣ доштани Тоҷикистон дар самти мубориза бо гурӯҳҳои ҷиноятпеша ва решакан кардани аҳдофи террористию экстремистӣ баста шудани паймони абадии дӯстӣ ва ҳамбастагӣ миёни Қирғизистон ва Ӯзбекистон маҳсуб меёбад, ки моҳи марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд ба муносибати таҷлил аз ҷашни ҷаҳонии Наврӯз иттифоқ афтод.Ин истиқболгириҳои шоистаи Тоҷикистон дар шахсияти Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сарони кишварҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон нишонаи он буд, ки кишвари мо талабгор ва хоҳони барҳам задан ҳаракатҳои террористию эктсремистӣ дар минтақа ва ҷаҳон аст.Албатта, баста шудани ин паймони рафоқат худ дар самти мубориза бо гурӯҳҳои ифротгароӣ ва аз байн бурдани ҳаракатҳои

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумхурии Тоҷикистон 28.12.2025

террористию эктстремистӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.Аз ин дидорҳо ва суханрониҳои сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон мушаххас ва возеҳ буд, ки ҷонибҳо дар талаби пиёда кардани ҳадафҳои мубориза бо терроризму экстремизм дар минтақа ва ҷаҳон мебошанд. Яъне, тарафҳо дар ин марҳилаи муҳим ва тақдирсоз эҳсос карданд, ки таъмини ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва ҳамбастагӣ миёни ин се мамлакати таърихан ба ҳам дӯсту ҳамҷавор қадами аввал, устувор ва ҳадафрас гузоштан баҳри мубориза ба гурӯҳҳои террористию эктстремистӣ маҳсуб меёбад.

Метавон аз ин ҳама созмон додани мулоқотҳои судманди Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва сарони кишварҳои олам, махсусан роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ хулоса кард, ки ҳеҷ дидоре бидуни баррасӣ кардан ва дар миён гузоштани масъалаҳои марбут ба соҳаи мубориза беамон бурдан ба гурӯҳҳои террористию эктсремистӣ намегузарад.Яъне, Пешвои муаззами миллати мо дар ҳар мулоқоти хеш, ки пайдарпай баргузор мешаванд, иброз медоранд, ки ягона василаи мубориза бо зуҳуроти номатлуби терроризм ва экстремизм даст ба дасти ҳам додан мебошад. Махсусан, дар манотиқи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ин зуҳурот бештар мушоҳида мешавад, бидуни ҳамбастагӣ наметавон ба натиҷаҳои назаррас дар самти мубориза бо терроризму экстремизм даст ёфт. Гузашта аз ин, намояндагони созмонҳо бо ҳамтоёну ҳамкасбони хеш сари ҳар чанд вақт вомехӯранд ва масъалаҳои марбут ба соҳаи мубориза бо терроризму эстремизмро дар минтақаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон дар миён мегузоранд.

Бояд гуфт, ки ин дидорҳои мутақобилан судманд миёни созмонҳои ҷаҳонии мубориза бо ифротгароӣ, сохторҳои дахлдори кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ниҳодҳои ба ин соҳа марбути Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.Махсусан, мо тавассути расонаҳо борҳо шоҳиди мулоқоти намояндагони ниҳодҳои гуногуни алоқаманд ба соҳаи мубориза бо терроризму экстремизми ҷаҳонӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бо роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаем, ки ин дидорҳо боис ба тақвият ёфтани кори мубориза дар самти аз байн бурдани гурӯҳҳои ҷиноӣ ва ҳаракатҳои террористию эктсремистӣ дар минтақа ва ҷаҳон маҳсуб меёбад. Имрӯзҳо, ки ҷаҳон бо хатари гурӯҳҳои террористӣ зиёд рӯбарӯ мешавад, чунин нишасту дидорҳо дар кишвар ва берун аз кишвар зиёд доир мешаванд.Ҳадафи ин ҳама гуфтушунидҳо як аст; муборизаи беамон бурдан бо зуҳуроти номатлуби терроризму экстрамизм.Ин ҳама чораандешиҳо нишонаи он аст, ки мо аз беш аз пеш зуҳур кардани ҳаракатҳои террористию экстрамистӣ воқифем ва дар

роҳи мубориза бурдан бо он ҳамаҷониба омадаем.Гузашта аз ин, мо бо барпо кардани дидорҳо бо намояндагони созмонҳои марбут ба ин соҳаи ҷаҳонӣ, кишварҳои олам, махсусан мамолики Осиёи Миёна қонеъ нестем.Дар ин баробар, дар дохили кишвар низ садҳо ҳадафи муассисири дигарро роҳандозӣ кардан дорем, ки дуруст ва мақсаднок амалӣ кардани онҳо моро дар ин солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти мубориза бо зуҳуроти номатлуби терроризму экстремизм аз ҳар лиҳоз тавонову ҷасур кардааст.Махсусан, метавон аз чанд барномаи давлатӣ ва стратегияҳои соҳавӣ ёд овард, ки имрӯзҳо дар ҷараёни пиёда кардани ҳадафҳои таълимиву тарбиявӣ татбиқ гаштаистодаанд ва ниҳояти амалӣ кардани ин кори шоиста маҳв кардани афкори ифротгароӣ ва шинохти асолати гурӯҳҳои террористию эктсремистист.Яъне, агар миллат ба тамом аз ин хатарот огоҳ бошад, метавонад, ҳадафҳои дурусту манфиатбахше барои худу ояндагонаш бигзорад ва муҳимтар аз ҳама дар таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ заминаҳои мусоид фароҳам биёрад.Умед мебандем, ки мо мардуми шарафманди Тоҷикистон дар пиёда кардани ин ҳадафҳои созанда беш аз пеш муваффақ мешавем.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмо ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2025

2. Сомонаи ДДМИТ 26.10.2024. Сабабҳои ифротшавии ҷавонон ба воситаи технологияи рақами Файзуллоев К.

3. https://www.facebook. ДОТ ба номи С.Айни Маликов А.Р.

4. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон 04.02.2025 “Давлатдорӣ тарғиби меҳанпарасти дар Паём” Саидаҳмадов Ф.Б.

5.Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон “Тероризм ва экстремизм хатар ба ҷомеаи ҷаҳон” Раҳимзода Ф.М.

## НАҚШИ ИЛМУ МАЪРИФАТ ДАР ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОӢ

**Олимов Дилшод Абдулхайрович** - н.н.н., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 900826161

Дар мақола пеш аз ҳама масъалаҳои муҳимим ва актуалӣ бобати ифротгароӣ ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои муташаккилона ва вазъи ҷаҳони муосир баррасӣ гардидааст. Дар мақола нақши илму маърифат дар пешгирии ифротгароӣ махсусан, ба масъалаҳои ифротгароӣ, терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир диққати ҷиддӣ дода шудааст.

В**ожаҳои калидӣ:** терроризм, экстремизм, ҷавонон, хушнат, гумроҳӣ, падидаҳои номатлуб, фарҳанги миллӣ.

## РОЛЬ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ В ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ ЭКСТРЕМИЗМА

**Олимов Дилшод Абдулхаирович** - кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 900826161

В статье в первую очередь рассматриваются наиболее важные и актуальные вопросы, касающиеся экстремизма и других форм организованной преступности, а также современного положения дел в мире. В статье рассматривается роль науки и образования в профилактике экстремизма, особое внимание уделяется проблемам экстремизма, терроризма и незаконного оборота наркотиков.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, молодежь, счастье, заблуждение, нежелательные явления, национальная культура.

## THE ROLE OF SCIENCE AND EDUCATION IN PREVENTING EXTREMEISM

**Olimov Dilshod Abdulkhairovich** - candidate of economic sciences, associate professor of the accounting department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 900826161

The article primarily discusses the most important and topical issues related to extremism and other forms of organized crime and the current state of the world.

The article focuses on the role of science and education in preventing extremism, in particular, on the issues of extremism, terrorism and illegal drug trafficking.

**Keywords:** terrorism, extremism, youth, violence, delusion, undesirable phenomena, national culture.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони кишварамон ҳамчун роҳнамо барои кору фаъолият хизмат мекунад. Дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат барои пешрафти илму маориф, зарурати баланд бардоштани сифати таълим, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон, оила, рушди варзиш ва дигар самтҳои ҳаёти мамлакат таъкид намуда, ҳидояту дастурҳои муфиде пешниҳод намуданд. Ҳамаи нишондодҳои Паёми имсоларо мардуми кишвар дар кору фаъолияти худ ҳамчун роҳнамо истифода намуда, дар амалишавии онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Ҳамзамон, ба соҳаи маориф ва илм афзалияти аввалиндараҷа дода шуда, ба роҳбарону кормандони соҳа дастур дода шуд, ки дар баробари дастгириҳои давлату Ҳукумат сатҳу сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таълим бояд боло бардошта шавад. Махсусан мо - намояндагони соҳаи маорифи кишвар, дар ин самт бояд нисбати дигар қишрҳои ҷомеа фаъолтар бошем. Дар ҷавоб ба ҳамаи ғамхориҳо ва бовариҳои Пешвои миллат бояд фаъолияти самарабахш нишон диҳем.

Тавре зикр кардем, дар Паёми имсола низ ҳамаи масъалаҳои марбут ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон баррасӣ карда шуданд. Аз ҷумла, ба масъалаҳои ташвишдиҳандаи ҷомеа диққати зарурӣ дода шуда, роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли онҳо нишон дода шуданд. Дар ин самт, махсусан, ба масъалаҳои ифротгароӣ, терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир диққати ҷиддӣ дода шуд. Дар Паём қайд гардид, ки солҳои охир терроризм ва ифротгароӣ ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст.

Дар асри XXI ифротгароӣ, ки давраи рушдро аз сар гузаронида истодааст, ба ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро гузошта истодааст ва суботро аз ҳаёти имрӯзаи аҳолии олам бурда, нисбати оянда ноумедиро ба миён оварда истодааст. Барои ҳамин, зарурат пеш меояд, ки оиди табиату моҳият ва мафҳуми ифротгароӣ маълумоти муфассал дошта бошем. Танҳо дар ҳолати доштани маълумоти мукаммалу кофӣ метавон муборизаи самаранокро бо ин кирдори манфӣ ба роҳ монд. Дар Паёми худ Пешвои миллат борҳо таъкид карданд, ки маърифати сиёсию ҳуқуқии шаҳрвандон, алалхусус ҷавонон бояд баланд бардошта шавад. Тибқи нақшаи дурнамои Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли

2030, то соли зикргардида бояд 90% ҷавонони ҷумҳурӣ соҳиби маълумоти олӣ гарданд, ки чунин ғамхорӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамтои худро надорад.

Ифротгароӣ ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои муташаккилона хоси гурӯҳҳои соҳиби маданияти пасти сиёсӣ ва таҳрифёфта мебошад. Дар Паём ба масъалаи баланд бардоштани маданияти сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон диққати ҷиддӣ дода шуд. Зеро давлату Ҳукумати Тоҷикистон дарк мекунанд, ки танҳо миллати босавод ва соҳиби маданияти сиёсиву ҳуқуқии баланд метавонад бо падидаҳои манфуре чун ифротгароӣ ва терроризм мубориза баранд. Доир ба ин масъала дар Паём қайд карда шуд, ки масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд. Роҳи аз ҳама осон ва муфид дар самти пешгирии падидаҳои манфур ин корҳои фаҳмондадиҳӣ аст. Ҳар чӣ қадаре ҷомеа маълумоти зиёдтар оиди ифротгароӣ дошта бошад, ҳамон қадар рӯоварӣ ба он камтар мешавад. Донишу маърифат яроқи муҳимтарин дар самти мубориза бо ифротгароӣ аст. Дар ин самт аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд чораҳои судманд андешида шудаанд. Яке аз қадамҳои муҳим дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Аммо баландбардории маърифати сиёсӣ вазифаи танҳо маориф нест. Дарвоқеъ, таваҷҷуҳи Пешвои миллат нисбат ба илму маърифат ва ҳавасмандгардонии ин соҳа бесабаб нест. Зеро ки имрӯз таъсири омилҳои гуногуни замони ҷаҳонишавӣ моро вазифадор менамояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, рӯ ба мактабу маориф ва аз худ намудани донишҳои муосир оварем.

Хулоса, Роҳбарияти Олии сиёсии кишвар хуб дарк мекунанд, ки усули беҳтарини решакан кардани ҳар гуна падидаҳои манфур дар ҷомеа ин такя ба илму маориф аст, ки борҳо ҳангоми ироаи Паём таъкид карда шуд. Пас, имрӯз замоне фаро расидааст, ки маърифати сиёсии худ ва атрофиёнро баланд бардошта, ҷомеаро аз ин падидаҳои манфур - ифротгароӣ ва терроризм пок кунем.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, № 1808

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» аз 28 декабри соли 2024.

3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат 9 марти соли 2024.

4. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.

5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» аз 1 июни соли 2021 №187.

## МАБЛАҒГУЗОРИИ АҚИДАҲОИ ИФРОТГАРОӢ ВА ПЕШГИРИИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**Аҳадов Исматилло Қаюмович** – н.и.и., муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.

Муаллиф дар мақола роҳҳои пешгирии маблағгузориҳо ба амалҳои номатлубу хавфнок ба ҷомеа, аз қабили терроризм ва экстремизмро мавриди таҳлил қарор дода, роҳҳои пешгирӣ намудани онро тавассути ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намудааст. Дар асоси таҳқиқоти ин масъала муаллиф роҳҳои идеологии пешгирии шомилшавии ҷавонон ва маблағгузориҳоро ба ин гуруҳҳо мавриди баррасӣ уқарор додааст.

**Калидвожаҳо**:терроризм, экстремизм, маблағгузорӣ, падидаҳои номатлуб, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо.

## ФИНАНСИРОВАНИЕ ЭКСТРЕМИСТСКИХ ИДЕЙ И ЕГО ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Ахадов Исматилло Каюмович** - к.э.н., старший преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. Электронная почта: im-yusuf@mail.ru.

В статье автор анализирует способы предотвращения инвестиций в нежелательные и опасные для общества виды деятельности, такие как терроризм и экстремизм, и предлагает пути их предотвращения через кредитные организации. На основе исследований по этой проблеме автор рассматривает идеологические способы предотвращения вступления молодежи в эти группы и их финансирования.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, финансирование, нежелательные явления, легализация (формализация) доходов.

## FUNDING OF EXTREMIST IDEAS AND ITS PREVENTION IN TAJIKISTAN

**Ahadov Ismatillo Qayumovich** - Candidate of Economic Sciences, Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.

The author of the article analyzes ways to prevent financing of undesirable and dangerous actions for society, such as terrorism and extremism, and suggests ways to prevent it through credit organizations. Based on the study of this issue, the author discusses ideological ways to prevent youth from joining and financing these groups.

Keywords: terrorism, extremism, financing, undesirable phenomena, legalization (formalization) of income.

**Keywords:** non-cash payments, non-cash settlement system, payment cards, POS terminals, QR-codes, additional capital, stock market, capital adequacy, liquidity, bank asset management.

Дар ҷомеаи имрӯзаи мо яке аз падидаҳои номатлуб ин аз тарафи ҷавонон қабул намудани ақидаҳои ифротгароёнаи гурӯҳҳои терористию эстремистӣ ва маблағгузорӣ намудани онҳо мебошад. Бар замми он ки ҷавонони нохудогоҳ ин ақидаҳои ифротиро ба худ қабул менамоянд, қаноатманд нашуда, баҳри дар амал татбиқ намудани он кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки ин масъалаи мубориза бо терроризму экстремизм ва ифротгароӣ масъалаи як кишвар набуда, балки як мушкили воқеан глобалӣ гаштааст. Дар солҳои охир ҷаҳон бо афзоиши ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ шудааст, ки ҳеҷ кас барои дарки амалӣ ё назариявии ин падидаҳо комилан омода набуд. Барои ба чунин ҳолат расидани ҷаҳони имрӯза ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террориста манфиатдор дониста мешаванд. Имрӯз олами ислом ба қатлу қитол, талаву тороҷ, ваҳшонияту даҳшат гирифтор шудааст ва аҷибтар аз ҳама он аст, ки тамоми корҳои ғайришаръӣ, балки аъмоли куфр аз номи дини мубини ислом анҷом дода мешавад.

Ин амалҳо ҳарчанд ки аз ҷиҳати инсонӣ, инчунин аз ҷиҳати динӣ амали нафратовар ба ҳисоб рафта, хуни ҳазорон мардуми бегуноҳро мерезад ва ҳазорон инсонро аз зиндагии осоишта дур менамояд, ҳазорон ҳазор тифли бегуноҳро овораву бечора гардонида, ашки талхи ҳазорон падару модарро мерезонад, ба худ маблағгузору сарпараст дорад.

Таҷрибаи давлатҳои мусалмонӣ дар солҳои охир нишон доданд, ки ҳамаи тазоҳуроту табаддулоте, ки дар ин кишварҳо ба миён меоянд, дар заминаи низоъҳои динию мазҳабӣ ба воқеият табдил ёфтаанд. Муҳаққиқони исломӣ бар он ақидаанд, ки бисёр ҳизбҳои сиёсии хусусияти динидошта ва равияву ҳаракатҳои динӣ, ки ин тазоҳуроту ҷангҳои дохилиро дар бисёр кишварҳо барои тағйири ҳокимият роҳандозӣ мекунанд аз дастгирии он давлатҳо ва гурӯҳҳои қудратманде, ки дар кишварҳои мусалмонӣ манфиатҳои стратегӣ доранд, бархурдоранд.

Аз ин рӯ, бо Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми марти соли 2006 ташкилотҳои «ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон (собиқ Ҳаракати исломии Узбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Ихвону-л-муслимин», «Лашкари Тайиба», «Ҷамъияти исломии Покистон», «Ҷамъияти таблиғ» (ташкилоти динӣ - таблиғгарой), «Созмони таблиғот» («Даъват ба ислом»), «Тоҷикистони озод» ҳамчун ташкилотҳои террористӣ ва ифротгарой эътироф карда шуда, фаъолияти онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд.

Додгоҳи олии ҶТ рӯзи 29-уми сентябр Ҳизби наҳзати исломӣ (ҲНИТ) — ягона ҳизби динӣ дар минтақаи Осиёи Миёнаро созмони террористӣ эълон намуд ва фаъолияти онро дар қаламрави кишвар манъ кард, инчунин нашри ҳафтаномаи "Наҷот"- органи чопии ташкилот ва саҳифаи интернетии он бо қарори додгоҳ мутаваққиф шуд. Ҳамаи намудҳои фаъолияти ҲНИТ-ро ба назар гирифта 22-декабри соли 2015 бо қарори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ин ҳизб дар ҳудуди ҷумҳурӣ қатъ гардонида шуд.

Мавҷудияти ин ташкилотҳо ба ваҳдати беназири халқи тоҷик таҳдид намуда, ҳатто метавонад ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хатар эҷод намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ бахри мубориза бо ин амали ғайриинсонии гурӯҳҳои террористию экстремистӣ пайваста мубориза бурда, барои пешрафти ақидаҳои ғайриинсонии монеа эҷон мекунад. Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурӣ қонунеро бо номи «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ба амал баровард, ки ин санади муҳим барои маҳдуд намудани фаъолияти ин гурӯҳҳо ва шахсони ба қавле «хайрхоҳ»-и ин гурӯҳҳо мебошад.

Ба воситаи ин қонун тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор гардидаанд, ки тамоми даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории тероризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро пешгирӣ намуда, дар ҳолати ошкор шудан сариваќт бо мақомотҳои дахлдор ҳамкорӣ кунанд.

Мафҳуми «маблағгузории терроризм» мувофиқи қонуни дар боло зикргардида чунин шарҳ дода мешавад «–бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра, ё қисман истифода бурдани онҳо ва ё бо дарки он ки ин воситаҳо аз тарафи террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ истифода мешаванд, ё бо мақсади таъминоти молиявии террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ, ё барои ташкил, тайёр ва содир намудани ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 179, 179.1, 179.3,

181, 182, 184, 184.1, 184.2, 184.3, 184.4, 185, 193, 194, 194.1, 194.2, 194.3, 194.4, 194.5, 310 ва 402 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, истифода мегарданд, ҳамчунин агар ин воситаҳо воқеан барои содир намудани ҷиноятҳои зикршуда истифода нашуда бошанд, инчунин маблағгузории террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ, ҳатто агар он бо акт (актҳои) мушаххаси террористӣ алоқаманд набошад; (Қонун №1404 аз 24.02.17с.)».

Дар ин асос ташкилотҳои қарзии молиявӣ мониторинги молиявӣ гузаронида, нисбати амалиёти зери шубҳа қарор гирифта, ки ин маблағҳо бо роҳи ҷиноят бадастоварда шудааст ё ба самти терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом маблағгузорӣ шудааст, чораҳои махсус меандешанд.

Мақоми ваколатдор ва дигар мақомоти давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, бо мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, аз онҳо маълумотҳои заруриро талаб менамоянд ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо маълумот пешниҳод менамоянд, то ки аз чунин маблағгузориҳо пешгирӣ намоянд.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибхтиёрамон равона созем.

Воқеаву рӯйдодҳои давраҳои охир нишона аз он медиҳанд, ки идеологияи нави сиёсиву динӣ мунтазам афзоиш ёфта, ба тамаддуни башарӣ, амнияти тамоми давлатҳо, новобаста аз минтақаи ҷойгиршавӣ ва хурду бузург буданашон таҳдидҳо намуда истодаанд ва оянда онҳо зери хатари ҷиддӣ қарор доранд. Ин ҳодисаҳо бори дигар исбот намуданд, ки терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, ҳамзамон як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳои худро баҳри роҳ надодан ба фаъолияти озодонаи чунин гурӯҳҳо равона намуда, таъмини

амнияти дохилӣ ва сарҳадӣ, ҳифзи оромии ҷомеа, пойдории сулҳу осоиштагии малакат ва истиқлолиятро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад. Инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муқаддасоти давлатҳои ҷаҳон арҷгузорӣ намуда, тарафдори сулҳ ва осоиштагии ин ҷомеа аст ва дар ин замина ҳамеша дар қатори дигар аъзои ҷомеа аз паи талоши таъмини амният мебошад.

**Адабиёт**


7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ аз 25.12.15с., № 1266);

8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2019 с., № 1555).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2023, № 960 қабул карда шуд бо қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023, № 359;

## РОҲҲОИ МУҚОВИМАТИ ҶОМЕА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

**Баротов Амирхон Холмирзоевич -** ассистенти кафедраи андоз ва суғурта Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Телефон: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

Муаллиф дар мақолаи худ доир ба амалҳои террористиву эктремистӣ, пешгирии ҷавонон аз ғояҳои тундгароӣ, ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионии давлат ва таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини амнияти миллии кишвар, таъмини суботи ҷомеа ва дар маҷмӯъ ба амал баровардани рушду инкишофи мамлакат ҳадафҳои олии Ҳукумати мамлакат суханронӣ намудааст.

**Калидвожаҳо:** террорист, эктремист, амнияти миллӣ, суботи ҷомеа, ғояҳои тундгароӣ.

## ПУТИ СОПРОТИВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВА ТЕРРОРИЗМУ И ЭКСТРЕМИЗМУ

**Баротов Амирхан Холмирзоевич,** ассистент кафедры налогов и страхования Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, тел.: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

В своей статье автор рассказал о террористических и экстремистских актах, предотвращении радикальных идей среди молодежи, защите основ конституционного строя государства и укреплении национальной государственности, обеспечении национальной безопасности страны, обеспечении социальной стабильности и в целом реализации высших целей развития и прогресса страны.

**Ключевые слова:** террорист, экстремист, национальная безопасность, социальная стабильность, экстремистские идеи.

## WAYS OF SOCIETY'S RESISTANCE TO TERRORISM AND EXTREMISM

**Barotov Amirkhan Kholmirzoevich**, assistant of the Department of Taxes and Insurance of the State Finance and Economics University of Tajikistan. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14, tel.: 918-35-55-73. E-mail: **amirkhon.barotov@mail.ru**

In his article, the author spoke about terrorist and extremist acts, preventing youth from radicalizing ideas, protecting the foundations of the constitutional structure of the state and strengthening national statehood, ensuring the country's national security, ensuring social stability, and generally realizing the highest goals of the country's development and progress.

**Keywords:** terrorist, extremist, national security, social stability, extremist ideas.

Дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионии давлат ва таҳкими давлатдории миллӣ ба шумор меравад. Тибқи моддаи 1 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаву иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, рушди ниҳодҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати озодии виҷдон, таъмини амнияти миллии кишвар, таъмини суботи ҷомеа ва дар маҷмӯъ ба амал баровардани рушду инкишофи мамлакат ҳадафҳои олии Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбанд.

Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 23.12.2022 иброз дошта буданд: “Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву эктремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд”.

Дар замони муосир яке аз ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат хавфи ҷиддӣ ба миён меоварад, ин ҷиноятҳои хусусияти терерроиристӣ ва экстремистидошта мебошад. Тамоми давлатҳои дунё кӯшиш мекунанд, ки роҳи нави мубориза бар зидди ин зуҳуроти номтлуби ҷомеаро ҳарчи зудтар пайдо намуда, онро решакан намоянд. Ин ҷараёни хатарзо метавонад ба несту нобуд кардани халқиятҳо, миллатҳо ва давлатҳо оварда расонад. Аз таҳдиди ин зуҳуроти номатлуб тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар карор бада наметавонанд.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатару таҳдиди терроризми байналмилалӣ бетараф буда наметавонад ва дар ин росто яке аз кишварҳои калидӣ дар самти муқовимат ва чораандешӣ доир ба аз байн бурдани он мебошад. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ бо пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа, мубориза̄ро дар ин самт пурзӯр менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои хеш дар ҳамоишҳои сатҳи баланди ҷаҳонӣ иброз доштанд: «Имрӯз ҳамаи мо шоҳиди рӯйдоду воқеаҳои даҳшатноку фоҷиаборе мебошем, ки дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон идома доранд. Тавсеаи миқёси терроризм ва ифротгароӣ, ҷангу низоъҳои мусаллаҳонаи мазҳабӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва гардиши маводи мухаддир ба амнияти кишварҳои мо хатари ҷиддӣ эҷод карда истодааст. Ҳоло фаъолшавии гурӯҳҳои террористиву ифротгаро ва дигар ҷунбишҳои иртиҷоӣ дар нуқтаҳои доғи ҷаҳон амнияти тамоми мардуми сайёраро зери хатар қарор додааст».

Ин зуҳурот на танҳо ба сиёсати дохилии кишварҳои алоҳида, балки дар муносибатҳои давлатҳои ҷудогона роҳандозӣ шуда истодааст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин радиф қайд намуда буданд: “Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи “сиёсати дугона” нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад. Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад”.

Созмонҳои экстремистию террористӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мехоҳанд сохти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд.

Минтақа ва ҷаҳони имрӯз ба ҳаводиси даҳшатбори экстремизм, радикализм ва терроризми динӣ-мазҳабӣ рӯз дар миён дар қолаби исломи сиёсӣ даргир мешавад ва мақомоти расмӣ, ниҳодҳои давлатӣ, ҷомеаи маданӣ ва умуман, мардуми минтақаҳои гуногуни ҷаҳон саъю талош меварзанд, ки дасти дарози ин даҳшатафканиро бигиранд. Аммо чунон ки шоҳидем, вазъ на танҳо беҳбудӣ намеёбад, балки рӯз аз рӯз дар қолабҳои нав муташанниҷтар мегардад. Таҷрибаи кишварҳое, ки дар онҳо ҳизбҳои динӣ бо номҳои гуногун амал мекунанд, исбот кардааст, ки ҳеҷ пешравие дар он мамолики ба “шарофати” ҷунбишҳо ва ҳизбҳои дорои идеологияи динӣ ба вуҷуд наомадааст. Баръакс миёни худи ин иттиҳодияҳои сиёсӣ гоҳо хушунату тазод

барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ба авҷи аъло расида, дар маҷмӯъ, монеаи рушди бомароми он давлатҳо гардидааст.

Воқеан яке аз падидаҳои манфур ва хатарноки ҷаҳони муосир, ки ба сулҳу субот ва якпорчагии давлатҳои дунё таҳдиди бевосита дорад ин амалҳои террористиву экстремистӣ маҳсуб меёбад. Содир намудани чунин амалҳои ғайриинсонӣ ҷони ҳазорҳо сокинони осоишта, ҳатто тифлакони бегуноҳро низ аз байн мебарад ва аксаран боиси барангехтани низоъҳои миллию иҷтимоӣ ва динӣ мегардад. Ҳамзамон чунин амалҳои ноҷавонмардона боиси нобудшавии сарватҳои моддию маънавии таърихии халқу миллатҳое мегарданд, ки барқарор намудани онҳо ғайриимкон аст.

Аслан гуруҳҳои террористиву экстремистӣ аз ҳолатҳои ногувор ва вазъи нохуби ин ё он давлатҳо истифода мекунанд ва бештар фаъол мегарданд. Махсусан, ифротиёни динӣ, ки аз дини мубини ислом сӯистифода карда, миёни аҳолии осоишта иғво меандозанд, аз ҷумлаи ҳамин гуруҳҳои ба ҷомеа зараррасон мебошанд. Таърих гувоҳ аст, ки ин амалҳои ифротгароӣ мардуми моро солҳои 1992-1997 ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бародаркуш овард, ки оқибатҳои вазнини он ва хисоротҳои барқарорнашавандааш ба ҳамагон хуб маълум аст. Воқеъаҳое, ки дар ин солҳо дар ватани азизи мо рух дода буд, бояд барои яко яки мо таҷрибаи талхе бошад.

Дар воқеъ, барои шинохти террорист возеҳтарин таъриф каломи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки чандин маротиба дар минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда буданд, террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад” ҳар як инсони соҳиб ақл дарк мекунад, ки террорист мавҷуди беҳувиятест, ки аз дарки маънои зиндагӣ ва эҳсоси инсонӣ маҳрум аст.

Қобили қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз чандин конфронсу ҳамоишҳои сатҳи баландро ба мақсади мубориза бар зидди терроризм ташкил ва баргузор намудааст ва ҳамеша дар саргаҳи муборизони ин вабои номатлуби замон қарор дорад. Ва мо бовари дорем, ки ҳар як сокини сайёра бар муқобили ин падидаи номатлуб мубриза барад ба ҳадафҳои Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм хоҳем расид.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки ҷаҳони имрӯза ҳар яки моро водор мекунад, ки ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва ба хотири сулҳу оромӣ, дастовардҳои ваҳдати миллӣ, ва пойдории суботи сиёсии ҷомеа муттаҳид гашта, ба фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ дар мубориза бар алайҳи ин падидаи номатлуби ҷомеаи башарӣ ҳамаҷониба мусоидат намоем.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ аз 25.12.15с., № 1266);

3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2019 с., № 1555).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2023, № 960 қабул карда шуд бо қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023, № 359;

## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА УСУЛҲОИ МУБОРИЗАВУ ПЕШГИРӢ

**Сайфиддинов Фирдавс** - мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодиёти Тоҷикистон. Нишонӣ: ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14. Тел.:+992931754475. E-mail: fsaifidinov75@mail.ru

Дар мақола масъалаҳои терроризм, фаъолояти ташкилотҳои экстремистӣ ва хатарҳои он ба минтақаҳои ҷаҳон аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Қайд шудааст, ки имрӯз ва дар оянда терроризм ва экстремизм ҳамчун хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, бо истифода аз технологияи муосир, ки босуръат рушд намуда истодааст, тарзу усулҳои нави истифодабариро ба худ касб мекунад. Ҳамчунин муаллиф сабабҳои шомилгардии инсониятро ба гурӯҳҳои ифротӣ баён намуда, роҳҳои пешгирӣ ва муборизаро бо ин вабои аср такя ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ муайян кардааст.

**Калидвожаҳо:** терроризм, ташкилотҳои экстремистӣ, ифротгароӣ, иҷборӣ, ҷиноят, стратегияи муқовимат.

## ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ: ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ, МЕТОДЫ БОРЬБЫ С НИМИ И ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ

**Сайфиддинов Фирдавс** - специалист отдела международных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.:+992931754475. E-mail: fsaifidinov75@mail.ru

В статье рассматриваются вопросы терроризма, деятельности экстремистских организаций и их угрозы для регионов мира, в том числе для Республики Таджикистан. Отмечено, что сегодня и в перспективе терроризм и экстремизм остаются наиболее опасными угрозами человечеству и мировому сообществу, а с использованием стремительно развивающихся современных технологий они приобретают новые формы и методы эксплуатации. Автор также объясняет причины вовлечения человечества в экстремистские группировки и на основе нормативно-правовых документов определяет пути профилактики и борьбы с этим злом века.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремистские организации, экстремизм, принуждение, преступность, стратегия сопротивления.

# TERRORISM AND EXTREMISM: CONCEPT, ESSENCE, METHODS OF FIGHTING THEM AND PREVENTION

**Saifiddinov Firdavs -** specialist of the international relations department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: +992931754475. E-mail: fsaifidinov75@mail.ru

The article examines the issues of terrorism, the activities of extremist organizations and their threat to regions of the world, including the Republic of Tajikistan. It is noted that today and in the future, terrorism and extremism remain the most dangerous threats to humanity and the world community, and with the use of rapidly developing modern technologies, they acquire new forms and methods of exploitation. The author also explains the reasons for the involvement of humanity in extremist groups and, based on regulatory documents, determines ways to prevent and combat this evil of the century.

**Keywords:** terrorism, extremist organizations, extremism, coercion, crime, resistance strategy.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи бадастоварии Истиқлоли давлатӣ ва барқарорсозии Ваҳдати миллӣ мушкилиҳои зиёд ва манфури сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангиро пушти сар намуд, ки хисороти зиёди пулию молиро ба бор оварданд. Аз ин рӯ, кишвари мо барои таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ, пойдории Ваҳдати миллӣ ва таъмини суботи комил барои пешгирӣ, аз байн бурдан ва несту нобуд кардани омилҳои манфии сиёсии ҷомеаи имрӯза, махсусан тероризму экстремизм зарурат дорад.

Имрӯз дар як қатор давлатҳо ҷангҳои харобиовар идома дошта, боиси афзоиши шумораи фирориёни иҷборӣ, бекорӣ, гуруснагӣ ва шиддат гирифтани мушкилотҳои иҷтимоӣ гардидаанд. Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бисту як табдил ёфтааст.

Дар бисёре аз мавридҳо ташкилотҳои экстремистӣ барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан ба эътиқоди динии ашхоси алоҳидаи ноогоҳ ва ҳисси миллӣ надошта таъсир расонида, шаҳрвандони гуногуни дунёро бовар кунониданӣ мешаванд, ки сиёсати давлатдорӣ бар зидди ақидаҳои динии онҳост. Маҳз бо ҳамин роҳу восита мехоҳанд дини мубини Исломро барои ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шудан истифода баранд ва қурбонии ин фитнаҳо дар ин ё он минтақа асосан ҷавононро ҳадафи аслии худ қарор медиҳанд.

Айни замон терроризм – ин дигар танҳо диверсанти якка (таҳрибгар), рабояндаи тайёра ва одамкушхои фидоӣ (комикадзе) набуда, балки терроризми муосир – ин сохторҳои мутамарказе мебошанд, ки дастгирии онҳоро абарқудартҳо таъмин менамоянд. Хамзамон, терроризм ба яке аз

навъҳои тиҷорати судманди микёси ҷаҳонӣ ва бозори зархаридони қотил ва ғайраҳо мубаддал гаштааст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти масъалаҳои муҳимми сол ва дурнамои соли минбаъда суханронӣ менамоянд, ки дар оғози ҳар Паём пеш аз баррасии вазъи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, вазъи мавҷудаи байналмилалӣ ба таври мухтасар баён мегардад. Зеро вазъи сиёсии ҷаҳони имруза, аз ҷумла давлатҳои исломӣ аз нигоҳи амният хеле муташанниҷ буда, таъсири он ба тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла давлати мо истисно намебошад.

Дар ҷаҳони муосир равандҳо ва зуҳуроте мавҷуданд, ки на танҳо ба як кишвар ва ё як минтақа, балки ба тамоми кишварҳои ҷаҳон ва дар маҷмуъ ба кулли мардумони сайёра таҳдид мекунанд. Яке аз чунин зуҳуроти номатлуб, ки хатари минтақавию байналмилалиро ба бор оварда, дар ҳама минтақаҳои олам тамоюли паҳншавиро дорад, тероризм ва экстремизм мебошад, ки боиси таваҷҷухи ҳаматарафаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳон гардидааст. Ҳарчанд падидаҳои ҷойдошта мавҷуди ин аср нестанд, вале дар баробари асри нав симои навро ба худ гирифта, моҳияти онҳо шакли муташакилтару мураккаби зоҳиршавиро пайдо кардааст. Имрӯз ва дар оянда низ терроризм ва экстремизм ҳамчун хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, бо истифода аз технологияи муосир, ки босуръат рушд намуда истодааст, тарзу усулҳои нави истифодабариро ба худ касб мекунад. Барои мисол, дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор нафар мардуми осоишта қурбони амалҳои террористӣ ва экстремистӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу корношоям шуданд. Ҳалокати ҳазорон мардуми осоиштаи сайёра, алалхусус қисми осебпазири ҷомеа занону кӯдакон аз ин хатари марговар гувоҳи он аст, ки ин амалу кирдори ваҳшиёна ба касеву чизе раҳм надорад ва ҳамчун василаи амалӣ сохтани ҳадафу мақсадҳои нопок аз ҷониби як тудаи аз фарҳангу маърифат дур, бехирад ва ҷоҳилу нотавонбин истифода мегардад.

Экстремизм аз вожаи фаронсавии «extremism» ва лотинии «extremus» гирифта шужа, маънои луғавиаш ифротгарой, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштанро дорад. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон дар дин, сиёсат, идеология, илм ва хатто дар варзиш низ ба миён ояд.

Терроризм худ падидаи номатлуби ҷомеаи навин буда, фаҳмиши он дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили қатлу куштори инсон, ба гаравгон гирифтани одамон. Тарконидани иншоотҳои гуногуни истеҳсолӣ ва маишиву фароғатӣ, рабудани воситаҳои гуногуни нақлиётӣ ва амсоли инҳо дониста мешавад. Экстремизм бошад, хислати ҷудоихоҳӣ, ифротгарой ва иғвоангезиро доро буда, бо терроризм алоқаи ногусастанӣ дорад. Бо тарзи дигар, мақсад ва оқибати экстремизм ин терроризм аст. Вале дар умум чунин баҳогузорӣ

мебояд намуд, ки ҳарду ба истилоҳ комилан хатари калони парокандагиву бесарусомониро доро буда, оқибати басо нанговар доранд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳаракатҳои террористӣ дар миқёси олам гуногун буда, онҳоро асосан ду унсури умумӣ бо ҳам муттаҳид мекунад: аввалан, онхо ду унсури умумӣ бо ҳам муттаҳид мекунад; аввалан, онҳо барои халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ ва суст намудани пояҳои ҳокимияти давлатӣ равона гардида ва дигар ин ки, ин ҳаракатҳо дар байни аҳолӣ ҳиссиёти тарс, оҷизиро ба вуҷуд меоваранд. Тибқи фасли 8, боби 21 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ аз моддаҳои 179 то 180 пешбинӣ менамояд. Тибқи моддаи 179 кодекси мазкур мафҳуми «терроризм» яъне содир намудани таркиш, сухтор, тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдор, ки боии хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо фаҳмида мешавад.

Дар тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мақсадҳои терроризм чунин шарҳ дода шудааст: «Мақсади ибтидоии тероризм халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба воҳима ва таҳлука овардани аҳолӣ буда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатист. Чунин ҳаракатҳо мақсади ниҳоии ҷинояткоронро дар маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳуқуқӣ мебошад, ки ба манфиати онҳост ва ё мақсади резонидани обру ва манзалати мақомоти давлатист». Мутаассифона дар натиҷаи чунин амалиёти террористии бо номи исломиён шумораи зиёди аҳолии бегуноҳ ба ҳалокат расида, нисбат ба дини мубини ислом ҳисси бадбинии мардуми ғайримусулмонро ба вуҷуд оварда, барои пешрафти давлатҳои мусулмонӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод намуда истодааст. Паёмадҳои амалҳои тундгароӣ, ифродгароӣ ва террористӣ бешубҳа на ба манфиати башариат ва на ба манфиати халкҳои мусулмонони дунё мебошад. Ҳисороти моддию маънавӣ дар натиҷаи содир намудани амалҳои террористӣ низ беҳисоб аст.

То имрӯз аз ҷониби донишмандони соҳаҳои мухталифи илмӣ як қатор сабабҳо ва омилҳои таъсирпазири пайдоиш ва зуҳури ин падидаҳои номатлуб (терроризм ва экстремизм) дар кишварҳои ҷаҳон мавриди таҳқиқ ва омузиш қарор гирифта истодааст. Қисме аз олимон пайдоиш ва нузули чунин амалҳои манфии ҷомеаи ҷаҳониро, пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти аҳолӣ дар кишварҳо вобаста медонанд. Қисми дигар бошад, зуҳури чунин паидадҳоро ба ихтилофоти сиёсии байнидавлатӣ алоқаманд мешуморанд.

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ва дар замири ҳар як шахси ба ин гуруҳҳо ва ҳаракатҳо пайвастшаванда ақидаи гуруҳи аввали олимони ҷомеашинос мувофиқ меояд, чунки маҳз ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар зиндагӣ ва сатҳи нопурраи тафаккури маънавӣ ба ин роҳ шахсро водор месозад.

Ҳамзамон, муҳаққиқон зимни муайян намудани сабабу омилҳои таъсирпазири падидаҳои зикргардида, навъҳои гуногуни терроризм ва экстремизм, аз қабили терроризми сиёсӣ, динӣ, зиддичаҳонишавӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, миллатгароӣ, ҷиноӣ, билогӣ, кибернетикӣ ва ғайраро муайян намудаанд, ки терроризму экстремизми диниро дар замони муосир аз ҳама беш хавфнок ва мушкилофар барои аҳли башар маънидод намудаанд. Ба ақидаи аксар олимон низ экстремизм дар дин бештар хусусияти ҷалбнамоиро созгор мебошад ва он дар тамоми гушаву канори олам ба мушоҳида мерасад.

Зеро дар бисёр мавридҳо ба назар мерасад, ки ифродгароён дар зери шиорҳои динӣ баромад намуда, аз номи дин ҳарф мезананд ва амалҳову аъмоли худро аҳкоми динӣ мешуморанд, ки ин пеш аз ҳама, ба хотири суйстифода аз шуури динии мардум равона гардида, ҳеҷ рабте ба арзишҳои динӣ ва аҳкоми он надорад. Яъне, ин амалкард ва рафтори барғалат боз ҳам аз бединию хоинӣ ва ақоиди пасти чунин гуруҳҳо дарак медиҳад.

Аз ин рӯ, ҳар як фарди соҳибшуур ва бомаърифати ҷомеа, махсусан ҷавононро, ки қисми асосии ҷамъиятро ташкил медиҳанд месазад ба ин афкори барғалати чеҳраҳои сиёсии ноаён фирефта нашаванд, дар ҷустуҷуи омузиш, аз барнамоӣ ва ғанигардонии маърифати ахлоқи, ҳуқуқи ва сиёсии хеш бошанд, то дар таҳкими суботи комили сиёсии Тоҷикистони азиз саҳмгузор бошанд. Чунки суботу амнияти Тоҷикистон, устувории ҷойгоҳи Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ аз амнияту осудагии марзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар яки мо арзиши муҳим ва калидӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои ҷаҳон бо ин зуҳуроти номатлуб мубориза бурда, талош менамояд, то ки аз пайомади ногувори ин гуна амалҳо ҷилавгирӣ намояд.  Вобаста ба ин ва баҳри тадбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки бо мақсади таъмини ҳифзи амният, шаҳрвандони он ва дигар шахсони дар қаламрави он қарордошта, аз таҳдиди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), тадбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, барҳам додани таҳдиди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) дар қаламрави кишвар, ошкор намудан, аз байн бурдан ва пешгирии сабаб ва шароитҳое, ки боиси ба миён омадан ва паҳн шудани терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) мегарданд, инчунин рафъи оқибатҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремисти дошта, равона гардидаанд.

Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (соли 1999), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (соли 2020), фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тадбирҳои пурзур кардани мубориза бо терроризм аз 21 апрели соли 1997,таҳти №707, Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзур намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, таҳти №320 тасдиқ шудааст. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат

ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016 таҳти №776 тасдиқ гардидааст.

Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, таҳти №1717 тасдиқ шудааст, Конвенсияи Шанхаӣ дар бораи мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротталабӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2002, таҳти №513 тасдиқ шудааст ва Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, таҳти №187 тасдиқ шудааст, қабул гардиданд, ки барои муборизаи оштинопазир бурдан бо чунин зуҳуроти номатлуб мусоидат намудаанд ва тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ гардида истодаанд.

Ҳамин тариқ, дар баробари муқаррароти танзимкунандаи фаъолияти давлатӣ ва баҳри амалинамоии онҳо дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм фаъолияти якҷояи кишварҳои гуногуни ҷомеа талаб карда мешавад.

Яъне имруз танҳо муборизаи дастаҷамъонаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мусоидати аҳолӣ бо мақомот ва ҳушёрию зиракии мардум имкон медиҳад, ки пеши роҳи ин омилҳои манфӣ гирифта шавад, то ки суботу оромӣ таъмин ва ҳар як фард дар ватани азизи хеш Тоҷикистони соҳибистиқлол зиндагонии ободу осоишта ба сар барад. Инчунин, ҳар як фарди тоҷикистон ҳамчун неруи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат ва созандагони имрузу фардои Тоҷикистони азиз бо ҳисси баланди миллӣ пояҳои давлатдории миллиамонро ҳамчун гавҳари ноёб эҳтирому нигоҳ дорем, ҳамчун неруи бузурги созанда ва сипари боэтимоди давлатамон бар зидди ҳама гуна хатари терроризму экстремизм бо роҳҳои пешбинӣ намудаи қонунгузорӣ мубориза мебарем.

## Адабиёт


1. Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзур намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003, 26 июли соли 2000, таҳти №320.-34с.
2. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, аз 12 ноябри соли 2016 таҳти №776.- 17с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (соли 1999).-22с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (соли 2020).-18с.
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386.-245с.

## НАҚШИ АДАБИЁТ ДАР ПЕШГИРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ

**Мирзоев Илҳомуддин Неъматович** –муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64-14.тел: 981021683

Дар мақолаи мазкур оид ба нақши адабиётдар маърифатнок гардидани ҷомеа ва дар пешгирии гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои тундраву ифротгаро фикру мулоҳизаҳо баё н гардида, ашъори ҳамчунин ашъори шоирони баркамол ва шоирони ҷавон дар вобастагӣ ба мавзуи мазкур бо мисолҳои мушаххас мавриди пажуҳиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** адабиёт, ашъор, хирад, ифротгароӣ, терроризм, гуманизм (инсондӯстӣ), адиб, васф.

## РОЛЬ ЛИТЕРАТУРЫ В ПРОФИЛАКТИКЕ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА

**Мирзоев Илхомуддин Нематович** – старший преподаватель кафедры таджикского языка Государственного университета финансов и экономики Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64-14. Тел: 981021683

В статье рассматривается мысли и наблюдения о роли литературы в просвещении общества и предотвращении присоединения молодежи к экстремистским и агрессивным группам. Исследуются и анализируются стихотворения как зрелых, так и молодых поэтов по данной теме с конкретными примерами.

**Ключевые слова:** литература, поэзия, мудрость, экстремизм, терроризм, гуманизм, писатель, похвала.

## THE ROLE OF LITERATURE IN THE PREVENTION OF TERRORISM AND EXTREMISM

**Mirzoev Ilhamuddin Nematovich** – Senior Lecturer, Department of Tajik Language, State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64-14. Tel: 981021683

The article examines thoughts and observations about the role of literature in educating society and preventing young people from joining extremist and aggressive groups. Poems by both mature and young poets on this topic are examined and analyzed with specific examples.

**Key words:** literature, poetry, wisdom, extremism, terrorism, humanism, writer, praise.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба гурӯҳҳои тундрав ва ифротгаро гаравидани иддае аз афрод, бахусус ҷавонон сахт ба ташвиши овардааст. Зеро ҷавонон, киояндаи ҳар як халқу милат ҳастанд, метавонанд барои ҷомеаи мутамаддин пеш аз ҳама саҳмгузор бошанд. Аммо барои ин пеш аз ҳама донишу маърифати баланди ҷавонон зарур аст, то онҳо барои пешрафти иқтисодиёт, сиёсат, технология ва амсоли ин саҳмгузор бимонд .

Аммо имрӯз як қатор ҷавонон аз сабаби камфарҳангиву маърифати паст ва номӯхтани илму дониш фирефта ва қурбонии чунин гурӯҳҳои тундраву инфиротгаро мегарданд, ки ҷавонони тоҷик низ истисно нестанд .

Имрӯз аксари коршиносону донишмандон ба чунин гурӯҳҳо гаравидани ҷавононро ба чандин омилҳо вобаста медонанд. Аммо ба андешаи камина сабаби асосии он пеш аз ҳама камфарҳангиву маъртфати пасти онҳост , ки онҳо тез ба доми чунин гурӯҳҳо ва ашхоси алоҳида меафтанд.

Имрӯз то як андоза аз адабиёт, бахусус, адабиёти оламшумули классикӣ ва муосири тоҷик дур мондани ҷавонон боиси паст шудани фарҳангу маънавиёти онҳо гардидааст. Зеро адабиёти бою ғании мо , ки саропо панду андарзу ахлоқ аст ва аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад, метавонад ҷомеаи моро дар роҳи беҳтарин фазилати инсонгароӣ тарбия намояд. Асарҳои бешуморе, ки аз ҷониби бузургтарин адибони мо таълифу эҷод гардидаанд, ҳамеша чунин амалҳои пасти инсониро маҳкум намудаанд. Ҳанӯз сипаҳсолори адабиёти форсии тоҷикӣ, Одамушуаро Абуабдуллои Рӯдакӣ дар асрҳои lX–X мелодӣ гуфта буд:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,  
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.  
Ин тег на аз баҳри ситамгарон карданд,  
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт [4, с. 28].

Ба ҷуз ин шоир дар саропои ашъораш ҳамеша некию некӯкорӣ, хираду дониш ва умуман беҳтарин хислатҳои инсониро тарғиб намуда, баръакс ҷангу фитна, куштору ғавғоро чун кори бехирадон талқин менамояд.

Шоири дигари бузурги адабиёти форсии тоҷикӣ Абулқосим Фирдавсӣ низ аз зумраи он суханваронест, ки ашъори ӯ моломол аз панду андарзҳои рӯзгор аст. «Шоҳнома»-и эҷоднамудаи шоир яке аз шоҳкориҳои бузурги адабиёт буда, дар қатори беҳтарин асарҳои адабиёти ҷаҳонӣ қарор дорад.шоир дар ин асари машҳури худ ҳамеша қатлу куштори мардуми мазлуму бегуноҳро маҳкум намуда, тамоми инсонба сӯйи хираду накӯкорӣ даъват месозад. Ҳанӯз дар ои асари машҳураш шоир зикр мекунад:

Ба номи Худованди ҷону хирад,

К-аз ин андеша бартар нагзарад [6, с. 78]..

Ба андешаи шоир кас бо фаро гирифтани маҷмуи сифатҳои нек инсон хирадманд мешавад вап маҳз бо ҳамин сифатҳои хешаз тамоми мавҷудоти олам боло меистаду фарқ мекунад. Ва дар ин бора барҳақ шоир тзикр мекунад.

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,

Хирад зевари номдорон бувад.

Хирад раҳнамову хирад дилкушой,

Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой [6, с. 63]..

Дарвоқеъ, донишу хирад инсонро арҷманду тавоно мегардонад ва инсони хирадманду доно ҳаргиз ба амалҳои пасту нангин даст намезанад. Шоир дар симои қаҳрамонони асараш беҳтарин хислатҳои инсониро тарғиб намудааст.

Шоирони дигари маҳури тоҷик Носири Хусрав, Низомии ганҷавӣ, Умари Хаём, Саъдии Шерозӣ ва амсоли инҳо низ дар ашъорашон ҳамешаростиву росткорӣ, ҳисси меҳру муҳаббат ба ҳамдигар, дӯстиву эҳтироми байни инсонҳоро ҳамеша тарғиб намудаанд. Аз ҷумла чанд шоҳбайти устод Саъдиро метавон мисол овард, шуҳрати ҷаҳондоранд:

Бани одам аъзои як пайкаранд,

Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.

Чу узве ба дард оварад рӯзгор,

Дигар узвҳоро намонад қарор.

Ту, ки аз меҳнати дигарон беғамӣ,

Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ [7, с. 25]..

Саъдӣ ҷосусӣ ва хиёнат ба ватанро бадтарин амали инсонӣ мешуморад ва ба ин хусусияти қабеҳтарини одамони нопок нафрат мепарварад. Дар ҳақиқат, ашъори шоирони гузаштаву муосири мо, ки асарҳои мондагоре эҷод намудаанд, дар ашъори хеш ҳамеша қчатлу хунрезӣ , бадиву бадкирдорӣ барин хислатҳоро мазаммат намудаанд. Масалан «Маснвии маънавии»-и Ҷалолиддини Балхӣ, ки он қариб ба 160 забони дунё тарҷума ва нашр гардидааст, худ гувоҳи он аст, ки дар он андешаҳои баланди инсонгароӣ матраҳ гардидааст. Пеш аз ҳама дар ашъори шоир андешаҳои гуманистӣ (инсондӯстӣ)мавқеи хеле муҳим доранд, ки шухрати шоирро боз ҳам афзун менамоянд. Ин аст, ки намояндагони тамоми халқу миллатҳо ва пайравони дину мазҳабҳои гуногун ба Ҷалолиддини Балхӣ назари ниҳоят неку самимӣ доранд. Саропои ашъори шоирро андешаҳои фароху баландмазмун, пеш аз ҳама талқини меҳру муҳаббати инсондӯстӣ , мазаммати қатлу куштору хунрезӣ ва монанди инҳо фаро гирфтааст.

Дар меҳвари эҷодиёти шоир пеш аз ҳама инсон меистад. Яъне шоир даъват мекунад, ким о бояд инсонҳоро ба миллату дину мазҳабҳо тақсим накунем. Ҳама инсонҳо дӯсту рафиқу бародар бошем. Шоир мегӯяд:

Дӣ шайх дидам ҳамегашт бо чароғ,

К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст [4, с. 35]..

Ё ҷойи дигар мегӯяд:

Аз оташи нопайдо дорам дили бирёне,

Фарёд, мусулмонон, аз дасти мусулмоне!

З-ин фитнаву ғавғое оташ зада ҳар ҷойе,

В-аз оташу дуди мо бархоста айвоне [4, с. 98]..

Ҳамин гуна ашъори маҳкумкунандаи амалҳои нопоки инсонӣ дар эҷодиёти шоирони адабиёти форсии тоҷикӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Дар ашъори шоирони дигари машҳури тоҷик аз қабили Ҳофизи Шерозӣ, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдулқодири Бедил, Шамсиддини Шоҳӣн ва бисёр дигарон масъалаи қатлу куштор, инсонбадбинӣ, кинаву хусумат нисбати намояндагони адёну мазҳабҳои дигарҳамеша маҳкуум гардидааст.

Мавзуи мазкур дар адабиёти муосири тоҷик ҳам мавқепи муҳим дорад. Машҳуртарин адибони тоҷик аз устод Садриддин Айнӣ то имрӯз ин мавзуъро пайгирӣ намуда, ҷангу хунрезӣ, бераҳмӣ, ифротгароӣ, хусумат вамонанди инро аз амалҳои пасти инсонӣ донистаанд. Дар ашъори Мирзо Турсунзода ҳамеша сулҳу дӯстиро тарғиб намуда, ҷангҷӯёнро пайваста нафрин сохтааст. Ҳамчунин дар ашъори шоирони номвари тоҷик ва як идда шоиони ҷавони тоҷик Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ, Камол Насрулло, Ҳақназар Ғоиб, Алимуҳаммад Муродӣ, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Раҳмат Назрӣ, Абдулқодири Раҳим, Сайёд Ғаффор, Ато Мирхоҷа, Салими Зарафшонфар, Озаррахш, Муҳамадалии Аҷамӣ, Исфандиёри Назар ва дигарон пайваста беҳтарин хулқу атвори инсонӣ васфу ситоиш гардида, амалҳои бади инсонӣ мавриди танқиду накуҳиш ҷқарор гирифтаанд.

Хулоса, ҳар фарди огоҳ, шахсе, ки ба адабиёти оламшумули мо ошноӣ пайдо мекунад, аз чунин амалҳои баду нангин, ба монанди терроризму ифротгароӣ, ки имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, парҳез менамояд. Алалхусус, ҷавонон баъд аз мутолиаву ошноӣ ба адабиёти бою бисёр ғаниамон ба чунин роҳҳои бад ҳаргиз намераванд.

Боиси хурсандист, ки чанд сол боз инҷониб бо ташаббусҳои бевоситаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” амал менамояд ва барои ғолибон маблағҳои хеле хуб низ пешбинӣ шудааст. Аз ин

рӯ ба адабиёт овардани ҳар шахс ӯро ба сӯйи хираду равшанӣ раҳнамоӣ мекунад.

**Адабиёт**


1. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Асозода.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014.–672 с.
2. Ваҳҳоб Рустам. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ. /Рустами Ваҳҳоб.– Душанбе: Адиб, 2011.–224 с.
3. Имомзода М.С., Кӯчарзода А., Абдуллозода М.А., Табарӣ М. Адабиёти тоҷик дар замони истиқлолият.–Душанбе: 2020.–346 с.
4. Румӣ Ҷалолиддин. Саду як ғазал. / Ҷалолиддини Румӣ.– Душанбе: Ирфон, 2009.–104 с.
5. Рӯдакӣ А. Ашъор. / А. . Рӯдакӣ .–Душанбе: Адиб, 2007.– 224 с.
6. Шарифзода Худоӣ. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ. / Худоӣ Шарифзода: – Душанбе: 2014.– 400 с.
7. Шерозӣ Саъдӣ. Гулистон. / Саъдии Шерозӣ.– Душанбе: Маориф,1985.–200 с.

# ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ - УГРОЗА СОВРЕМЕННОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

**Якубов Рустам Шарафович** – старшый преподователь кафедры естественных наук Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)918-23-58-23 E-mail: **mega.rus2022@mail.ru**

**Абдуллозода Одилджон Пардаали** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, к. с/х.н. кафедры естествознания. Адрес: г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)938060604

В данной статье проводится комплексный анализ современных проявлений терроризма и экстремизма как глобальных угроз международной безопасности и стабильности. Исследование охватывает период с 2010 по 2024 годы и включает анализ статистических данных по различным регионам мира, включая Центральную Азию и Республику Таджикистан. Методология исследования основана на системном подходе с использованием статистического анализа, сравнительного метода и контент-анализа. Результаты показывают устойчивую тенденцию к росту экстремистских проявлений в онлайн-пространстве, при одновременном снижении крупномасштабных террористических актов благодаря усилению международного сотрудничества. Особое внимание уделяется анализу ситуации в Таджикистане, где активная государственная политика по противодействию экстремизму показывает положительные результаты. Статья содержит рекомендации по совершенствованию системы противодействия терроризму и экстремизму на национальном и международном уровнях.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, международная безопасность, радикализация, Центральная Азия, Таджикистан, противодействие терроризму, кибербезопасность.

# TERRORISM AND EXTREMISM ARE A THREAT TO MODERN CIVILIZATION

**Yakubov Rustam Sharafovich** - is a senior lecturer at the Department of Natural Sciences of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Dushanbe. 64/14 Nakhimov St., Dushanbe, tgfeu@tgfeu.tj phone: (+992)918-23-58-23 E-mail: mega.rus2022@mail.ru

**Abdullozoda Odiljon Pardaali** - Associate Professor of the Department of Natural Sciences of the State University of Finance and Economics of Tajikistan.

Address: sh. Dushanbe, 64/14 Nahimov Street, tgfeu@tgfeu.tj. Phone: (+992)938060604.

This article provides a comprehensive analysis of modern manifestations of terrorism and extremism as global threats to international security and stability. The study covers the period from 2010 to 2024 and includes an analysis of statistical data for various regions of the world, including Central Asia and the Republic of Tajikistan. The research methodology is based on a systematic approach using statistical analysis, comparative method and content analysis. The results show a steady trend towards an increase in extremist manifestations in the online space, while reducing large-scale terrorist attacks due to increased international cooperation. Special attention is paid to the analysis of the situation in Tajikistan, where an active government policy to counter extremism is showing positive results. The article contains recommendations on improving the system of countering terrorism and extremism at the national and international levels.

**Keywords:** terrorism, extremism, international security, radicalization, Central Asia, Tajikistan, counter-terrorism, cybersecurity

## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ТАҲДИДИ ТАМАДДУНИ МУОСИР

**Якубов Рустам Шарафович** — муаллими калони кафедраи кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)918-23-58-23 E-mail: mega.rus2022@mail.ru

**Абдуллозода Одилҷон Пардаали – дотсенти** кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)938060604

Дар ин мақола таҳлили ҳамаҷонибаи зуҳуроти муосири терроризм ва экстремизм ҳамчун таҳдидҳои глобалии амният ва суботи байналмилалӣ гузаронида мешавад. Тадқиқот давраи аз соли 2010 то 2024-ро дар бар мегирад ва таҳлили маълумоти омориро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Методологияи тадқиқот ба равиши системавӣ бо истифода аз таҳлили оморӣ, усули муқоисавӣ ва таҳлили мундариҷа асос ёфтааст. Натиҷаҳо тамоюли устувори афзоиши зуҳуроти экстремистӣ дар фазои онлайнро нишон медиҳанд, дар ҳоле ки амалҳои террористии васеъмиқёс бо шарофати тақвияти ҳамкории байналмилалӣ коҳиш меёбанд. Ба таҳлили вазъи Тоҷикистон, ки дар он

сиёсати фаъоли давлатӣ оид ба муқовимат ба экстремизм натиҷаҳои мусбат нишон медиҳад, диққати махсус дода мешавад. Дар мақола тавсияҳо оид ба такмили системаи муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ оварда шудаанд.

**Калидвожа:** асосӣ: терроризм, экстремизм, амнияти байналмилалӣ, радикализатсия, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, муқовимат ба терроризм, киберамният.

Терроризм и экстремизм представляют собой одни из наиболее серьёзных вызовов современной цивилизации. За последние два десятилетия международное сообщество стало свидетелем эволюции террористических угроз от локальных конфликтов до глобальных сетевых структур, способных оказывать деструктивное воздействие на политическую стабильность, экономическое развитие и социальную сплочённость государств и регионов.

Современный терроризм характеризуется высокой адаптивностью, использованием новейших технологий для пропаганды и координации деятельности, а также способностью к быстрой трансформации в ответ на изменяющиеся условия безопасности. Экстремистские идеологии находят благодатную почву в условиях социально-экономической нестабильности, межэтнических противоречий и информационных войн.

Республика Таджикистан, расположенная в стратегически важном регионе Центральной Азии, сталкивается с особыми вызовами в сфере противодействия терроризму и экстремизму. Географическое положение страны, граничащей с Афганистаном, исторические и культурные связи с соседними государствами создают специфические условия для проявления террористических и экстремистских угроз.

Целью настоящего исследования является комплексный анализ современного состояния террористических и экстремистских угроз, выявление основных тенденций их развития и оценка эффективности мер противодействия, включая опыт Республики Таджикистан.

Задачи исследования:

1. Проанализировать динамику террористической активности в мире за период 2010-2024 гг.;
2. Выявить основные факторы, способствующие распространению экстремистских идеологий;
3. Оценить эффективность международных и национальных механизмов противодействия терроризму;
4. Исследовать специфику угроз терроризма и экстремизма в Центральной Азии;

5. Проанализировать опыт Таджикистана в борьбе с экстремизмом и терроризмом;

6. Разработать рекомендации по совершенствованию системы противодействия террористическим угрозам.

**Методологическая основа исследования включает в себя:**

Системный подход - рассмотрение терроризма и экстремизма как сложных многофакторных явлений, требующих комплексного анализа их политических, социальных, экономических и культурных детерминант.

Статистический анализ - обработка количественных данных о террористических инцидентах, их географическом распределении, жертвах и материальном ущербе на основе данных Global Terrorism Database, Европола и национальных служб безопасности.

Сравнительный метод - сопоставление опыта различных стран и регионов в противодействии террористическим угрозам, выявление лучших практик и неэффективных подходов.

Контент-анализ - изучение экстремистского контента в интернете, анализ пропагандистских материалов и способов их распространения.

Экспертное интервьюирование - консультации со специалистами в области безопасности, представителями правоохранительных органов и академического сообщества.

Источниковая база исследования включает официальные статистические данные международных организаций, отчёты спецслужб, научные публикации, аналитические материалы исследовательских центров и результаты полевых исследований в регионе Центральной Азии.

**Результаты исследования**

**Глобальные тенденции террористической активности**

Анализ статистических данных за период 2010-2024 гг. выявил следующие ключевые тенденции:

| Показатель | 2010 | 2015 | 2020 | 2024 | Изменение (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| Количество террористических инцидентов | 11,604 | 14,806 | 8,302 | 6,789 | -41.5% |
| Число жертв | 49,901 | 78,446 | 25,673 | 18,234 | -63.5% |
| Страны, затронутые терроризмом | 89 | 106 | 98 | 87 | -2.2% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Экономический ущерб (млрд долл.) | 52.9 | 89.4 | 26.8 | 19.3 | -63.5% |

Анализ географического распределения террористических угроз показывает концентрацию активности в следующих регионах:

Ближний Восток и Северная Африка - 45% всех инцидентов; Южная Азия - 28% всех инцидентов; Африка к югу от Сахары - 18% всех инцидентов; Центральная Азия - 3% всех инцидентов; Прочие регионы - 6% всех инцидентов; Ситуация в Центральной Азии и Таджикистане

Республика Таджикистан демонстрирует относительно стабильную ситуацию в области противодействия терроризму.

За анализируемый период в стране зафиксировано:

| Год | Предотвращённые теракты | Задержанные экстремисты | Изъятые материалы |
|---|---|---|---|
| 2020 | 12 | 47 | 156 |
| 2021 | 8 | 35 | 98 |
| 2022 | 15 | 62 | 203 |
| 2023 | 11 | 41 | 134 |
| 2024 | 7 | 28 | 89 |

Полученные данные свидетельствуют о неоднозначных тенденциях в развитии глобальной террористической угрозы. С одной стороны, наблюдается значительное снижение количества крупномасштабных террористических актов и связанных с ними жертв. Это может быть объяснено усилением международного сотрудничества в сфере борьбы с терроризмом, совершенствованием технических средств обнаружения угроз и повышением эффективности превентивных мер.

С другой стороны, террористические и экстремистские группировки демонстрируют высокую адаптивность, перенося свою деятельность в киберпространство и используя новые технологии для вербовки и координации. Особую озабоченность вызывает рост онлайн-радикализации, особенно среди молодёжи.

Опыт Таджикистана в противодействии экстремизму заслуживает особого внимания. Страна разработала комплексную стратегию, включающую не только силовые методы, но и превентивные меры социально-экономического и образовательного характера. Создание Центра изучения современных угроз при Академии наук Республики Таджикистан способствует научному обоснованию мер противодействия экстремизму.

Важным элементом таджикского подхода является работа с религиозными лидерами и гражданским обществом. Программа "Молодёжь против экстремизма", реализуемая при поддержке международных партнёров, показывает положительные результаты в формировании устойчивости молодёжи к радикальным идеологиям.

Вместе с тем, анализ выявляет ряд системных проблем, требующих внимания международного сообщества. Недостаточная координация между различными структурами, занимающимися противодействием терроризму, неравномерность в распределении ресурсов между регионами, а также сохраняющиеся социально-экономические диспропорции создают благоприятную среду для распространения экстремистских идей.

Проведённый анализ позволяет сделать вывод о том, что терроризм и экстремизм продолжают оставаться серьёзными угрозами международной безопасности, несмотря на достигнутые успехи в их противодействии. Эволюция террористических угроз требует постоянной адаптации стратегий и методов борьбы с ними.

**Ключевые выводы исследования:**

1. Глобальная террористическая активность демонстрирует тенденцию к снижению по количественным показателям, но возрастает по качественным характеристикам - изощрённости методов и использованию новых технологий.
2. Центральная Азия остаётся относительно стабильным регионом, однако географическая близость к очагам нестабильности требует постоянной бдительности и превентивных мер.
3. Опыт Таджикистана демонстрирует эффективность комплексного подхода, сочетающего силовые меры с социально-экономическими и образовательными программами.
4. Онлайн-радикализация становится преобладающим способом распространения экстремистских идеологий, что требует развития новых компетенций в сфере кибербезопасности.

**Рекомендации:**

Усиление международного сотрудничества в области обмена информацией о террористических угрозах;

Развитие программ социально-экономической интеграции уязвимых групп населения;

Совершенствование методов противодействия онлайн-радикализации;

Укрепление потенциала гражданского общества в противодействии экстремизму;

Продолжение научных исследований в области причин и механизмов радикализации.

Дальнейшие исследования должны сосредоточиться на изучении долгосрочных эффектов пандемии COVID-19 на процессы радикализации, анализе влияния искусственного интеллекта на террористическую деятельность и разработке инновационных подходов к превенции экстремизма в цифровую эпоху.

## Литература


1. Бакиев А.М. Противодействие экстремизму в Центральной Азии: опыт Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. 2023. № 3. С. 45-52.
2. Давлатов С.Н., Рахимов М.К. Современные угрозы безопасности в регионе Центральной Азии // Центральноазиатские исследования. 2024. № 1. С. 78-89.
3. Комилов Н.А. Роль образования в противодействии религиозному экстремизму // Педагогические науки Таджикистана. 2023. № 4. С. 123-130.
4. Мирзоев Ф.Т. Международное сотрудничество Таджикистана в сфере борьбы с терроризмом // Международные отношения и безопасность. 2024. № 2. С. 67-74.
5. Назаров Р.С. Социально-экономические факторы радикализации в постсоветских странах // Социологические исследования. 2023. № 8. С. 98-107.
6. Сафаров А.И. Киберугрозы и онлайн-экстремизм: вызовы для Центральной Азии // Информационная безопасность. 2024. № 1. С. 34-41.
7. Юсупов Д.М. Превентивная дипломатия в противодействии терроризму: опыт малых государств // Дипломатический вестник. 2023. № 12. С. 56-63.

## ИФРОТГАРОӢ ВА ХАТАРИ ОН ДАР АМНИЯТИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ

**Бобомуродов Пайрав Хайриевич** - унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

Дар мақола моҳият, мазмун ва хусусиятҳои асосии ифротгароӣ ва хатари он дар амнияти давлату миллат, баррасӣ гардидааст. Мақсади он пешгирии шаҳрвандони кишвар аз ҷумла нагаравидани ҷавонон ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои бегона ва ифторгароӣ мебошад.

**Вожаҳои калидӣ:** ифротгароӣ, терроризм, экстремизм, созмонҳои террористӣ, кирдорҳои ғайриинсонӣ, қатл, муқоввимат, падидаҳои номатлуб.

## ЭКСТРЕМИЗМ И ЕГО ОПАСНОСТЬ ДЛЯ БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВА И НАЦИИ

**Бобомуродов Пайрав Хайриевич** - саискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93- 539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

В статье рассматриваются сущность, содержание и основные характеристики экстремизма и его опасность для безопасности государства и нации. Его цель — предотвращение вступления граждан страны, в том числе молодежи, в любые иностранные и экстремистские партии и движения.

**Ключевые слова:** экстремизм, терроризм, экстремальность, террористические организации, бесчеловечные деяния, убийства, сопротивление, нежелательные явления.

## EXTREMISM AND ITS DANGER TO THE SECURITY OF THE STATE AND NATION

**Bobomurodov Pairav Hairievich -** an applicant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

The article discusses the essence, content and main characteristics of extremism and its danger to the security of the state and the nation. Its purpose is to prevent citizens of the country, including young people, from joining any foreign and extremist parties and movements.

**Keywords:** extremism, terrorism, extremism, terrorist organizations, inhumane acts, murder, resistance, undesirable phenomena.

Дар замони мо терроризм чун падидаи глобалӣ барои тамоми кишварҳо ва мардумони олам хатар эъҷод мекунад. Таъсиси созмону гурӯҳҳои террористӣ дар кишварҳои исломӣ, ин бесабаб нест. Амали мазкур кори дасти душманони дини мубини Ислом буда, бо он нишон додан мехоҳанд, ки терроризм бо ин дин тавъам аст. Аммо ашхоси худшинос ва бедор ин гуна ҳиллаю найранг ва ё бозии пасипардагии сиёсиро хуб дарк кардаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти масъалаҳои муҳими сол ва дурнамои соли минбаъда суханронӣ менамоянд, ки дар оғози ҳар Паём пеш аз баррасии вазъи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, вазъи мавҷудаи байналмилалӣ ба таври мухтасар баён мегардад. Зеро вазъи сиёсии ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла давлатҳои исломӣ аз нигоҳи амният хеле муташанниҷ буда, таъсири он ба тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла давлати мо истисно намебошад.

Дар тамоми дунё эътироф шудааст, ки ифратгароӣ ба ҷомеа, амнияти давлату миллат хатари ҷиддӣ меорад, чунки дар кадом шакл набошад, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол мекунад. Ифратгароӣ асосҳои маънавии ҷомеаро вайрон намуда, ба амнияти давлат, минтақа, тамоми ҷаҳон, аз он ҷумла ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам таҳдид мекунад.

Аз нигоҳи луғавӣ, «ифрот» калимаи арабӣ буда, решаи «фарт», яъне «авҷ» ё «ниҳоят» сохта шудааст. Истеъмоли умумӣ, «ифрот» ба маънои ҳадду андоза гузаштан, эътидол берун шудан ва зиёдаравӣ кардан мебошад. Ифротгаро касест, ки тарзи фаҳмиш ва ё тарзи амал дар ягон масъала аз меъёри қабулшуда ва аз ҳадди эътидол мегузарад. Масалан, баъзе инсонҳо дар пурхӯрӣ аз ҳад мегузаронанд, яъне ифрот мекунанд, баъзеи дигар дар харҷи беҳудаи пул зиёдаравӣ ва ифрот мекунанд. Дар мавриди ҳамаи ин ҳолатҳо калимаи «ифротӣ»-ро дар маънои луғавии он истифода намудан мумкин аст. Маънои муқобил ё антоними калимаи “ифрот” калимаи “тафрит” аст, ки он низ аз решаи “фарт” буда, ба маънои бепарвоӣ ва камтаваҷҷуҳии беш аз ҳад нисбати чизе мебошад.

Калимаи «ифротгароӣ» дар забони тоҷикӣ аз решаи “ифрот” буда, маънои майл доштан ба ифрот ё гароиш доштан ба зиёдравию оштинопазириро дорад. Феъли тоҷикии “гароидан” ба маънои майл кардан, пайравӣ кардан, гаравиш доштан ва тамоюл намудан буда, “гаро” шакли

калимасозӣ он аст. Аммо ифротгарой ба маънои майл доштан ба зиёдаравӣ ё пайравӣ кардан аз ифрот ва оштинопазирӣ мебошад.

Дар забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла дар англисӣ ва русӣ, мафҳуми ифротгароиро бо истилоҳи машҳури экстремизм ифода мекунанд. Экстремизм низ дақиқан ба маънои тамоюл ба ифрот, зиёдаравӣ ва аз ҳад гузаштан мебошад.

Маънои истилоҳии ифротгароӣ нисбат ба маънои луғавии он дақиқтар буда, он навъе тафаккур ё фаъолияти ҷамъиятиеро ифода мекунад, ки шахси пайрави он фақат ба боварҳои худаш арзишу бартарӣ қоил буда, нисбат ба меъёрҳои мавҷудаи муҳит ва ҷомеа муносибати сахтгирона, бадбинона ва оштинопазир, яъне ифротӣ дорад. Имрӯз, аз ҷумла дар ин мавод, калимаи ифротгароӣ ё экстремизм маҳз ба ҳамин маънои истилоҳии он истифода мешавад.

«Ифротгароии динӣ» яке аз маъмӯлтарин шаклҳои экстремизм буда, ҳолатест, ки инсон дар фаҳмиши меъёрҳои дин ва дар амал кардан ба таълимоти динӣ сахтгирии беш аз ҳад намуда, дар ин кор аз ҳадду андозаи эътидол мегузарад. Шахси ифротгарои динӣ маъмӯлан аз таълимоти асилу муътадили динӣ дур монда, динро ба таври бисёр рӯякӣ, маҳдуд ва танг фаҳмида, ба ҳамин фаҳмиши худ амал карда, аз дигарон низ чунин тарзи амалро интизор ва тақозо менамояд.

Ифротгароии динӣ як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур дар дохили худи инсон аст, аммо агар ин навъи тафаккур ба марҳилаи паҳншавӣ ва амал гузарад, он ба радикализм ё тундравии динӣ табдил меёбад. Пас, радикализми динӣ марҳили ошкоршуда, фаъолшуда ва амалишавандаи ифротгароии динӣ аст; он ифротгароиест, ки аллакай аз сатҳи тафаккур баромада, ба сатҳи таблиғот, ба сатҳи талаботи қатъӣ аз дигарон ва ба сатҳи амалҳои тунд мегузарад. Дар ин марҳила шахси ифротгарои динӣ тарзи зиндагии дигаронро ошкоро танқид карда, нисбати онҳо дар амал оштинопазирӣ нишон медиҳад ва ҳамфикрони худро ба муборизаи амалӣ ба муқобили фаҳмиш ва тарзи зиндагии дигарон даъват мекунад. Ин ҳолат аллакай шакли радикалишудаи ифротгароии динӣ мебошад. Ифротгароии динӣ аз ҷиҳати динӣ асосноккунии фаъолияти бо дин руйпушкардашудае аст, ки бо зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани истиқлолият ва якпорчагии давлат бо ин мақсад барангехтани душманӣ ва бадбинии динӣ равона карда шудааст.

Аз сабабе, ки тарзи фаҳмиш ва арзишҳои ифротгароён барои аъзои дигари ҷомеа қобили қабул нестанд, онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ аз зӯроварию хушунат истифода мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа ва давлатро тарсонида, бо роҳи зӯрӣ инсонҳоро ба худ тобеъ карда, мақсадҳои худро ба ҷомеа таҳмил намояд.

Ҳамин тавр, ифротгароии динӣ аз марҳилаи радикализми динӣ ба марҳилаи сеюми худ, яъне ба марҳилаи терроризм мегузарад.

Бо ифодаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Террорист дин, миллат ва ватан надорад». Терроризм ва экстремизм муқобили инсоният равона шудааст.

Дар марҳилаи ҳозира маводи паҳнкардаи душманони миллат нишон медиҳад, ки ҳадафи онҳо ба ҷуз барангехтани ҳисси нобоварӣ нисбат ба давлату ҳукумат ва тафриқаандозӣ миёни миллат нест. Вагарна бо чӣ сабаб аз ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоии Ватан канорҷӯӣ мекунанду монанди аксари шаҳрвандони мамлакат дар рушди кишвари худ ширкат намеварзанд, меҳнат ва эҷод намекунанд, дар паноҳи дигарон ҷой гирифта, аз каноре айбҷӯиву харобакориро пеша карданд. Дар зери шиорҳои бофтаву хаёли фирефтаи таълимоти «гӯё динӣ» гашта ба амалҳои низоъпарастӣ, ифродгароӣ ва террористӣ ҷавононро даъват намуда, амалҳои бади худро бо номи «қаҳрамонӣ», «фидокорӣ» ташбеҳ мекунанд ва мехоханд бо ин роҳ ба мақсадҳои душманонаи худ ноил шаванд, яъне нуфузу дастовардҳои миллиро то андозае паст зананд, аниқтараш супоришҳои пешвоён ва сарпарастони хориҷии худро иҷро намоянд.

Мутаасифона, баъзе ҷомеашиносон ин падидаи нангинро ба ислом марбут медонанд, ки иштибоҳи маҳз аст. Ислом ҳеҷ гоҳ ҷонибдори ҷангу хунрезӣ набуд ва рехтани хуни ноҳақ ҳам дар дин Ислом гуноҳи кабира дониста шудааст.

Ифротгароӣ ғайр аз дин дар масъалаҳои иҷтимоӣ низ худро ошкор месозад. Ин гуна ифротгароён аз норасогиҳои ҷамъият, шароити номусоиди мардум истифода бурда, бо роҳи таҳдиду куштор андешаҳои нопоки хешро ирсол медоранд. Ранги парчами ифротиён ранги сиёҳ аст, яъне зулмоту торикист. Бо ин парчами зишти худ мехоҳанд, ки давлат ташкил намоянду ҳудудҳои онро васеъ намуда, хилофати исломиро барпо намоянд ва гӯё «Ҳамаро мусулмони комил» гардонанд. Барои ба мақсади нопоки хеш расидан ба андешаҳои ифротгароӣ номи дини мубини Исломро доғ оварда, мехоҳанд, сафи «муборизон»-и худро изофа гардонанд. Дини мубини Ислом ягон айбе надорад, ҳама айбҳо дар мусулмонии мост. Ин аст, ки намояндагони ифротиён ба ҷаҳон паҳн гашта, бо роҳи тарғибот ва маблағҳои калон гурӯҳи ҷавононро ба тарафдории хеш ҷалб менамоянд. Бо ин мақсади нопоки худ бо қатлу ғорат кирдорҳои ғайриинсонии худро нишон медиҳанд, ки ин ғайри дини мубини Ислом аст.

Дар чӣ ҳолат қарор доштани зиндагии мардуми кишварҳое, ки дар онҷо созмону гурӯҳҳои террористӣ фаъолият доранд, ба ҳамагон маълум аст.

Давлати Сурия мисоли равшани он шуда метавонад. Ин мамлакат дар гузаштаи начандон дур яке аз давлатҳои осоишта ва пешрафтаи араб маҳсуб меёфт. Касофатии ҷангу хунрезӣ ин мамлакатро ба вайрона табдил дода, сокинони он дар тамоми гӯшаву канори олам сарсону овора мебошанд. Онҷо низ сараввал ба таассуби динӣ фаро хонда шуданд, ки оқибат ба бехонумонӣ оварда расонид.

Ҳамагон, хусусан ҷавонон бояд донанд, ки кадом созмону ҳаракате, ки набошад дар кадом гӯшаву каноре, ки набошад агар аз калимаи ислом дар номгузориву барномааш истифода кунад, донистан зурур аст ва ҳаргиз фаромӯш кардан лозим нест, ки ин як дурӯғи маҳз аст. Зеро ислом ба ягон ҳизбу ҳаракат ва барномаи мукаммал ниёз надорад. Агар гурӯҳе бо чунин номҳои сохта барои манфиат ва ҳифзи ислом даъво мекунад, баръало маълум аст, ки ин фиребу дуруғ ва бозии сиёсӣ мебошад.

Бинобар ниҳоят зарур аст, ки ҳар як сокини кишвар зиракии сиёсиро аз даст надода, ҳамеша зидди ҳуҷумҳои иттилоотию гуруҳҳои ифротӣ мубориза барад.

Аҷдодони мо бофарҳанг, зирак, доно ва дурандеш буданд, мо низ бояд ба онҳо пайравӣ намоем. Насли наврасро дар руҳияи ватандӯстӣ, хештанши носӣ, худогоҳӣ ва инсонмеҳрварӣ тарбия намудан лозим аст. Соддагиву сабукандешӣ ва гаравиш ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ғайр аз пушаймонӣ чизи дигаре ба миён намеорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо истифода аз таассуби динӣ ва фиреби ақлонӣ (ворид намудани ҳарфи дурӯғ аз номи дин) афрод ва созмонҳои вижа инсонҳоро ба доми худ, яъне лонаи жож мекашанд. Бояд қайд кунем, ки дар Мусҳафи шариф ҳам аз таъсис ва бунёди ҳеҷ кадом гурӯҳе барои ҳимояи дин сухан нарафтааст. Набудани чунин созмонҳо барои дин ва диндорон беҳтару хубтар аст. Ҳадаф агар ислом аст, пас барнома ва ҳизбҳои исломии ифротӣ комилан бозигаранд дар ин ҷо на ҳимоятгар, балки душмансози дин ҳастанд. Манзур аз ин бозиҳои сиёсӣ нооромсохтани ҷомеа ва аз ин ҳолат ё вазъ сӯистифода намудани давлатҳои абарқудрат мебошад.

Аз ин рӯ, лозим меояд ки ҳар як сокини кишвар зиракии сиёсиашро аз даст надиҳад ва ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор дошта бошад, то дигарон ҳуқуқҳояшро поймол насозанд ва зери ҳадафи ҳуҷуми иттилоотӣ, ақидатӣ қарор надиҳанд.

Бояд чизи дагареро ҳам қайд созам, ки таассуби динӣ низ метавонад афродро ба гумроҳӣ барад. Таассуб меваи талхи дин буда, душмани саодат ва озодист. Таассуб инсонҳои ноогоҳро ғуломи худ гардонида, оқибат ифротӣ мегардонад.

Имрӯз Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон, ҳамчун узви комилҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони милали Муттаҳид дар муқовимат бо терроризм ва экстремизм қадамҳои устувор мегузорад. Бояд ҳар як шаҳрванди кишвари азизамон сиёсати Ҳукумату давлати Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намуда, нисбат ба терроризм ва экстремизм чун хатари бузурги аср муқовимат кунад.

Дар вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир мо вазифадорем, ки ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ ва амнияти давлату ҷомеа дар баробари риояи талаботи қонунҳои давлати дунявӣ ба арзишҳои динӣ оқилона муносибат намуда, ҳам арзишҳои созандаи дини исломро ҳифз намоем ва ҳам пеши роҳи паҳншавии тафриқаандозиву ифротгароиро гирем [3].

Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ, озодию ободӣ расидан, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва пос доштани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва ҳам шарафу номуси ватандорӣ, ҳам ифтихор аз давлату миллати хеш ва ҳам таълошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ аст. Дар акси ҳол, надонистани сарнавишти таърихии миллати худ, фориғболию бехабарӣ ва носипосӣ нисбати мероси маънавӣ- фарҳангии он шахсро бо инкори ҳакикат гузашта, ба бегонапарастию кадр накардани қимати дастовардҳои истиқлолияти миллӣ оварда мерасонад.

Боиси зикр аст, ки нақши фарҳанг, ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамин раванд дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз низоъҳои иҷтимоӣ ниҳоят бузург аст. Беҳуда нест, ки қувваҳои манфиатҷӯй дар оғози амалҳои ғаразноки худ аввал арзишҳои фарҳангӣ-маънавӣ (ахлоқию динӣ)-ро коҳиш дода, фалаҷ месозанд, баъдан ҳисси нобоварӣ ва таҳдид намуда, ба амалҳои зишт ва хавфноки худ даст мезананд. Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас, хусусан ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба гуруҳи ифротгаро мегардад. Дар чунин вазъият, мо ҳама дастҷамъона бо масъулияти азими таърихӣ ва рисолати шаҳрвандии истиклолияти миллӣ осоиштагии ҷомеаи худро аз чунин пайомадҳои манфӣ ва таъсири қувваҳои моҷароҷӯ бояд эмин нигоҳ дорем.

Дар шароити ҷаҳоншавию душвор гардидани муносибатҳои байналмилалии сиёсию иқтисодӣ ба масъалаҳои ҳифзи симои миллию мазҳабӣ, пос доштани арзишҳои маънавӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ-сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар, хусусан ҷавонон диққати махсус зоҳир намудан мувофиқи мақсад аст.

Бинобар ин мо - шаҳрвандони кишвар, омӯзгорон, ҷомеъа ва ҳар як шаҳрвандро зарур аст, ки дар замони ҷаҳонишавӣ бо дарки масъулият истиқлолияти худро натанҳо бо шиору гуфтор ситоишу парастиш, балки бо меҳнати софдилона ва самимӣ дар ҳама соҳаҳо тақвият бахшем, бепарво ва бетараф набошем ва барои таълиму тарбияи наврасон, ҷавонон дар руҳи ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, инчунин ҷалби онҳо дар корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва амнияти Ватани азизамон – Тоҷикистон саҳмгузор бошем ва онҳоро ҳамчун гаҳвараки чашм нигоҳ дорем. Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маърузаҳояшон пайваста қайд мекунанд, ин Ватан - Ватани мост ва онро агар мо ҳизф накунем, мо обод накунем, мо рушд надиҳем, бегонагон намекунанд.

## Адабиёт


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» *аз 23 декабри соли 2021, № 1808.*
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» аз 28 декабри соли 2024.
3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат 9 марти соли 2024.
4. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.
5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» аз 1 июни соли 2021 №187.

# РОҲҲОИ МУБОРИЗА БО ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Давлатзода Муҳайё Туймурод** – унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Обчакорон 226[а]. Тел. (+992)888808488, E-mail: m.davlatzoda@bk.ru

Ифротгароӣ ва терроризм – зуҳуроти номатлуби замони муосир ба шумор рафта, мубориза бар зидди он қарзи ҳар як инсони комил мебошад. Терроризму экстремизм ва ифротгароӣ ҳамчун вабои аср бо амалҳою ҳодисаҳои номатлуб ба оромию амнияти сайёра ва пойдории давлатҳо таҳдиду хатарҳо эҷод карда, амну осоиш ва ваҳдати халқу миллатҳоро аз байн мебаранд. Ҳол он ки ҳеҷ як шакли ҷомеа бидуни таъмини амнияти пурраи иҷтимоӣ рушду такомул нахоҳад кард.
Падидаи номатлуби терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои фоҷиабору харобиоварии ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор овардааст.

**Калидвожаҳо:** ифродгароӣ, терроризм, муосир, экстремизм, хатар, ваҳдат, ҷаҳонӣ, сиёсӣ.

# СПОСОБЫ БОРЬБЫ С ЭКСТРЕМИЗМОМ И ТЕРРОРИЗМОМ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ

**Давлатзода Мухайё Туймурод** – Государственный финансово-экономического университет Таджикистана, соискатель кафедры экономики предприятий и предпринимательства факультета экономики и бизнеса. Адрес: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, р. Фирдавси, ул. Обчакорон 226[а]. Телефон: (+992) 888808488. E-mail: m.davlatzoda@bk.ru

Экстремизм и терроризм — нежелательные явления современной эпохи, и борьба с ними — долг каждого совершенного человека. Терроризм, экстремизм и экстремальность, как чума века, создают угрозы и опасности миру и безопасности планеты, стабильности государств посредством нежелательных действий и событий, разрушают мир, безопасность и единство народов и государств. Однако ни одна форма общества не будет развиваться, и прогрессировать без обеспечения полной социальной защищенности. Нежелательное явление терроризма и экстремизма стало беспрецедентной глобальной угрозой, вызывающей трагические и разрушительные социальные, политические и духовные последствия.

**Ключевые слова:** индивидуализм, терроризм, современность, экстремизм, опасность, единство, глобальный, политический.

## WAYS TO COMBAT EXTREMISM AND TERRORISM IN MODERN TIMES

**Davlatzoda Mukhaiyo Tuimurod -** The Tajik state university of finance and economics, applicant at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship, Faculty of Economics and Business. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Firdavsi district, st. Obchakoron 226[a], Tel: (+992) 888808488, m.davlatzoda@bk.ru

Extremism and terrorism are undesirable phenomena of the modern era, and the fight against them is the duty of every perfect person. Terrorism, extremism and extreme behavior, like the plague of the century, create threats and dangers to the peace and security of the planet, the stability of states through undesirable actions and events, destroying peace, security and unity of peoples and states. However, no form of society will develop and progress without ensuring complete social security. The undesirable phenomenon of terrorism and extremism has become an unprecedented global threat, causing tragic and destructive social, political and spiritual consequences.

**Key words:** individualism, terrorism, modernity, extremism, danger, unity, global, political.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18-уми марти соли 2020 зимни вохӯрӣ бо олимони кишвар чунин ибрози андеша намуданд: «Ҷавонон, киояндаи мамлакат мебошанд, бояд аз ақидаҳои хурофотӣ дур бошанд, донишҳои муосирро ҷиддӣ омӯхта, ҳар як рӯйдоди ҷомеаро аз нуқтаи назари илму мантиқ таҳлил кунад ва дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд».

Воқеан ҳам ҷавонон ояндаи миллат мебошанд ва ҳар коре, ки баҳри таълиму тарбияи онҳо анҷом дода мешавад, ба хотири фардои дурахшони Тоҷикистон аст.

Аз ин лиҳоз, Истиқлолияти давлатӣ, барои таҳкими асолати фарҳангӣ ва эҳёи ҳувияти миллӣ шароитҳои навинеро дар таҳаввули фикрӣ ва ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии мардуми мо ба миён овард. Худи раванди расидан ба истиқлолияти воқеӣ, таҳкиму суботи давлати миллӣ дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ моро водор месозад, ки тафаккури созанда ва нигоҳи нав ҷиҳати ҳимояи арзишҳои фарҳанги миллиамон дошта бошем. Ҳоло яке аз масъалаҳои

муҳим, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст, падидаи номатлуб яъне терроризм ва экстремизм мебошад.

Аз ин рӯ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризму экстремизм қарор дошта, бо сиёсати устувории худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад.

Таҳлил ва таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳад, ки ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон бо шарофати Истиқлолият таҳти сарпарастии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти худ алайҳи экстремизм ва терроризм муқовимат намуда, барои таъмини амнияти маънавӣ ва зеҳнии ҷомеа талош менамоянд.

Мақсад ва ҳадафи стратегии давлат ва Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, барои таъмини амнияти маънавӣ ва бехатарии ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини якпорчагии кишвар ва муқовимат алайҳи терроризм ва экстремизм нигаронда шуда, дар ин замина як қаттор барнома, таълимот ва қонунҳои дахлдор қабул намудааст. Маҳз бо шарофати ин чорабиниҳо амнияти зеҳнӣ, маънавиёт, ахлоқи ҷомеа, соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг, забони тоҷикӣва тафаккуру андешаи миллӣ аз осебпазирӣ ва таҳдиду хатарҳои ташкилотҳои террористии байналхалқӣ маҳфуз монда, дар фазои озоду ором равнақ ёфта истодаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат алайҳи экстремизм ва терроризмнақши муассир дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси конститутсия иштирокчии тамоми конвенсияҳои Созмони Милали Муттаҳид ва қарордоҳои байналмилалӣ дар ҷодаи мубориза бо экстремизм ва терроризм буда, дар заминаи конвенсияҳои байналхалқӣ як қатор чораҳои фаврие зидди таълимотҳои гурӯҳҳои террористӣ қабул намудааст. Адабиёт, илм, фарҳанг, зеҳният, афкори маънавии ҷомеа ва инсон, ҳуқуқу озодиҳои он объекти бо қонунгузориҳои Тоҷикистон ҳифзшаванда маҳсуб меёбад.

Боиси таассуф аст, ки ҳамарӯза аз тариқи воситаҳои ахбори амма мешунавем, ки дар ин ё он давлат амали террористие рух додаасту теъдоди зиёди одамони бегунох, бахусус кӯдакону ҷавонон қурбонӣ шудаанд. Бояд дар ёд дошта бошем, ки экстремизм ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки дар ҳама давру замон ба инсонҳо хавфу хатари ҷиддиеро ба миён овардаву меоранд. Барои мубориза бурдан бо ин падидаҳои зишт бетараф будан кори инсонӣ нест. Шояд аксарият гумон кунанд, ки танҳо мубориза бурдан бо падидаҳои мазкур ин салоҳияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ аст, аз як ҷиҳат ин дуруст бошад ҳам, вале мо бояд баҳри дифои ҳуқуқу озодиҳои худ, ба зидди ин падидаи зишт бароему худро дар гулгулшукуфой ва амну сулҳи кишвар масъул ҳисобида бетарафиро ихтиёр накунем.

Нагирифтани пеши роҳи ин хатари умумибашарӣ метавонад боз ҳазорҳо мардуми осоиштаро аз ҳаёт маҳрум созад, зеро дар қалбу вуҷуди онҳое, ки чунин зулму ситам ва афкору андешаи ҷоҳилона ҷой гирифтааст, ба ҷуз бадбахтӣ ва маҳрумият, дигар андешаи солиме ҷой надорад. Харобу валангор гардидани садҳо бинову иншоот, ҷон бохтани мардуми осоишта, фирор намудани аҳолӣ аз макони зист ва амсоли онҳо подоши расидан ба ҳадафҳои ҷинояткоронаи ин гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ аст.

Мубориза бо экстремизм бояд дар самтҳои зерин ба роҳ монда шаванд, то ки онҳо натиҷаи дилхоҳ биёранд. Пеш аз ҳама, қабули чорабиниҳои профилактикӣ, ки ба огоҳнамоии экстремизм, аз он ҷумла, ошкорнамоӣ ва бартараф намудани сабаб ва шароит, ки ба амалигардии он мусоидат менамоянд, равона карда шавад. Ҳамчунин, ошкор ва бартараф намудани экстремизм тавассути ҳамкориҳои байналхалқӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Ҳамиг тариқ, тамоми афроди ҷомеаи имрӯзаро зарур аст, ки насли минбаъдаи худро дар заминаи талаботи зерини мусбӣ тарбия намоянд:

-омӯзонидани арзишҳои ахлоқу одоб аз нахустин рӯзҳои таваллуд ва минбаъд таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир кардан ба камолоти фарзанд дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;

-баланд бардоштани ҳуввияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон;

-ҷалби наврасон ба машғулиятҳои варзишӣ, марказҳои рассомию мусиқӣ ва амсоли он;

-дар байни ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ҷиноятҳои фаромиллӣ, таноссуби динӣ, бегонапарастӣ, дахолати неруҳои бадхоҳ ба корҳои дохилии кишварҳои ҷаҳон, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, беш аз пеш муассир буда, вусъат бахшидани корҳои тарбиявии ватандӯстии ҷавонон ва танзими ҳуқуқии он ба тариқи ташкил намудани мизи муддвар ба роҳ монда зарур аст.

Ҳамзамон, ба мақомоти давлатӣ зарур аст, ки барои оилаҳои камбизоат ва дорои шароитҳои номусоиди иҷтимоӣ, ба таври ройгон мактабҳои варзишӣ таъсис дода, машғулиятҳои барои ҳамагон дастраси варзиширо фароҳам оваранд.

Инчунин, ҷавононро бояд мунтазам дар рӯҳияи инсондӯстӣ дар муносибат ба атрофиён, новобаста ба тамоюли иҷтимоӣ, этникӣ, динӣ ва ҷинсии онҳо тарбия намуда, бо кор таъмин бояд кард ва дар байни онҳо корҳои тарбиявӣ, пешгирӣ аз амалҳои номатлуб, муқовимат бо экстремизм бурдан зарур аст.

Ҳаёти иҷтимоӣ исбот кардааст, ки байни наслҳои бузургу хурд ҳама вақт бархӯрду нофаҳмиҳои вуҷуд доранд. Асри XXI асри рушди технологияи итилоотӣ буда, давлатҳо ба рушди ҳаёти маънавӣ ва арзишҳои ахлоқӣ кам аҳамият медиҳанд, ки ин раванд бар зарари ахлоқ ва фарҳанги ҷомеаи инсонӣ

мебошад. Мо борҳо шоҳиди он шудаем, ки ҷавонони даврони навин бемалол одамони калонсолро бо суханони дурушту носазо таҳқир менамоянд ва дар мавриди шикоят ба волидайни онҳо зиёдтар ба иззати нафсашон мерасанд, ҳамчунин «тӯдае» нафареро зери лату кӯб мегиранду раҳгузарон, аз рӯйи мақоли он, ки «сари худам дар амон аст, ба дигарон корам чӣ?!» аз он чашм мепӯшанду лаб фурӯ мебанданд. Миллати тоҷик, пеш аз ҳама, бо шуҷоату диловарӣ, иззати нафс, ҷавонмардӣ, дӯстию рафоқат, муҳаббату эҳтироми байниҳамдигарӣ, ки ченаки умумии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ барои ҳамагон маҳсуб меёбанд. Дар таърихи инкишофи миллати тоҷик марҳилаҳое буданд, ки ҳаёти шарафмандонаи инсонӣ қадри баланд дошт, ба пиронсолию дармондагӣ назарҳо мусбӣ буд, рафтори номуносиби ашхоси бадахлоқу бетарбия бошад, аз ҷониби атрофиён сахт мазаммату маломат карда мешуд ва гунаҳкорон ҳатман ҷазои худро медиданд, ки аслан худи ҷомеа на ягон қудрате ё ниҳоди расмие муайян мекард.

Дар самти муборизаи самаранок ба зидди гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ дар марҳилаи муосир, ташкили маркази маишии кӯдакон, ҷавонон, варзишгоҳҳо зарур аст, чунки ҳадаф ва вазифаҳои онҳо бояд ба эҳёи фарҳанги миллӣ, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон, фаъолияти хайриявӣ ва рушди намудҳои гуногуни варзиш равона карда шуда бошанд, хеле муҳим аст.

Яке аз чораҳои муассири мубориза бо экстремизм дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва тарғиби идеологияи миллӣ мебошад. Бо ин мақсад, нақши васоити ахбори омма дар санадҳои ҳуқуқии ҷумҳурӣ ба таври возеҳ муайян шудааст. Ҳангоме ки гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ба паҳн кардани адабиёт ва ҷалби аъзоёни нав – аз хонандагони мактаб то насли ба камолот расидаи шаҳрвандон шуруъ мекунад ин асоси муборизаи беамони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳукумат бар зидди ин зуҳурот хоҳад гашт.

**Хулоса.** Кори самаранок бо васоити ахбори омма комёбиро дар мубориза бо чунин зуҳуроти даҳшатнок ба монанди экстремизми динӣ таъмин хоҳад кард. Ҳимояи фазои итилоотии ҷомеа аз паҳншавии идеологияи экстремистиву террористӣ дар марҳилаи кӯнунии инкишофи ҷомеаи ҷаҳон ва Тоҷикистон масъалаи хеле муҳимму ҳатмӣ мебошад. Ҳар яки мо дар баробари мақомотҳои давлатӣ вазифадор ҳастем, ки дар масъалаи ҳимояи фазои итилоотӣ ва вазъияти динии ҷомеа нақши худро гузорем. Шабакаҳои итилоотии давлатӣ, вилоятӣ ва мақомотҳои ноҳиявӣ, барои пешгирии экстремизм ва терроризм самаранок ва мақсаднок истифода карда шаванд ва ба ин восита муҳити итилоотии ҷомеа солим гардонида шавад. Олимону зиёиён ба воситаи тадқиқу пажӯҳиши худ оиди пешгирию муборизаи идеологияи экстремистӣ, шаклу воситаҳои нави пешгирии итилоотии терроризм ба сохторҳои давлатӣ ёри расонанд ва мусоидат намоянд, ки

сохторҳои қудратӣ дар мубориза бо ин вабой хатарноки замони муосир муваффақ шаванд.

**Адабиёт**

1. Круглов А. Понятие терроризма // Здравый смысл. 2002. №1. С. 20-24.
2. Нагоева М.А. Терроризм как глобальная проблема современности // Пробелы в российском законодательстве. 2014. С. 255-257.
3. Соснин В.А. Современный терроризм и проблема мотивации террористов-смертников // Национальный психологический журнал. 2010. №2. С. 52–55.
4. Яковенко И. Терроризм // Нева. 2015. №12.
5. Малыцев В.В. Тероризм проблемь уголовно-паравового регулирования Государство и право 2018 № С.105
6. Хрисон Т. проблемы террористических действий.// Европейский научный журнал права Дельта Дж Пресс. 2012. Том 5№1. С. 183-19-89
7. Шмидт А. Джонгман. Тероризм – проблема дефинции. Южньй Журнал Международного права.02014 Том16. С. 77-82.
8. Гончаров С.А. Особености тероризма в России. Актуальны Европы Вып. 4. Проблемы Тероризма. М., 2015 с. 47

# ТАЪСИРИ ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА СУБОТИ ҶОМЕА

**Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич** – муаллими калони кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992)93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

Дар мақолаи матраҳшуда таҳқиқи масъалаи таъсири терроризм ва экстремизм ба амнияти миллӣ ва суботи ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба манбаъҳои илмӣ ва иттилооти мавҷуда, сабабҳои асосии паҳншавии ин зуҳуроти хатарнок, роҳҳои ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро, инчунин натиҷаҳои манфии онҳо ба сохтори иҷтимоиву сиёсии кишварро таҳлил мекунад. Таъкид шудааст, ки терроризм ва экстремизм натанҳо амнияти дохилиро халалдор менамоянд, балки метавонанд суботи минтақавӣ ва ҷаҳониро низ зери хатар гузоранд. Бояд гуфт, ки нақши давлат, дар пешгири ин зуҳуротҳои номатлуб, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои таълимӣ нишон дода шуда, зарурати ҳамкории байналмилалӣ барои мубориза бо терроризм ва экстремизм таъкид гардидааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда барои таҳияи сиёсати амниятӣ ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат мекунанд.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, амният, субот, ватандустӣ, ҷомеа, хурофот, омил ифротгароӣ.

# ВЛИЯНИЕ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА НА НАЦИОНАЛЬНУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ И СОЦИАЛЬНУЮ СТАБИЛЬНОСТЬ

**Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич** - старший преподаватель кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

В статье рассматривается влияние терроризма и экстремизма на национальную безопасность и общественную стабильность. На основе научных источников и имеющейся информации автор анализирует основные причины распространения этих опасных явлений, пути привлечения молодежи в экстремистские группировки, а также их негативные последствия для общественно-политического устройства страны. Подчеркивается, что терроризм и экстремизм не только подрывают внутреннюю безопасность, но и могут поставить под угрозу региональную и глобальную стабильность. Следует отметить, что выделена роль государства, гражданского общества и образовательных учреждений в предотвращении этих нежелательных явлений, а также подчеркивается необходимость международного сотрудничества в борьбе с терроризмом и экстремизмом. Представленные

выводы способствуют разработке политики безопасности и воспитанию молодежи в духе патриотизма и толерантности.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, безопасность, стабильность, патриотизм, общество, суеверия, фактор экстремизма.

## THE IMPACT OF TERRORISM AND EXTREMISM ON NATIONAL SECURITY AND SOCIAL STABILITY

**Abdulkhairov Fakhriddin Mahmadshoevich -** senior teacher of the Department of Audit and Audit of the Tajik State University of Finance and Economic. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/4. (+992) 93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

The article discusses the impact of terrorism and extremism on national security and social stability. Based on scientific sources and available information, the author analyzes the main reasons for the spread of these dangerous phenomena, the ways in which young people are attracted to extremist groups, as well as their negative consequences for the socio-political structure of the country. It is emphasized that terrorism and extremism not only undermine internal security, but can also jeopardize regional and global stability. It should be noted that the role of the state, civil society and educational institutions in preventing these undesirable phenomena is highlighted, and the need for international cooperation in combating terrorism and extremism is emphasized. The presented conclusions contribute to the development of security policy and the upbringing of young people in the spirit of patriotism and tolerance.

**Keywords:** terrorism, extremism, security, stability, patriotism, society, superstition, factor of extremism.

Дар ҷаҳони муосир масъалаи терроризм ва экстремизм яке аз ҷиддитарин хатарҳо ба амният ва суботи ҷомеаҳои ҷаҳон дониста мешавад. Дар асри XXI, бо рушди технологияҳо ва васоити иттилоотӣ, терроризм ва экстремизм шаклҳои нав гирифта, бештар миёни ҷавонон паҳн мешаванд. Ин зуҳуроти хатарнок танҳо ба воситаи амалиётҳои низомӣ маҳдуд намешаванд, балки ба шуури инсонҳо, фарҳанг, таълим ва сиёсати давлатӣ таъсири амиқ мерасонанд. Ин падидаҳо боиси ноороми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаҳо гардида, амнияти миллатҳо ва суботи давлатҳоро зери хатар мегузоранд. Ба вижа, ҷавонон бештар мавриди таъсири чунин идеологияҳои ифротӣ қарор мегиранд, ки ин боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад.

Масъалаи терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир, махсусан дар давлатҳои Афғонистон, Сурия, Ироқ ва ғ. яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода дар Паёмҳои навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри андешидани чораҳои мушаххас вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ,

гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем [5].

Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои нооромсохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд.

Терроризм ва ифротгароӣ раванди даҳшатборе барои ҷомеа шинохта шуда, ҳамчун падидаи номатлуб ва проблемаи байналмилалӣ зуҳур кардааст. Имрӯзҳо терроризм бештар дар давлатҳои Афғонистон, Сурия, Ироқ, Либия, Яман, Покистон, Нигерия ва Сомалӣ мушоҳида гардида, онҳо амалҳои даҳшатангезро ба анҷом мерасонанд, ки дар натиҷаи чунин кирдорҳо даҳҳо одамон ҷони худро аз даст медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки мақсади асосии ин гуна ҳаракатҳо танҳо ва танҳо халалдор кардани оромӣ ва вайрону валангор намудани тамоми арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ мебошад. Тавре маълум аст, дар кишварҳое, ки аз терроризму ифротгароӣ осеб дидаанд, қаҳтию гуруснагӣ ва баъзе бемориҳои сирояткунанда ба вуҷуд омадаст, ки ҷони садҳо ва ҳазорҳо инсонҳоро мерабоянд. Маҳз ба ҳамин мақсадҳои нопокии худ рӯз аз рӯз терроризм ва ифротгароӣ домани худро фарох намуда, хатари давлатҳоро зиёд менамояд. (нигаред ба расмӣ 1)




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои ҷамъовардашуда.

**Ҷадвали 1. - Хусусиятҳои фарқкунандаи терроризм ва экстремизм**

| Хусусият | Терроризм | Экстремизм |
|---|---|---|
| Мақсад | Таҳдид ва зӯроварӣ барои расидан ба ҳадаф | Ифодаи андешаи ифротӣ |

| Шакл | Амали физикӣ (террор) | Андеша, мавқеъгирии сахтгирона |
|---|---|---|
| Хатар | Мушаххас ва ҷисмонӣ | Шуурӣ ва идеологӣ |
| Муҳит | Гурӯҳҳои мусаллаҳ, шабакаҳо | Мақолаву тарғибот, таблиғот |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [4-5].

Бояд хотирасон кард, ки Тоҷикистони ҷавони мо рӯзҳои сангинеро, ки маҳсули дасти ин гуна гурӯҳҳои ифротӣ буд, дар солҳои навадуми асри гузашта пушти сар намуда , ки то ба ҳол хотироти талхи он замон дар қалби халқи мо боқӣ мондааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд , дунявӣ ва ягона ҷонибдори сулҳу ваҳдати миллӣ ва башарӣ буда, Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон чунин гуфта буданд: ”Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ҳануз солҳои навадуми асри гузашта даврони фоҷиабори муқовимат ба экстремизм ва терроризмро аз сар гузаронида, дар ин роҳ даҳҳо ҳазор талафоти ҷонӣ дода буд, ҳамеша дар сафи пеши мубориза бо ин зуҳуроти даҳшатноку нафратовар қарор дорад” [5].

Бояд ҳар як фарди тоҷикистонӣ рузҳои сангину талхини гузаштаро ҳеҷгоҳ фаромӯш накрд, зеро гӯзариш ба иқтисоди бозорӣ дар шароити иқтисодии басо душвор рост омад. Дар натиҷаи канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолияти корхонаҳои маҳаллӣ коҳиш ёфта, сатҳи баланди бекорӣ ва таваррум ба паст шудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва афзудани камбизоатӣ таъсир расонидаанд. Дар баробари ин , ноустувориҳои вазъи сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ барои гузаронидани ислоҳот монеаи ҷиддӣ гашта, ба фазои сармоягузории кишвар халал мерасонад. Дар баробари ин, ҷанги шаҳрванди ба иқтисодиёти кишварамон хисороти азиме расонид, ки оқибатҳои зарар бештар аз 10 млрд. доллари амрикои арзёби мешавад. Он аз буҷети соли 1995, ки қариб 95 млн. долларро ташкил мекард, 105 маротиба зиёд буд.

Пастравии иқтисодиёт ва тезутунд гардидани вазъият дар давоми солҳои 1991-1996 бештар мушоҳида шуда, миёни кишвархои пасошӯрави ягон мамлакат ба чунин мушкилиҳои сатҳи иқтисодӣ дучор нагардида буд. Дар баробари ин, гузариш аз иқтисодиёти фармонфармоию маъмӯрӣ ба иқтисодиёти бозорӣ дар ин давра муҷиби то 67,4 фоиз коҳиш ёфтани маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳури гардид, ки беш аз 40 фоизи он маҳз натиҷаи ҷанги шаҳрванди мебошад. Агар сатҳи миёнаи коҳиши солонаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҳамон давра 9 фоизро ташкил медод дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 25 фоиз баробар буд.

Аз ҳама бештар иқтисодиёти воқеи ба мушкилот дучор гардид. Махсусан, ду соҳаи пешбари истеҳсолот-кишоварзӣ ва саноат, ки мардумро бо неъматҳои моддӣ таъмин менамуданд, таназзул ёфтанд. Дар ин давра истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 52,8 фоиз кам шуда пастрави дар истеҳсолоти саноатӣ 65,8 фоизро ташкил дод, ки боиси сатҳи нокифояи

истеҳсолоти худи ва афзоиш ёфтани воридот дар кишвар гардид. Дар баробари ин сатҳи баланди беқурбшавии пул ба паст шудани даромадҳои воқеии аҳоли оварда расонд, ва ба нобаробари мизони иқтисодӣ боз ҳам зиёдтар мусоидат кард. Дар натиҷа фазои сармоягузори халалдор шуда қарзҳои берунӣ ва дохилӣ бо суръат афзоиш ёфтанд [1].

**Ҷадвали 2. – Оқибатҳои бади паҳншавии терроризм ва экстремизм ва роҳҳои пешгирию бартарафкунии онҳо**

| | |
|---|---|
| Омилҳои асосии паҳншавии экстремизм ва терроризм | Сатҳи пасти маърифат: Камбуди донишҳои динӣ ва дунявӣ, ба вижа дар миёни ҷавонон, онҳоро осон ба доми таблиғгарони ифротӣ меандозад;<br>Бекорӣ ва камбизоатӣ: Фақру ниёз метавонад ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб намояд, ки ваъдаи зиндагии беҳтар медиҳанд;<br>Технологияҳои нав ва шабакаҳои иҷтимоӣ: Гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ шабакаҳои иҷтимоиро ба таври фаъол барои ҷалб ва таблиғи идеологияи худ истифода мебаранд;<br>Муҳити оилавӣ ва иҷтимоӣ: Бемасъулиятии волидон, камтаваҷҷуҳии ҷомеа ва набудани муҳити солим метавонад боиси равона шудани ҷавон ба сӯи идеологияҳои ифротӣ гардад;<br>**Истифодаи нодурусти дини ислом** – Террористон оятҳои Қуръонро бо тарзи ғалат маънидод карда, барои сафед кардани амалҳои худ истифода мебаранд. |
| **Оқибатҳои терроризм ва экстремизм** | Халалдор шудани амнияти миллӣ ва байналмилалӣ;<br>Аз даст рафтани ҷони одамони бегуноҳ;<br>Паст шудани эътимод ба сохторҳои давлатӣ;<br>Таназзули иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;<br>Фасод ва парокандагии миллӣ ва динӣ;<br>**Қатли ом ва талафоти ҷони одамон;**<br>**Тахриби инфрасохтор (мактабҳо, роҳҳо, бемористонҳо);**<br>**Ноамнӣ дар кишвар ва коҳиши сармоягузорӣ;**<br>**Руҳафтодагии ҷомеа ва беэътимодӣ ба давлат.** |
| **Роҳҳои мубориза бар зиддӣ терроризм ва экстремизм** | Баланд бардоштани сатҳи маърифат ва донишҳои динӣ ва дунявӣ, бахусус миёни ҷавонон;<br>Таҳкими амнияти дохилӣ ва назорати қонунӣ нисбат ба гурӯҳҳои ифротӣ;<br>Мубориза иттилоотӣ – таблиғи ҳаёти солим, ахлоқи хуб ва арзишҳои миллӣ тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ; |

| | |
|---|---|
| | Ҳамкории байналмилалӣ барои муборизаи муштарак бо терроризм;<br>Фаъолгардонии институтҳои оила ва ҷомеа барои таълиму тарбияи дурусти фарзандон. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои ҷамъовардашуда.

Дар шароити замони муосир ҳар як шахси ватандустро шарт ва зарур аст, ки дарки баланди зиракии сиёсӣ ва худогоҳии миллӣ дошта бошад. Ҷавонони мо бояд аз шинохти арзишҳои инсонӣ ва миллӣ дар ҳаёту зиндагӣ ошнои пайдо намуда, фирефтаи ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ нагарданд. Зеро онҳо насли ҷавонро ба воситаи ақидаҳои гуногун ва ба ҳар роҳу воситаҳо таблиғу ташвиқ менамоянд ва маҳз шахсони аз илму дониш бехабар тез ба ваъдаҳои ширини фарҷоми талхдоштаи онҳо фирефта гардида, ҳаёти ширини худро зери хатар мегузоранд. Бояд гуфт, ки истифода аз қувваи ҷавонон барои онҳо хело манфиатбор буда, ин қишри ҷомеаро, ки дар худ мафкура ва ақидаи қавӣ надоранд, ба худ ҷалб менамоянд.

Агар насли наврасро ба омӯзиши дониш ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллиамон тарбия намоем, инчунин аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” васеъ истифода намудан, онро ба пуррагӣ риоя намоем, мусаллам аст, ки минбаъд насли наврас ва ҷавонони мо дар ҳақиқат ба муқаддасот ва истиқлолияти миллӣ арҷ мегузоранд ва Ватани азизи худро дар мубориза бо ҳар зуҳуроти номатлубе дифоъ менамоянд [2].

Дар шароити ноустувории ҷаҳони муосир мо ҷавононро зарур аст, ки ба қадри озодӣ, тинҷию оромӣ ва истиқлолияти давлатӣ расида, дар пешрафту шукуфоии кишвари азизамон саҳмгузор бошем. Баҳри ҳифзи якпорчагии Ватани азизу маҳбубамон бошад, чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

Чи гунае, ки Паёмбари Худо Муҳаммад (с) гуфтаанд: “Ҳисси Ватандустӣ ва Ватанро ҳимоя кардан ин яке аз нишонаҳои имондорӣ аст”. Чунки ҳимоят аз Ватан ва ҳифзи амнияти он вазифаи динӣ ва ҷонии ҳар бандаи мӯъмин ва бономус мебошад.

**Хулоса,** терроризм ва экстремизм хатари бузурги асри XXI ба шумор меравaнд. Терроризм ва экстремизм хатарҳои воқеии замони муосир мебошанд. Мубориза бо ин падидаҳо кори як мақомоти алоҳида нест ин масъулияти ҳар шаҳрванди огоҳ ва ватанпарвар аст. Танҳо бо кӯмаки ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароӣ, ва маърифатнокӣ мо метавонем ҷомеаи амн, тинҷу ором пешрафта ва инсонпарвар бунёд намоем.

Аз ин ру, мо бояд аз соҳибдавлату соҳибватан буданамон доим шукрона кунем, ҳамеша ҳушёру зирак ва сарҷаъму муттаҳид бошем. Мо бояд ҳамеша босабру таҳаммул бошем, ҳамдигарро ҳамеша дастгирӣ кунем, ба ятимону маъюбон ва оилаҳои ниёзманд дастгирӣ намоем. Ватанамонро сидқан дӯст дорем, фарзандонамонро дар ҳамин руҳия тарбия кунем, ба Ватан, миллат ва

давлати худ ҳаргиз хиёнат накунем, зеро хиёнатро на Худо мебахшад ва на бандаҳои Худо

**Адабиёт**

1. Абдулхайров Ф.М. Хатари терроризм ва экстремизм ба ҷаҳони муосир “Молия ва иқтисод” №14 аз 28-феврали 2022.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз 23.02.2023, №1920.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» аз 02.01.2020, №1655.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо терроризм» аз 23.12.2021, №1808.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023, шаҳри Душанбе, 2023 (http://www.prezident.tj)

# МУШКИЛОТИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ҶАҲОН ВА ХАУФИ ОН БА ТОҶИКИСТОН

**Абдуллоева Шаҳноза Файзилаҳматовна** – ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

Дар шароити кунуни хатари терроризм ва экстримизм яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои сиёсӣ буда, омилҳо, хусусиятҳо ва харобаҳои он аз ҷониби илмҳои гуногун мавриди омӯзиш ва тадқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намуда, баҳри пешгирии омилҳои террористӣ тамоми омилҳо, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи терроризмро пайдо хоҳанд намуд. Аз ин лиҳоз омӯзиши ҳамаҷонибаи муаммоҳо ва мушкилот дар самти мазкур ҷустуҷу карда шудаастодааст.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстримизм, хатари терроризм, омилҳо, илмҳои сиёсӣ, сабабҳо, муаммоҳо, мушкилот.

# ПРОБЛЕМА ТЕРРОРИЗМА В МИРЕ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ТАДЖИКИСТАН

**Абдуллаева Шахноза Файзилахматовна** - ассистент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово – экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

В нынешних условиях угроза терроризма и экстремизма является одной из актуальных проблем политологической науки и его факторы, характеристики, а также разрушения изучаются и исследуются различными науками. Этот нежелательный процесс беспокоит человеческое общество для предотвращения террористических последствий ведётся поиск факторов, причин, а также поиск эффективных путей и методов борьбы с терроризмом. В зависимости от этого направлен всесторонний поиск на решение трудностей и проблем в этой сфере.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизма, угроза терроризма, факторы, политология, рассуждения, трудности, проблемы.

# THE PROBLEM OF TERRORISM IN THE WORLD AND ITS IMPACT ON TAJIKISTAN

**Abdullaeva Shahnoza Fayzilahmatovna** – Assistant at the Department of Economic Analysis and Statistics Tajik State Financial and Economic University. Address: K. Nakhimov 64/14, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

In the current conditions, the threat of terrorism and extremism is one of the urgent problems of political science and its factors, characteristics, as well as destruction are studied and investigated by various sciences. This undesirable process worries human society. In order to prevent terrorist consequences, factors, causes, as well as effective ways and methods of combating terrorism are being searched. Depending on this, a comprehensive search is aimed at solving difficulties and problems in this area.

**Keywords:** terrorism, extremism, threat of terrorism, factors, political science, reasoning, difficulties, problems.

Суботу оромӣ дар раванди бунёду нигоҳдошти давлатдории миллӣ ва сулҳу ваҳдат дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои калидӣ маҳсуб дониста мешавад. Дар замони муосир хавфҳои зиёде вуҷуд драд, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда таъсири худро ба тамоми сокинони сайёра мерасонад. Кафолати таъмини амнияти давлат нишонаи бақои устувориву ғояҳои давлатсозист.

“Дар ин ҷода, мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст” [1]

Дар замони имрӯз, ки ҷаҳон ба як марҳилаи мутҳиши сиёсиву низоӣ рӯ ба рӯ гардидааст, ҳимояи амнияту осоиштагии давлатҳо дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Гуруҳҳои ифротгарое ба миён омадаанд, ки хатари ҷидиро ба тамоми давлатҳои рӯи ҷаҳон мерасонанд. Шумораи зиёди ин гуруҳҳоро аслан ҷавонон ташкил мекунанд. Яке аз ҳамин гуруҳҳо терроризм ва экстремизм ба ҳисоб меравад. Мақсади терроризм ва экстремизм ба нобуди бурдани сулҳу-осоиш, вайрону валангоркунӣ, ба асир гирифтан, куштори на кормандони қудрати балки аҳолии аз лиҳози ятоқу аслиҳа дур мебошад. Бояд қайд кард, ки ягон давлат ё ин ки иттиҳоди давлатҳо имрӯзҳо бар зиддӣ тероризм усул ва ё роҳи аз байн бурдани онро дарёфт накардаанд. Аммо ин гуруҳҳо рӯз то рӯз ба мақсадҳои бешарафонаи худ талош карда, ҷавононро ки аз мақсадҳои онҳо буй намебаранд бо ҳар роҳу найрангҳо ба доми худ афтонда истодаанд. Ин масъала яке аз масъалаҳои глобалии ҳасоси ҷаҳони ирӯза мебошад, ки онро хатари асоси бар зиди одамизод медонанд. Масъалаи мазкур ва роҳҳои мубориза бар зидди он дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти барраси мегардад

чи дар вохҳуриҳои сарони давлатҳо ва ё суҳбат дар ошхонаҳо, вале то ҳол роҳи ҳалли он дарёфт нашудааст. Ҳар рӯз тариқи васоити ахбори омма оид ба амал овардани таркишҳои нав дар давлатҳои гуногун хабар медиҳанд.

Дар шароити имрӯза намудҳои зиёди тероризм вуҷуд дорад, аз ҷумла: терроризми байналмилалӣ, тероризми дохилидавлатӣ, терроризми сиёсӣ, терроризми миллӣ, тероризми дини. Новобаста аз намудҳои зиёди терроризм хатари он якхела мебошад.

Вобаста ба шакл терроризм ҷудо карда мешавад ба: истифодабарии ярокҳоитарканда бо роҳи терроризм, ғорат намудани ҳавопаймоҳо ва аз ҷумлаи амалҳои зерин, ба асир гирифтани одамон, куштори одамони бегуноҳ ва ғайраҳо.

Сабабҳои ба миён омадани терроризм ин паст шудани сатҳи зиндагӣ (ки ба амалҳои бадбини, бахили ва аз ҷумлаи онҳо оварда мерасонанд), бухронҳои иқтисодӣ, вазъи бухронии баъзе аз гурӯҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла ҳарбиён, ё ин ки шахсоне, ки таҷрибаи ҳарби доранд, ки бо яроқу аслиҳа кор карда метавонанд), баланд шудани сатҳи бекорӣ, дар байни аҳолӣ, паҳншудани яроқу аслиҳа, паҳншудани ақидаҳои гуногун (экстремисти-террористи) тариқи шабакаҳои интернетӣ, корупсия, масъалаҳои диннӣ ва ғ.

Ҳамаи мо амалҳои зиёди гурруҳои террористиро дар хотир дорем, ки аз сари зиёде аз давлатҳои рӯи ҷаҳон гузашта буд ва гузашта истодааст. Аз ҷумлаи ингуна амалҳои даҳшатбор дар Беслани Русия 1-уми сантябри соли 2004, дар ИМА 11 сентябри соли 2001, дар Ҳиндустон 26 ноябри соли 2008 ва аз ҷумлаи онҳо, ки тамоми аҳолии сулҳпарвари ҷаҳонро ба ваҳму даҳшат оварда буданд.

Моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки номи «Раванди Душанбе»-ро гирифтааст, баргузор гардид. [1]

Бояд қайд намуд, ки барои Тоҷикистони ҷавон ва дар ҳоли рушд, ки ҷиҳати ташаккул ва ба талаботи замон мувофиқ гардонидани субектҳои давлатдорӣ, махсусан Қувваҳои Мусаллаҳи худ андешидани татбирҳои муассирро роҳандозӣ намудаистодаат, ҳимояи амнияту осоитагии кишвар кори саҳ набуда, он масъулияти бузургро тақозо менамояд, дар ҳоли он ки ҷаҳон ба чунин масъалаи ҳассос яъне терроризм ва экстремизм рӯ ба рӯ шудааст, яъне моро зарур меояд, ки ҳаматарафа далати худро ҳимоя карда аҳолиро аз сиёсат хабардор кунем то, ки онҳо дар ягон ҳолат зиракии сиёсии худро аз даст надиҳанд. Зеро Тоҷикистон дар минтақае ҷойгир аст, ки аз лиҳози геостратегӣ ва геопалитикӣ мавриди таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ

қарор дорад. Аз сўи дигар сарҳади тулонии миёни Тоҷикистон бо Афғонистони ҷангзада, ки бештар аз чаҳор даҳсола мешавад, макони набарди қудратҳои ҷаҳонӣ ва ҳузури созмону ҳаракатҳои иртиҷоию террористӣ гаштааст, тақозои онро менамояд, ки ба масъалаи мустаҳкамнамоию иқтидормандии Қувваҳои Мусаллаҳи худ дар раванди ҳимояи амнияту осоиштагии кишвар таваҷҷуҳи рузафзун равона карда шавад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон насли замони истиқлол буда, он дар як марҳилаи барои кишвар мушкили сиёсиву низомӣ таъсис дода шуда буд. Мавҷуд набудани шароити созгор ва дастрасии маҳдуд ба техникаву аслиҳа ва силоҳи низомӣ ба раванди таъсису ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ ҳудудан монеагузорӣ менамуд. Бояд дарҷ намуд, ки вазъи душвори ҳарбӣ-сиёсии он солҳо имкон надод, ки Тоҷикистон аз мероси артиши Иттиҳоди Шӯравӣ бар хӯрдор гардад. Аммо Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дақиқан дарк намуда буданд, ки барои Тоҷикистони ҷавон таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ аз масъалаҳои асосиву калидии бунёди давлатдории миллӣ мебошад.

Ин тадбирҳо дар бахши тайёрии мутахассисони ҳарбӣ ва такмили таҷрибаи афсарон минбаъд низ идома меёбад. Мустаҳкам намудани руҳияи низомии сарбозону афсарон, ҳифзи ормонҳои абадзиндаи ватандустӣ, эҳтиром ба мукаддасоти Ватан, ифтихори миллӣ, шохаи асосӣ ва муҳими корҳои тарбиявӣ дар артиш маҳсуб меёбад.

Ҳар як давлати соҳибистиқлол дар ҳифзи суботу амнияти худ ба Қувваҳои Мусаллаҳ такя мекунад. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз хушбахтона ба такягоҳ ва сипари боэътимоди миллату давлат табдил ёфта, маҳз бо хизмати содиқонаи ҳайати шахсии худ он дар як муддати кӯтоҳ ба як неруи дорои қобилияти ҳифзи Ватан мубаддал гардидааст.

Аммо фазои имрӯзаи ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки ҷавонони имрӯзаи Тоҷикистон мебояд, барои ҳифзи амнияту сулҳу осоиши кишвар талош кунем то, ки амнияту сулҳу осоиш дар мамлакат доимо хӯвайдо гашта, масъалаҳо вобаста ба чунин гуруҳҳои ифроти аз байн бурда шавад. Чунки будани як ҷавони тоҷике, ки дар амалҳои террористию – экстремисти иштирок менамояд номи милатти моро бад мегардонанд, дар ҳоли он ки террорист ё экстримист миллат, дин, нажод надорад. Барои ба амал наомадани ҳолатҳои террористию – экстримисти мо бояд дастаҷамъона аз оилаҳои худ саркарда, бад бо ҷамъият коркунем то, ки онҳо аз масъалаи зерин дур бошанд ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

Ҷавонони имрӯзаро бо меҳру муҳабат нисбат ба оилаи худ, ватан, дустиву рафоқат, ҳамдиливу ҳамбастагӣ ва меҳру муҳабатти зиёд ба сарзамини худ тарбият намуд, онҳоро мебояд аз тарзи дуруст истифодабарии интернет ва шабакаҳои иҷтимои огаҳ намуд, чунки зиёде аз ҷавонон надониста фирефтаи ингуна ҳаракатҳо мегарданд.

Имрӯз як ҷавони тоҷик ба амали зерин даст занад пагоҳ шумора ба ду нафар мерасад бад шумора зиёд шуда меравад. Ин масъала ба тамоми халқи тоҷик таъалуқ дорад ва ин масъаларо мо дар ҳамбастаги метавонем аз байн бурд. Саръҷамъии миллат нишонаи ободи ва рушди минбаъдаи давлат мебошад.

**Адабиёт**


1. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу-ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олӣ ҶТ 28.12.2024, Душанбе 2024;

2. Қонуни ҶТ “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” (соли 1999).-22с.

## ТАЪСИРОТИ МАНФИИ ЭКСТРЕМИЗМ – ТЕРРОРИЗМ БА ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ ВА РОҲҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ОНҲО

**Маҳмадов Э.А.** – ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru.

**Шомуддинов О.Д.** - муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, полковники хадамоти гумрук. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимова 64\4. Тел.:(+992)91-947-99-09

Дар мақолаи мазкур дар мавзӯи “Таъсироти манфии экстремизм – терроризм ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва роҳҳои мубориза бар зидди онҳо” маълумоти умумӣ оиди пайдоиши терроризм – экстремизм, хавфу хатарҳои он дар замони рушди фаъолияти иқтисодии кишварҳои ҷаҳон оварда шудааст. Таъмини мубориза бар зидди хатарҳои ҷойдошта, ки ба терроризм ва экстремизм алоқаманд мебошанд, тамоми кишварҳои ҷаҳонро зарур аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда оид ба таъминӣ ҳифзи амнияти сайёра дастҷаъона мубориза баранд.

**Калидвожаҳо:** терроризм, фаъолияти террористӣ, экстремизм, хатар, муносибатҳои иқтисодӣ, амнияти минтақа, амният, хавф, муносибатҳои байналмилӣ, амнияти ҷомеа.

## НЕГАТИВНОЕ ВЛИЯНИЕ ЭКСТРЕМИЗМА-ТЕРРОРИЗМА НА МИРОВОЕ СООБЩЕСТВО И СПОСОБЫ БОРЬБЫ С НИМИ

**Махмадов Э.А.**– ассистент кафедры таможенного дела Таджикский государственный финансово - экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru.

**Шомуддинов О.Д**. – старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикский государственный финансово - экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: (+992)91-947- 99-09

В данной стате под названием «Негативное влияние экстремизма и терроризма на мировое сообщество и пути борьбы с ними» даются общие сведения о возникновении терроризма и экстремизма, их опасностях и рисках в эпоху экономического развития стран по всему миру. Обеспечение борьбы с возникающими угрозами, связанными с терроризмом и экстремизмом, всем

странам мира необходимо объединить усилия для достижения поставленных целей по обеспечению глобальной безопасности.

**Ключевые слова:** терроризм, террористическая деятельность, экстремизм, опасность, экономические отношения, региональная безопасность, безопасность, риск, международные отношения, общественная безопасность.

## THE NEGATIVE IMPACT OF EXTREMISM-TERRORISM ON THE WORLD COMMUNITY AND WAYS TO COMBAT THEM

**Mahmadov E.A.** – assistant of the department of customs affairs of the Taik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru.

**Shomudinov O.D.** – Senior Lecturer of the department of customs affairs of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992)91-947- 99-09

The article entitled "The Negative Impact of Extremism and Terrorism on the World Community and Ways to Combat Them" provides general information about the emergence of terrorism and extremism, their dangers and risks in the era of economic development of countries around the world. To combat emerging threats associated with terrorism and extremism, all countries of the world need to join forces to achieve the goals set to ensure global security.

**Keywords:** terrorism, terrorist activity, extremism, danger, economic relations, regional security, safety, risk, international relations, public safety.

Дар ҳама давру замон масъалаи тероризм ҳамчун омили таъсироти бад дошта мушоҳида гардида, яке аз хатарҳое мебошад, ки ба амнияти муътадили ҷомеа, давлат ва дар умум ба аҳолии кулли сайёра таъсироти манфӣ мерасонад. Чуноне, ки дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” дар рӯзи 28-уми декабри соли 2024 чунин қайд намуданд, “мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст.”

Пайдоиши терроризм хеле таърихи қадима дошта, нишонаҳои он дар Осиёи Марказӣ, дар давлатҳои форс ҳанӯз ба асри XI рост меояд, ки гуруҳи террористони фидоӣ, бо роҳбарии Ҳасан ибни Сабоҳ амал намуда, бо супориши

ӯ ба ғасби ҷони мансабдорони гунаҳкор даст мезаданд ва омода буданд барои ба мақсадҳои худ расидан ҷонашонро фидо намоянд.

Ҳоло бошад бо рушди давлату давлатдорӣ, пешрафти фарҳанг, маданият, илм, техника, технология ва дигар омилҳои муҳими ҷамъиятӣ фаҳмиш ва мафҳумҳои нави хатар ба миён омадаанд, ки экстремизм ва терроризм аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Бояд қайд кард, ки мафҳумҳои экстремизм ва терроризм аз ҳамдигар фарқ дошта, дорои фаҳмишҳои ба худ хос мебошанд.

Дар мадди аввал фаҳмиши мафҳуми экстремизм дида мебароем, ки он аз калимаи лотинии “extremus” гирифта шуда, маънои мукаммали он ин ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳои зиддисиёсӣ, аз ҳад гузаштан ва ғайраҳоро доро мебошад.

Ба экстремист шахсеро шомил намудан мумкин аст, ки ақидаю фикрониҳои ифротгароёна ва тундравона дошта, тарафдорӣ корҳою амалҳои зидди сиёсӣ, идеологӣ, динӣ ва дигар масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ мебошад.

Мафҳуми терроризм аз калимаи лотинии “terror” гирифта шуда, маънояш тарс ва ваҳм мебошад. Терроризм ҳамчун раванди навбатӣ баъди экстремизм фаҳмида шуда, дар амал татбиқ шудани амалҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла тарконидани биноҳои гуногун, қатли одамон, ғасби молу амвол ва дар умум амалҳои ба ҷамъият хавфнок буда фаҳмида мешавад.

Терроризм вобаста аз заминаҳои пайдоиш ва тааллуқият ба навъҳои гуногун ҷудо карда мешавад, ки аз рӯйи соҳаҳои худ фарқ карда мешаванд. Гуруҳбандии терроризм аз рӯи идеалогияи пайдоиш дар диаграмма оварда шудааст:




Мувофиқи моддаи 1 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» терроризм – мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак

ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад.

Террорист – шахси воқеӣ, ки дар амалӣ намудани фаъолияти террористӣ дар ҳама шакл иштирок менамояд ва (ё) мақсади иштирок дар фаъолияти террористиро дорад;[15]

Ба террорист бошад шахсеро шомил намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки ба амалҳои нисбат ба ҷамъият ва давлат хатарнок даст мезанад, ё ин ки бо супориши вай он амалҳои зикргардида анҷом дода мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди терроризм ҳолатҳои ба он алоқаманд нақши муҳимро доро мебошад. Мувофиқи моддаи 3 – юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» 23 декабри соли 2021, № 1808, принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм оварда шудаанд:

- таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- қонуният;
- афзалияти чораҳои пешгирии терроризм;
- муҳофизати ҳаёт, саломатӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсоне, ки дучори хатари террористӣ гардидаанд;
- ногузирии ҷазо барои амал ва фаъолияти террористӣ;
- низомнокӣ ва истифодаи маҷмуии чораҳои сиёсӣ, иттилоотию таблиғотӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, махсус ва тадбирҳои дигари муқовимат ба терроризм;
- роҳ надодан ба гузашткуниҳои сиёсӣ ба террористон;
- яккасардорӣ дар роҳбарӣ ба қувваҳо ва воситаҳои ҷалбшаванда ҳангоми гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ;
- ошкор насохтани ҳайати иштирокчиён, воситаҳои махсус ва тарзҳои гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ;
- ҳамбастагии тарзҳои ошкоро ва ғайриошкорои муқовимат ба терроризм;
- мутобиқати чораҳои муқовимат ба терроризм ба хусусият ва дараҷаи таҳдидҳои террористӣ;
- то ҳадди камтарин расонидан ва (ё) бартараф намудани оқибатҳои амал ва фаъолияти террористӣ;
- ҳамкории давлат бо созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо, инчунин, бо шаҳрвандон дар муқовимат ба терроризм;
- кафолати ҳимояи ҳуқуқи шахсоне, ки дар муқовимат ба терроризм мусоидат ва ҳамкорӣ менамоянд.

[15] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» 23 декабри соли 2021, № 1808 моддаи 1.

Барои ҳалли масъалаи мубориза бо терроризм кишварҳои узви СММ 8 сентябри соли 2006 Стратегияи глобалии мубориза бо терроризмро қабул карданд.[16] Стратегияи мазкур тамоми масъалаҳои заруриро нисбат ба терроризм ва экстремизм дар бар гирифта, бо амалӣ гардонидани он, мушкилотҳои дар ин самт ҷой дошта имконпазир хоҳад гашт.

Чуноне ки дар ҳаштумин конгресси байналмилалии Созмони Миллали Муттаҳид барои пешигирӣ намудани амалҳои террористӣ сабаб ва омилҳои асосии пайдоиши онҳо пешниҳод гардиданд, дохил мешаванд: камбағалӣ, бекорӣ, бесаводӣ, набудани ҷойи зист, номукаммалии сохтори маориф ва тайёрии кадрӣ, мавҷуд набудани худшиносӣ барои муайян намудани оянда.

Даст задан ба амалҳои экстремистию террористӣ инчунин ба омилҳои дигар низ вобастагӣ дошта метавонад. Аз ҷумла ба гуруҳҳои алоҳида ҷудошавии ҷамъият, барзиёдии нобаробарии ҷамъиятӣ, косташавии муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ, кофӣ набудани тарбияи оилавӣ, натиҷаҳои манфии муҳоҷират, аз даст додани маданияти хештаншиносӣ, паҳн гардидани фикр ва нуқтаи назари бегона бо воситаҳои ахбори омма, нобаробарӣ ва бесабрии ҷомеаро дар бар мегирад.

Чуноне, ки Серхио Виейра де Мелло (1948-2003), Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2002 қайд намудаанд: "Беҳтарин ва ягона стратегия барои ҷудо кардан ва несту нобуд кардани терроризм эҳтироми ҳуқуқи инсон, таҳкими адолати иҷтимоӣ, такмили демократия ва риояи волоияти қонун аст."

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм саҳми хоссаро дорад. Чуноне Пешвои миллат президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ҳамеша дар баромаду суханрониҳо дар вохурию маҷлисҳо ва созмонҳои байналмилалӣ қайд менамояд, ки “Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад”. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки террористон барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ ҳамаро сарфи назар намуда метавонанд аз омилҳои гуногун, дин, мазҳаб, миллат ва ғайраҳо истифода намоянд.

Бояд қайд кард, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон санаи 23 – уми сентябри соли 2024 дар саммити байналмилалӣ дар “Ҳамоиши Оянда” чунин қайду пешноҳодҳо намудаанд: “Масъалаҳои вобаста ба халъи силоҳ, назорти аслиҳа ва хавфу таҳдидҳои муосир ба ба сулҳу амният ҳамоно таваҷҷуҳи ҷиддии моро таҷозо менамояд.” Таъсироти амалҳои террористӣ бо истифода аз силоҳу аслиҳа ва дигар маводҳои хусусияти ҳарбӣ дошта бузуртар мегардад ва гардиши ғайриқонунӣ ва танзими он муҳим аст.  Инчунин чунин

[16] “Терроризм – Зло” Учебное пособие для учащихся старшей ступени общеобразовательных учреждений, Москва 2008, саҳ. 29.

пешниҳодҳо намуданд: “Вақти он расидааст, ки мо аз иқдомҳои муассир барои тақвияти нақши асосии Созмони Милали Мутаҳид дар ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра кор бигирад.” Яъне аз имконоти дар Созмони Милали Мутаҳид ҷойдошта истифода намуда, бо дасҷтҷамъии давлатҳои ҷаҳон таъмини амният ва сулҳу субот дар сайёра оид имконияти амалигардӣ, хубтар мебошад.

Яке аз масъалаи муҳиме, ки президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар саммити байналмилалии “Ҳамоиши Оянда” пешниҳод намуданд, ки тавассути қатъномаи Созмони Милали Мутаҳид “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” қабул карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм чорабиниҳо, қонунҳо, стратегияҳо ва татбиқи дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ амалӣ ва қабул гардида истодаанд. Аз ҷумла соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зиди терроризм” ва соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо экстремизм”, инчунин таҳия ва қабули Стратегияи муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 - уми июни соли 2021 №187 тасдиқ гардидааст мебошанд, ки нақши Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муборизаи мунтазам бар зидди ҳама падидаҳои ба ҷомеаю давлат хатарнок нишон медиҳад.

Мувофиқи моддаи 43 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.” Бояд қайд кард, ки таъмини ҳифзу амнияти кишвар ва дар маҷмуъ бехатарии сайёра аз ҳар як фарди ҷомеаи ҷаҳонӣ вобастагии калон дорад, ки бо дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои байниҳамдигарӣ, дур шудан аз омилҳои ба ҷомеа хавфу хатар дошта ва мусоидат дар мубориза бар зидди терроризму экстремизм амалӣ гардонида мешавад.

Вобаста ба мавзӯи мавриди омӯзиш қарор гирифта ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки экстремизм ва терроризм яке аз масъала ва мушкилотҳои асри XXI дар саросарӣ ҷаҳон фаҳмида шуда, барои пешгирӣ ва рафъи масъалаҳои ба он вобаста зарур мебошад, ки кишварҳо ва ё дар умум мардуми сайёра муборизаи мунтазам ва таъсирбахш баранд.

## Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 6 ноябри соли 1994, тағйиру иловаҳо 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» 23 декабри соли 2021, № 1808;

3. “Мубориза бар зидди терроризм ва ҳимояи ҳуқуқи инсон” Дастурамал тарҷума аз Дастурамали Джонатон Купер. БДИПЧ ОБСЕ, 2009;

4. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”28.12.2024;

5. “Терроризм – Зло” Учебное пособие для учащихся старшей ступени общеобразовательных учреждений, Москва 2008;

6. “Основы противодействия терроризму” Я.Д. Вишнякова «Академия», 2006.

## МУБОРИЗА БА ТЕРОРИЗМ-КОРИ ДАСТАҶАМЪИСТ!

**Раҳимзода Ф.М.** – ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**Солиев Н.А. -** муаллими калони кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 908-83-38-45. E-mail: Solievn_@List.ru.

Муалифон дар мақолаи мазкур қайд менамоянд, ки дар қатори ҳолатҳои фавқулодаи хусуссияти табиӣ, техногенӣ, биологию иҷтимоӣ, ки аз амалҳои гирдовардаю ҷамъгардидаи ҳаёти одамиён вобастагӣ дорад, инсоният ба фоҷиаҳои нав ба нав дучор гардид. Яке аз сабабҳои он, ки зӯрӣ, таҷовуз ва ифротгароӣ мебошад терроризм ё экстремизм номоварӣ гардида ба ҳаёти мардуми аҳли башар то кунун таъсири манфӣ расонида истодааст. Дар натиҷаи таъсири ин падидаи номатлуб мардумони бегуноҳ дар парешонию истироб умр ба сар мебаранд. Таъкид карда мешавад, ки ҳамаи мо вазифадорем, ки пеш аз ҳама, худамон намунаи ибрат бошем, нангу номуси ватандорӣ дошта бошем, мардуми кишварро ба ободу пешрафта гардонидани сарзамини аҷдодӣ ҳидоят кунем, пеши роҳи бегонапарастӣ ва хиёнатро гирем, воло будани манфиатҳои миллӣ ва давлатиро пайваста эҳсос карда, ҳамеша ҳушёру зирак ва Ватандӯсту меҳанпарвар бошем.

**Калидвожаҳо:** тероризм, эктремизм, мазҳаб, ниҳодҳои иҷтимоӣ, ифротгароӣ, ифротгароии динӣ, ваҳдат, арзишҳои фарҳангӣ, суботи сиёсӣ.

## БОРЬБА С ТЕРРОРИЗМОМ — ЭТО КОЛЛЕКТИВНАЯ БОРЬБА!

**Рахимзода Ф.М.** - ассистент кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**Солиев Н.А.** - старший преподаватель кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 908-83-38-45. E-mail: Solievn_@List.ru.

Авторы в статье отмечают, что наряду с чрезвычайными ситуациями природного, техногенного, биологического и социального характера, которые

зависят от накопленных и аккумулированных действий человеческой жизни, человечество столкнулось с новыми трагедиями. Одной из причин этого является то, что насилие, агрессия и экстремизм, известные как терроризм или экстремизм, стали оказывать негативное влияние на жизнь всего человечества и по сей день. В результате воздействия этого нежелательного явления невинные люди живут в смятении и страданиях. Подчеркивается, что все мы обязаны, прежде всего, сами быть образцами для подражания, иметь честь и достоинство патриотизма, направлять народ страны к процветанию и развитию своей исконной земли, не допускать ксенофобии и предательства, постоянно чувствовать верховенство национальных и государственных интересов, всегда быть бдительными, умными и патриотичными.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, религия, социальные институты, экстремизм, религиозный экстремизм, единство, культурные ценности, политическая стабильность.

## FIGHTING TERRORISM IS A COLLECTIVE FIGHTING!

**Rakhimzoda F.M.** - Assistant Professor of the Department of Stock Exchange Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**Soliev N.A.** - Senior Lecturer of the Department of Stock Exchange Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: (+992) 908-83-38-45. E-mail: Solievn_@List.ru.

The authors note in this article that, along with the extraordinary situations of natural, technogenic, biological and social nature, which depend on the accumulated and accumulated actions of human life, humanity has been faced with new tragedies. One of the reasons for this is that violence, aggression and extremism, known as terrorism or extremism, have become a negative influence on the lives of all mankind to this day. As a result of the impact of this undesirable phenomenon, innocent people live in confusion and suffering. It is emphasized that all of us are obliged, first of all, to be role models ourselves, to have the honor and dignity of patriotism, to guide the people of the country to the prosperity and development of our ancestral land, to prevent xenophobia and betrayal, to constantly feel the supremacy of national and state interests, and to always be vigilant, smart, and patriotic.

**Key words:** terrorism, extremism, religion, social institutions, extremism, religious extremism, unity, cultural values, political stability.

Ҷомеаи инсонӣ ҳамеша дар ҳолати тағйирёбӣ қарор дорад. Хусусан, дар ҷомеаи муосир бинобар сабаби вусъат пайдо кардани раванди ҷаҳонишавӣ на танҳо миллатҳои гуногун арзишҳои фарҳангии худро аз даст медиҳанд. Ё худ ҷойи онҳоро арзишҳои фарҳангии ғайримиллӣ иваз мекунанд. Ҳамзамон, вазъ ба он сатҳ расида истодааст, ки аз ҷангҳои байнидавлатӣ таҳдид барои нобуд гаштани арзишҳои моддии кишварҳои алоҳида гардад. Аз ин рӯ, агар аз як тараф, сабаби аз байн рафтани арзишҳои фарҳангии миллатҳои гуногун раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо бошад, аз тарафи дигар, пайдоиш ва вусъат пайдо кардани ҳаракату созмонҳои ифротию террористӣ боиси ноамн гаштани кишварҳо, ривоҷ ёфтани куштору тахрибкорӣ, низоъҳои динию мазҳабӣ ва ғайра гашта истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаракату созмонҳои ифротии зуҳуркарда, идеологияи ифротии худро тобиши динӣ дода, бар хилофи низоми ҷомеадории муосир амалиёти худро ба роҳ монданд, ки дар натиҷа ба амнияту субот, ҳамзистию ҳамдилии мардумон халал ворид карда истодаанд [1].

Истилоҳи "экстремизм" ("ифротгароӣ") дар илмҳои иҷтимоӣ-инсонгароӣ ҳанӯз аз охирҳои нимаи аввали асри XIX мавриди истифода қарор гирифт. Аммо чӣ тавре файласуфи тоҷик Н.Маҳмадизода дар таҳқиқоти худ дақиқ мушаххас менамояд: "Истилоҳи "экстремизм" ("ифротгароӣ") - ро ҳамчун мафҳуми илмӣ аввалин бор ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М.Лерой дар ибтидои асри XX мавриди истифода қарор дод. Ӯ муайян намуд, ки фарқияти асосии ин раванди сиёсӣ аз дигар ҷараёну равияҳо дар он аст, ки ифротгароён аз пайравони худ ба ғояҳои тарғибкунандаи сиёсӣ эътиқод доштанро талаб мекунанд. Барои мисол, неруҳои сиёсии ифротгаро, ки он вақт дар саҳнаи сиёсӣ амал мекарданд, М.Лерой "экстремизми сурх"-и болшевикон ва "экстремизими сафед"-и монархистон номида буд".[2,с.11].

Солҳои охир дар қатори ҳолатҳои фавқулодаи хусуссияти табиӣ, техногенӣ, биологию иҷтимоӣ, ки аз амалҳои гирдовардаю ҷамъгардидаи ҳаёти одамиён вобастагӣ дорад, инсоният ба фоҷиаҳои нав ба нав дучор гардид. Яке аз сабабҳои он, ки зӯрӣ, таҷовуз ва ифротгароӣ мебошад терроризм ё экстремизм номоварӣ гардида ба ҳаёти мардуми аҳли башар то кунун таъсири манфӣ расонида истодааст. Дар натиҷаи таъсири ин падидаи номатлуб мардумони бегуноҳ дар парешонию истироб умр ба сар мебаранд.

Бо дарки муҳимияти масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳануз аз рузҳои аввали ба ҳайси Президент ихтихоб шуданашон ба масъалаҳои сулҳу ваҳдат дар миқёси минтақа ва сайёра диққати ҷиддӣ зоҳир намуда ҷиҳати пешгирии хатарҳои бавуҷудоии терроризму эктремизм тамоми

имкониятҳои худро сафарбар намуд. Пешвои миллат иброз менамояд, ки «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст».

Дар олами муосир хатари терроризм ва экстремизм яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои сиёсӣ буда, омилҳо, хусусиятҳо, харобаҳои он аз ҷониби илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, омӯзиш ва роҳҳои нисбатан самарабахши пешгирии он тақозои замон дониста мешавад.

Дар шароите, ки қишри зиёди аҳолии Тоҷикистонро маҳз ҷавонон ташкил медиҳанд, осебпазирии он эҳтимолан зиёд дониста мешавад, зеро вақте мегӯем «ҷомеа», мо асосан ҷавононро дар назар дорем ва вақте мегӯем «мушкилоти ҷавонон», қабл аз ҳама мушкилоти тамоми ҷомеаи Тоҷикистон мадди назар аст. Бинобар ин, ягона роҳи пурсамар барои хунсо намудани зуҳури ҳар гуна гурӯҳу ҳаракатҳои тундгаро ва ифротӣ, мусоидат ба боло бурдани сатҳи донишҳои дунявию илмӣ мебошад.

Ба фикри мо, ҷилавгирӣ кардан аз ифроту тафрит яке аз омилҳои муҳими ҳифзи ваҳдати миллӣ, суботи ҷомеа ва рушди давлати миллӣ мебошад.

Дар шароити кунунӣ вазифаи ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар, миллатдӯсту мусулмон, алалхусус ҷавонон, ки ҳамчун неруи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, аз он иборат аст, ки аз таълимоти гурӯҳҳои манфиатиие, ки дини мубини исломро бо терроризм айният медиҳанд ва тундгароиро омили ҳифзи Ислом муаррифӣ мекунанд, худдорӣ намоянд, зеро дар натиҷаи гароиш ба ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои радикаливу террористӣ ҳам ҷони худро аз даст медиҳанд ва ҳам сабаби аз байн бурдани ҷони ҳазорон нафарони дигар мегарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бо вуҷуди он ки дар партави сиёсати дурандешонаи роҳбарияти кишвар ва пуштибонии мардум сулҳу субот дар Тоҷикистон таъмин аст, вазъи мураккаби ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳам боиси нигаронӣ мебошад. Ин ҳолат моро водор месозад, ки фарҳанг, забон, расму оин ва арзишҳои миллиамонро бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ҳифз намоем.

Хулоса, ҳамаи мо вазифадорем, ки пеш аз ҳама, худамон намунаи ибрат бошем, нангу номуси ватандорӣ дошта бошем, мардуми кишварро ба ободу пешрафта гардонидани сарзамини аҷдодӣ ҳидоят кунем, пеши роҳи бегонапарастӣ ва хиёнатро гирем, воло будани манфиатҳои миллӣ ва

давлатиро пайваста эҳсос карда, ҳамеша ҳушёру зирак ва Ватандӯсту меҳанпарвар бошем.

**Адабиёт**

1.Самиев, Б. Ҷ. Вусъатёбии ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои асосии пешгирӣ аз он / Б. Ҷ. Самиев, Ш. П. Бердиев // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2023. – No. 1-2(9-10). – P. 6-16. – EDN IBVKML.

2.Маҳмадизода Н.Д.Зоҳиршавии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва воситаҳои пешгирии он [Матн]/ Н.Д.Маҳмадизода. Монография. - Душанбе, 2022. - 324с. – С.11.

3.Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва тероризм дар Ҷумҳурии Тоҷикисон барои солҳои 2021-2025.

## МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ВАЗИФАИ ҲАР ЯК УЗВИ ҶОМЕА

**Ҳамидова М. М.** - муаллимаи калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 907-18-40-04.

Дар мақолаи мазкур муқовимат бурдан алайҳи терроризм ва экстремизм баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, муаллиф терроризм ва экстремизм ки ҳамчун ҷиноятҳои хусусиятҳои махсусан вазнини ҷиноидошта ба амнияти миллӣ, гуфта шуда нақш ва вазифаи ҳар афроди ҷомеаро дар мубориза ба ин зуҳуроти номатлуб дарҷ кардааст.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, гуруҳҳои террористӣ, ҷиноят.

## ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ТЕРРОРИЗМУ И ЭКСТРЕМИЗМУ – ДОЛГ КАЖДОГО ЧЛЕНА ОБЩЕСТВА

**Хамидова М.М.** – старший преподаватель кафедры менеджмента Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 907-18-40-04.

В статье обсуждается борьба с терроризмом и экстремизмом. При этом автор характеризует терроризм и экстремизм как преступления с особо тяжкими уголовно-правовыми признаками, представляющие угрозу национальной безопасности, а также определяет роль и обязанность каждого отдельного человека в обществе в борьбе с этими нежелательными явлениями.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, террористические группировки, преступность.

## RESISTANCE TO TERRORISM AND EXTREMISM IS THE DUTY OF EVERY MEMBER OF SOCIETY

**Hamidova M.M.** – Senior Lecturer, Department of Management, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Highway, Nakhimov Street 64/14. Phone: 907-18-40-04.

This article discusses the resistance to terrorism and extremism. At the same time, the author describes terrorism and extremism as crimes of particularly serious criminal nature against national security, and outlines the role and duty of every member of society in combating these undesirable phenomena.

**Keywords:** terrorism, extremism, terrorist groups, crime.

«Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун як вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки терроризм ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Ҳамзамон, як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла ба дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Ҳифзи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як сокини ин сарзамин буда, он кафили сулҳу оромӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи кишвар мебошад. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ватани азизамон мунтазам пеш рафта, суботу амнияти мардуми кишвар таъмин гаштааст.

Дар замони муосир яке аз ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат хавфи ҷиддӣ ба миён меоварад, ин ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта мебошад. Тамоми давлатҳои дунё кӯшиш мекунанд, ки роҳи нави мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуби ҷомеаро ҳарчи зудтар пайдо намуда, онро решакан намоянд. Ин ҷараёни хатарзо метавонад ба несту нобуд кардани халқиятҳо, миллатҳо ва давлатҳо оварда расонад. Аз таҳдиди ин зуҳуроти номатлуб тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар канор буда наметавонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои хеш дар ҳамоишҳои сатҳи баланди ҷаҳонӣ иброз доштанд: «Имрӯз ҳамаи мо шоҳиди рӯйдоду воқеаҳои даҳшатноку фоҷиаборе мебошем, ки дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон идома доранд. Тавсеаи миқёси терроризм ва ифротгароӣ, ҷангу низоъҳои мусаллаҳонаи мазҳабӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва гардиши маводи мухаддир ба амнияти кишварҳои мо хатари ҷиддӣ эҷод карда истодааст. Ҳоло фаъолшавии гурӯҳҳои террористиву ифротгаро ва дигар ҷунбишҳои иртиҷоӣ дар нуктаҳои доғи ҷаҳон амнияти тамоми мардуми сайёраро зери хатар қарор додааст».

Нахустин бор истилоҳи “террор” ва “терроризм” дар Инқилоби Кабири Фаронса солҳои 1793-1797 аз тарафи як гурӯҳи муайяни одамон ба кор бурда шудааст, вале гумон меравад, ки ин калима шакли дигаргуншудаи калимаи арабии “таррор” аст. Террор дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои роҳзану одамкӯш, кисабуру дузд ва маҷозан ба маънои ҳиллагар, маккор, оварда шудааст. Эҳтимол аврупоиён калимаи “террор”-ро ба маънои даҳшатафканӣ ва хунрезӣ аз калимаи арабии “таррор” гирифта бошанд. Ҳамин тариқ

бисёриҳо ба он назаранд, ки калимаи “терроризм” аз калимаи лотинии “terror” гирифта шуда, маънояш “тарс ва ваҳм” аст. Инро ҳамагон қабул доранд, аммо калимаи арабии “таррор” ва калимаи лотинии “terror” қариб, ки маънои якхела доранд.

Маънои аслии экстремизм бошад – (аз калимаи франсавии “extremism” ва лотинии “extremus”) гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо, амалҳои тундравона, аз ҳадду андоза гузаштан аст.

Дар ҳақиқат ҳам, терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид намуда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Рӯз то рӯз терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст.

Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифродгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ мусоидат менамояд.

Терроризм ва экстремизм имрӯзҳо хусусияти байналмилалиро касб карда аст, ки абарқудратҳо ба воситаи он манфиатҳои миллию давлатиашонро ҳимоя мекунанд.

Ин зуҳурот на танҳо ба сиёсати дохилии кишварҳои алоҳида, балки дар муносибатҳои давлатҳои ҷудогона роҳандозӣ шуда истодааст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин радиф қайд намуда буданд: “Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи “сиёсати дугона” нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад. Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад”.

Ифротгароӣ ва терроризм – яке аз чунин зуҳуроти номатлуби замони муосир ба шумор рафта, мубориза бар зидди он қарзи ҳар як инсони комил мебошад. Терроризму экстремизм ҳамчун вабои аср ва дигар ҳодисаҳои номатлуб ба оромию амнияти сайёра ва пойдории давлат таҳдиду хатарҳо эҷод карда, амну осоиш ва ваҳдати халқу миллатҳоро барҳам мезанад. Ҳол он ки ҳеҷ ҷомеае бидуни таъмини амнияти иҷтимоӣ рушду такомул нахоҳад кард.

Воқеан, бар асари амалҳои террористӣ дар бисёр мамолики дунё одамони бегуноҳ ба ҳалокат расида, шаҳру деҳот ва ёдгориҳои беназири

таърихӣ хароб мегарданд, зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда ба садҳо миллиард доллар баробар мегардад. Идомаи ин зуҳуроти номатлуб аз ҳар ҷиҳат хатарро дар пай дошта, на фақат боиси афзоиши таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ, балки сабаби хуруҷу афзоиши ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар тамоми минтақаҳои олам гардида, солимии ҷомеаро зери суол мебарад, инчунин, гаронии зиёдеро ба буҷети кишвар ворид месозад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала, ки дарди рӯз мебошад, чунин иброз менамоянд: “Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст”.

Қобили қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз чандин конфронсу ҳамоишҳои сатҳи баландро ба мақсади мубориза бар зидди терроризм ташкил ва баргузор намудааст ва ҳамеша дар саргаҳи муборизони ин вабои номатлуби замон қарор дорад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки имрӯз ҳар як узви ҷомеаро зарур аст, ки бар зидди терроризму ифротгароӣ муборизаи беамон барад. Зеро танҳо дар ҳамоҳангӣ метавон бар зиддӣ ин падидаи номатлуб ва хатарнок муборизаи беамон бурд. Аҳли ҷомеаи тамаддунофари мо, ки ҳисси баланди ватанпарварӣ, ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ доранд, ҳеҷ гоҳ намегузоранд, оромиву сулҳу суботи кишвар халалдор гардад.

## Адабиёт


1. «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ] https://mmk.tj
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, № 1808 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» / ш. Душанбе, 2 январи соли 2020, № 1655 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”28.12.2024.

## ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ-ХАВФИ МИҚЁСИ ҶАҲОНӢ

**Расулзода Ҳидоятулло Маҳабат** - ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва соҳибкорӣ. Тел: 918-84-85-24. E-mail: rasulzoda1993@bk.ru

Фаъолияти террористӣ фаъолиятест, ки дар бар мегирад: ташкил, банақшагирӣ, омодагӣ, маблағгузорӣ ва амалисозии амали террористӣ; даъват ба амали террористӣ; ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), гурӯҳи муташаккил барои анҷом додани амали террористӣ, инчунин иштирок дар чунин сохтор; ҷалб кардан, мусаллаҳ кардан, таълим додан ва истифода бурдани террористон; расонидани кумаки иттилоотӣ ё дигар дар тарҳрезӣ, омодагӣ ё амалисозии амали террористӣ; тарғиби ғояҳои террористӣ, паҳн кардани мавод ё маълумоте, ки ба амалисозии фаъолияти террористӣ даъват мекунанд ё зарурати амалисозии чунин фаъолиятҳоро асоснок ё асоснок мекунанд.

**Калидвожаҳо:** террористӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ, омодагӣ, ғайриқонунӣ, ҷиноятӣ, мусаллаҳ, иттилоотӣ

## ЭКСТРЕМИЗМ И ТЕРРОРИЗМ - ГЛОБАЛЬНАЯ УГРОЗА

**Расулзода Хидоятулло Махабат -** ассистент кафедры национальной экономики и предпринимательства. Тел.: 918-84-85-24. E-mail: rasulzoda1993@bk.ru

Террористическая деятельность – деятельность, включающая в себя: организацию, планирование, подготовку, финансирование и реализацию террористического акта; подстрекательство к террористическому акту; организацию незаконного вооруженного формирования, преступного сообщества (преступной организации), организованной группы для реализации террористического акта, а равно участие в такой структуре; вербовку, вооружение, обучение и использование террористов; информационное или иное пособничество в планировании, подготовке или реализации террористического акта; пропаганду идей терроризма, распространение материалов или информации, призывающих к осуществлению террористической деятельности либо обосновывающих или оправдывающих необходимость осуществления такой деятельности.

**Ключевые слова:** терроризм, планирование, финансирование, подготовка, незаконный, преступный, вооруженный, информация

## EXTREMISM AND TERRORISM - A GLOBAL THREAT

**Rasulzoda Hidoyatullo Mahabat -** assistant Professor of the Department of National Economy and Entrepreneurship. Tel: 918-84-85-24. E-mail: rasulzoda1993@bk.ru

Terrorist activity is an activity that includes: organizing, planning, preparing, financing and implementing a terrorist act; incitement to a terrorist act; the organization of an illegal armed formation, a criminal community (criminal organization), an organized group for the implementation of a terrorist act, as well as participation in such a structure; the recruitment, arming, training and use of terrorists; informational or other assistance in the planning, preparation or implementation of a terrorist act; propaganda of terrorist ideas, dissemination of materials or information calling for the implementation of terrorist activities or substantiating or justifying the need to implement such activities.

**Keywords:** terrorism, planning, financing, preparation, illegal, criminal, armed, information

Террор тарсонидани рақибони сиёсии худ мебошад, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ, то ба ҳалокат расонида мешавад ва терроризм бошад, сиёсат ва амалияи терроризм аст.

Экстремизм ҳама гуна кирдорест, ки ба ғасби зӯроварӣ ё зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин бо зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат, инчунин таҷовуз ба амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташкили дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ бо мақсадҳои зикршуда ё иштирок дар онҳо нигаронида шудааст.

Фаъолияти экстремистӣ: зӯроварона тағир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва вайрон кардани тамомияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; сафедкунии оммавии терроризм ва дигар фаъолияти террористӣ; барангехтани адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ; таблиғи истисноӣ, бартарӣ ё паст будани шахс аз рӯи мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё забонӣ ё муносибати ӯ ба дин; поймол кардани ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахс ва шаҳрванд вобаста ба мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё забонӣ ё муносибат ба дин; монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ аз ҷониби шаҳрвандон ё вайрон кардани махфияти овоздиҳӣ бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; монеъ шудан ба фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, комиссияҳои интихоботӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ ё дигар ташкилотҳо бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; содир намудани ҷиноятҳое, ки бар асоси адовати миллӣ ё динӣ асос ёфтаанд; таблиғот ва намоиши оммавии асбобҳо ё рамзҳои фашистӣ, ё асбобҳо ё рамзҳое, ки ба асбобҳои фашистӣ ё рамзҳои ба

дарачаи иштибоҳ монанданд; даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани кирдорҳои зикршуда ё паҳнкунии оммавии маводи ошкоро экстремистӣ, инчунин истеҳсол ё нигоҳдории онҳо бо мақсади паҳн кардани омма; ошкоро дидаю дониста айбдор кардани шахсе, ки мансаби давлатӣ ё мансаби давлатии субъектро ишғол менамояд, барои содир намудани кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ва таркиби ҷиноят дар давраи иҷрои вазифаҳои хизматӣ ташкил ва тайёр кардани санадҳои зикршуда, инчунин даъват ба иҷрои онҳо; маблағгузории санадҳои зикргардида ё кўмаки дигар дар ташкил, таҳия ва татбиқи онҳо, аз ҷумла бо роҳи додани воситаҳои таълимӣ, матбаа ва моддию техникӣ, телефонӣ ва дигар намудҳои алоқа ё расонидани хизматрасонии иттилоотӣ.

Аз ин лиҳоз, боиси қайд намудан аст, ки дар ҷаҳони муосир ифротгароӣ ва ифодаи ифротии он – терроризм шояд ба хатари асосии инсон ва ҷомеа табдил ёфтааст.

Экстремизм (аз лотинии extremus – ифротӣ) ӯҳдадорӣ ба ақидаҳо ва чораҳои шадид (одатан дар сиёсат) мебошад, ки барангехтани ошӯб, нофармонии шаҳрвандӣ, амалҳои террористӣ ва усулҳои ҷанги партизаниро дар бар мегирад. Экстремистҳои радикалӣ аксар вақт ҳама гуна созиш, гуфтушунид ё созишҳоро дар асл рад мекунанд. Ба афзоиши ифротгароӣ маъмулан бӯҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ, якбора паст шудани сатҳи зиндагии аксарияти аҳолӣ, режими сиёсии тоталитарӣ бо саркӯби мухолифин аз ҷониби мақомот, таъқиби мухолифон мусоидат мекунад. Дар чунин ҳолатҳо чораҳои шадид метавонад ягона имкони таъсиррасонии воқеии баъзе шахсон ва созмонҳо ба вазъ гардад, бахусус, агар вазъи инқилобӣ дар ҳоли ривоҷёбанда бошад ё давлатро ҷанги тӯлонии шаҳрвандӣ фаро гирифта бошад – мо метавонем дар бораи «экстремизми маҷбурӣ» ҳарф занем.

Дар аксари мавридҳо пеш аз зуҳуроти терроризм ҳамеша террористони дорои ақидаҳои ифротгароӣ қарор мегиранд. Агар ифротгароӣ аз ақидаҳои ниҳоят радикалии навъҳои гуногун иборат бошад, пас терроризм аз амалҳои ниҳоят радикалии дорои хусусияти сиёсию идеологӣ иборат аст.

Экстремизм дар ҳама шаклаш сарчашмаи идеологии терроризм мебошад; ғояҳои терроризм медиҳад, онро аз ҷиҳати рӯҳонӣ ғизо медиҳад, террористҳо ва амалҳои террористиро сафед карда, онҳоро, масалан, «ҷазо» ё «ҷанги муқаддас» меномад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ифротгароӣ низ барои ҳар коре, ки терроризм мекунад, масъул аст.

Занҷираи мантиқии пайдоиш ва рушди ифротгароӣ ва терроризм чунин аст, ки мафкураи ифротгароӣ метавонад боиси ташкили фаъолияти террористӣ ва дар ниҳоят ба ҷудоихоҳӣ, яъне таҷовуз ба тамомияти арзии давлат гардад.

Ҳар як падидаи иҷтимоӣ решаҳои таърихӣ дорад. Омӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи терроризму экстремизм басо муҳим ба назар мерасад, зеро чунон ки муаррихи бузурги рус Н.М.Карамзин гуфтааст, донистани таърих ба мо дар фаҳмидани замони ҳозира кумак мекунад. Ошкор намудани хусусиятҳои асосии терроризм дар рушди таърихии он ва ошкор намудани моҳияти ҳуқуқии он метавонад барои дуруст ташхис кардани ин «вабои асрҳои XX – XXI» мусоидат намояд.

Тамоми таърихи башарият нишон медиҳад, ки қариб ҳамаи халқҳои ҷаҳон ба ҳолатҳои фавқулодда, экстремалӣ ва зуҳурот, инчунин барои баромадан аз онҳо пешгузаштаанд, аз ин рӯ ифротгароӣ на барои Тоҷикистон ва на барои тамоми ҷаҳон падидаи экзотикӣ нест.

Таърихи ифротгароиро метавон аз замонҳои қадим мушоҳида кард. Аввалин «ифротгароён»-ро метавон илҳомбахшони идеологии шӯришҳои яҳудӣ дар Империяи Рим — зелотҳо номид, ки ба муқобили қудрати Рум чи бо силоҳ ва ҳам бо шиорҳои динӣ мубориза мебурданд. Дар асрҳои миёна дар кишварҳои Аврупои католикӣ нисбати яҳудиён ва арабҳо чораҳои хусусияти ифротӣ дошта (бадарға кардани яҳудиён аз Испания, сӯзонидани яҳудиён ва дигар миллатҳо бо гумони эътиқод ба дини яҳудӣ) истифода мешуданд. Дар асри XIII Ваҳҳобия ба арсаи таърихии ҷаҳонӣ ворид мешавад. Асосгузори фирқаи ваҳҳобӣ Муҳаммад ибни Абулваҳҳоб ҳамчун бозгашт ба принсипҳо ва анъанаҳои аслии исломӣ, ки аз равияҳои муосир фаро гирифта нашудааст, барои покӣ мубориза бурд. Маҳз ӯ ба панҷ рукни ислом (имон – закот – панҷ вақт намоз – рӯзадорӣ дар Рамазон – зиёрати Макка) рукни шашум – ҷиҳод («ҷанги муқаддас») илова кард.

Дар тӯли чандин ҳазорсолаҳо усулҳои террористӣ аз ҷониби давлатҳои гуногун, гурӯҳҳои динӣ, созмонҳои сиёсӣ ва ҷомеаҳои ҷиноӣ истифода мешуданд.

Яке аз аввалин ёддоштҳои терроризми давлатӣ дар таърихи Рим рӯй медиҳад. Диктатор Люсиус Корнелиус Сулла аз манъкуниҳо - рӯйхати одамоне, ки дар империяи Рум ғайриқонунӣ эълон шудаанд - барои мубориза бо рақибони сиёсии худ ва пур кардани хазина истифода бурд. Шаҳрванде, ки шахси дар қонун нишондодашударо куштааст, нисфи амволи шахси кушташударо гирифтааст. Дар сарзамине, ки ҳоло Исроил ишғол кардааст, як созмони Сикарӣ вуҷуд дошт, ки ба муқобили румиён ва намояндагони ашрофони яҳудӣ, ки барои автономияи музофотҳои худ бо Рим ҳамкорӣ мекарданд, мубориза мебурд. Шӯришҳои мусаллаҳи Сикарӣ ба шӯриш табдил ёфта, баъд ба ҷанги яҳудиён (дар асри VI мелодӣ) табдил ёфтанд ва сипас шикасти шӯришгарон ва офатҳои бешумори мардуми осоиштаро фаро гирифт.

Дар асрҳои XI–XIII сектаи исмоилии шиъаи мусалмон, ки бештар бо номи Ассасинҳо маъруф аст, намояндагони ҳукумати Сурия, яъне халифаҳои хориҷиро аз ҷиҳати ҷисмонӣ нобуд карданд. Навиштагони фидой бо фармони устоди худ — Пири Кӯҳистон, сарфи назар аз чораҳои эҳтиётӣ ҳар касеро, ки ба марг маҳкум шуда буд, мекуштанд. Соли 1256 такьягоҳи секта — қалъаи Аламут дар зери зарбаҳои муғулҳо афтода, ассасинҳоро тамоман несту нобуд карданд.

Дар асрҳои XII–XIII дар пасманзари муборизаи Рим бо сулолаҳои подшоҳии Аврупо мақомоти динии калисои католикӣ қонунӣ будани куштори монархҳоро аз ҷониби тобеонашон – монархомахия асоснок карданд. То асри XVI идеяҳои монархомахия ниҳоят актуалӣ пайдо мекунанд. Мухолифони католикии ҷангҷӯён Вилями Оранҷӣ (1584), Генри III (1589) ва Ҳенри IV (1610) кушта шуданд.

Муаррихони терроризм ҳатман аз ба истилоҳ «Масъалаи ярок» (1605)-и Гай Фоукс, капитани артиши Англия алайҳи парлумон ва шоҳ Ҷеймс I ёдовар мешаванд. Нақша аз он иборат буд, ки хонаҳои парламент, ки шоҳ бояд дар он ҷо ҳозир бошад, тарконда, дар Англия католикизм барқарор карда шавад.

Дар моҳи июли соли 1793 аристократи фаронсавӣ Шарлотта Корде аъзои конвенсия, раиси клуби якобин Жан-Пол Маратро бо ханҷар зада куштааст. Сабаби он террори хунин буд, ки якобинҳо баъд аз торумор карда шудани жирондистҳо ба амал оварданд. Инқилоби Фаронса ва Ҷангҳои Наполеон таърих ва таърихи терроризмро ба ҳам мепайвандад. Терроризми классикии оммавии инқилоби Фаронса модели идоракунии тарсро нишон дод ва механизми камолоти тактикаи террористиро оғоз кард.

Дар солхои 20-ум дар Италия ташкилотҳое пайдо мешаванд, ки кӯшиши барпо намудани давлати миллиро доранд. Дар Сицилия мафия барои мубориза бо монархияи Бурбон таваллуд шудааст. Ҳамзамон, бародарии Карбонарӣ дар ҷануби кишвар пайдо шуда, шабакаи худро дар тамоми Италия паҳн кард. Дар аввал мақсади ин бародарӣ аз зулми холимон муҳофизат намудани деҳқонон ва меҳнатдӯстони хоҷагии қишлоқ буд. Карбонариҳо огоҳ карда, баъд золимтарин золимонро мекушанд. Минбаъд ташкилоти карбонарӣ характери сиёсӣ пайдо карда, вазифаи муборизаи зидди ҳукмронии Австрияро ба миён гузошт. Ҳамаи ташкилотҳо усулҳои террористиро ба кор бурда, посбонони зиндонҳо, заминдорон, коркунони милитсия ва ходимони давлатиро тарсонданд.

Ҳамзамон терроризм дар Фаронса, Австрия ва Олмон паҳн шуд. Ба муқобили шоҳи Франсия Луи Филипп ҳафт маротиба сӯйиқасд карда шуд. Дар яке аз онҳо (1835) 18 кас ҳалок ва 22 кас ярадор шуд.

Соли 1858 итолиёвӣ Фелис Орсига кӯшиш кард, ки Наполеони III-ро кушад. Герсоги Парма кушта шуд (1854) ва ба ҷони Фердинанд III аз Неаполӣ ва маликаи Испания Изабелла (1856) кӯшиш карданд.

Соли 1868 шоҳзодаи Серб Михайло Обренович III кушта шуд. Подшоҳи Пруссия Вилгелм I ва канцлер Отто Бисмарк ҳар кадоме аз ду сӯиқасд наҷот ёфтанд. Доираи ҳаракатҳои сиёсие, ки ба тактикаи террористӣ роҳ медиҳанд, васеъ мешавад. Ҳоло на танҳо ҳаракатҳои миллӣ, балки ҷумҳуриятҳо, анархистон ва ғайра низ идеологияи терроризм ташаккул меёбад.

Терроризм, ки дар миқёси ҷаҳонӣ хатар дорад, дар шароити муосир моҳиятан ба ниҳодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон таҳдид кардааст. Ба мо аллакай терроризми ҳастаӣ, терроризм бо истифода аз моддаҳои заҳрнок ва терроризми иттилоотӣ таҳдид мекунад. Муқовимат бо терроризмро тамоми кишварҳои мутамаддин бояд яке аз вазифаҳои асосии миллӣ донанд. Муҳимтарин самтҳои фаъолият дар ин самт аз инҳо иборатанд: такмили заминаи ҳуқуқӣ, таҳкими ҳамкории сохторҳои федеролӣ, расонидани фишори ҳадди бештар ба кишварҳое, ки терроризмро дастгирӣ мекунанд, зиёд намудани шумораи кормандони сохторҳои дахлдор, ки бо проблемаи терроризм сарукор доранд, ва таҷҳизоти техникии онҳо. Мехоҳам қайд намоям, ки дар баробари созмонҳои сершумори террористӣ сохторҳои давлатӣ, ки ин созмонҳоро дастгирӣ мекунанд ва ҳатто давлатҳое ҳастанд, ки терроризмро сарпарастӣ мекунанд. Инҳо асосан мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб ва Араб, ки нефт ҳосил мекунанд. Маълум аст, ки падидаи терроризм дар сурате, ки аз ҷониби режимҳои давлатӣ, бахусус диктаторӣ, миллатгароӣ, сепаратистӣ ба вуҷуд омада, дастгирӣ карда шавад, махсусан хатарнок мегардад.

Онҳо танҳо бо имкониятҳои худ маҳдуданд. Терроризми муосир на танҳо ба амнияти шахсиятҳои алоҳидаи сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, созмонҳо ва давлатҳо таҳдид мекунад. Бо назардошти миқёс ва миқёси ҷаҳонии терроризм, бо итминони комил метавон гуфт, ки он барои тамоми башарият хатари марговар дорад. Таърих гувоҳ аст, ки ҳама рӯйдодҳои асосии террористии замони муосир дар даҳаи охири асри 20 ба вуқӯъ меоянд. Маҳз дар ҳамин давра стратегияи терроризми муосир таҳия ва тактикаи он такмил ва сайқал дода шуд. Террористон ба «бригадахои» байналхалкй муттахид шуда, комьёбихои навтарини илми инсониятро ба хизмати худ мегузоранд, «ноу-хау»-и бемисли террористиро ихтироъ карда, ба кор меандозанд.

Ҳамин тариқ, барои ҳалли мушкили дар боло зикршуда дар мубориза бо терроризм бо тамоми кишварҳо ва созмонҳои байналмиллалӣ ҳамоҳангсозии талошҳо ва ҳамкории зич зарур аст.

**Адабиёт**

1. Круглов А. Понятие терроризма // Здравый смысл. 2002. №1. С. 20-24.
2. Нагоева М.А. Терроризм как глобальная проблема современности // Пробелы в российском законодательстве. 2014. С. 255-257.
3. Соснин В.А. Современный терроризм и проблема мотивации террористов-смертников // Национальный психологический журнал. 2010. №2. С. 52–55.
4. Яковенко И. Терроризм // Нева. 2015. №12.
5. Малыцев В.В. Тероризм проблемь уголовно-паравового регулирования Государство и право 2018 № С.105
6. Хрисон Т. проблемы террористических действий.// Европейский научный журнал права Дельта Дж Пресс. 2012 . Том 5№1. С. 183-19-89
7. Шмидт А. Джонгман. Тероризм – проблема дефинции. Южньй Журнал Международного права.02014 Том16. С. 77-82.
8. Гончаров С.А. Особености тероризма в России. Актуальны Европы Вып. 4. Проблемы Тероризма. М., 2015 с. 47

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ХАТАРИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ

**Абдураҳмонов Сафаралӣ** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимова 64/14. Телефон: 904252123.

Дар мақола сухан оид ба хатари рӯзафзуни экстремизм ва терроризми байналмилалӣ, ки солҳои охир ҷомеаи ҷаҳониро ба гирдоби ҳаводиси фоҷиабори худ рӯ ба рӯ сохтааст ва дар ин баробар, гароиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро ҳар яки моро водор месозад, ки бобати ин масъала бепарво набошем. Мусаллам аст, ки терроризми байналмилалиро ҳар як сокини солимфикри рӯи замин дар ҳоли имрӯз маҳкум мекунад ва онро ҳамчун хатари асосии арзишҳои инсонӣ ва амнияти умумиҷаҳонӣ эътироф менамояд. Зеро як тасмими хато дар ин ё он масъалаи сиёсии сайёра метавонад вазъиятро бамаротиб мураккаб гардонад. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди ин хатари байналмилалӣ қарзи виҷдонии ҳар як инсони комил аст.

**Калидвожаҳо:** терроризм ва экстремизм, зуҳурот, таълиму тарбия, насли наврас, ватандорӣ, худшиносии миллӣ, ифротгарой

# ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ – УГРОЗА МИРОВОМУ СООБЩЕСТВУ

**Абдурахмонов Сафарали** - ассистент кафедры бухгалтерского учета - Таджикский государственный финансово-экономический университет, адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, сильный. Нахимова 64/14. Телефон: 904252123.

В статье рассматривается растущая угроза экстремизма и международного терроризма, которая в последние годы сталкивает мировое сообщество с водоворотом трагических событий. В то же время тенденция молодых людей к вступлению в экстремистские группировки заставляет каждого из нас не быть равнодушным к этой проблеме. Безусловно, международный терроризм сегодня осуждается каждым здравомыслящим жителем Земли и признается главной угрозой человеческим ценностям и глобальной безопасности. Потому что одно неверное решение по тому или иному политическому вопросу планеты может значительно осложнить ситуацию. Поэтому борьба с этой международной угрозой является долгом совести каждого совершенного человека.

**Ключевые слова:** терроризм и экстремизм, явления, образование и воспитание, молодое поколение, патриотизм, национальное самосознание, экстремизм

## TERRORISM AND EXTREMISM – A THREAT TO THE GLOBAL COMMUNITY

**Abdurakhmonov Safarali** - Assistant of the Department of Accounting - Tajik State Financial and Economic University, address: 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, strong. Nakhimov 64/14. Phone: 904252123.

The article discusses the growing threat of extremism and international terrorism, which in recent years has confronted the world community with a whirlwind of tragic events. At the same time, the tendency of young people to join extremist groups compels each of us not to be indifferent to this issue. It is certain that international terrorism is condemned by every sane inhabitant of the Earth today and recognized as the main threat to human values and global security. Because one wrong decision on one or another political issue of the planet can greatly complicate the situation. Therefore, the fight against this international threat is the duty of conscience of every perfect human being.

**Keywords:** terrorism and extremism, phenomena, education and upbringing, young generation, patriotism, national identity, extremism

Хатари рӯзафзуни экстремизм ва терроризми байналмилалӣ, ки солҳои охир ҷомеаи ҷаҳониро ба гирдоби ҳаводиси фоҷиабори худ рӯ ба рӯ сохтааст ва дар ин баробар, гароиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро ҳар яки моро водор месозад, ки бобати ин масъала бепарво набошем. Мусаллам аст, ки терроризми байналмилалиро ҳар як сокини солимфикри рӯи замин дар ҳоли имрӯз маҳкум мекунад ва онро ҳамчун хатари асосии арзишҳои инсонӣ ва амнияти умумиҷаҳонӣ эътироф менамояд. Зеро як тасмими хато дар ин ё он масъалаи сиёсии сайёра метавонад вазъиятро бамаротиб мураккаб гардонад. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди ин хатари байналмилалӣ қарзи виҷдонии ҳар як инсони комил аст.

Терроризму ифротгароӣ ҳамчун вабои аср бо амалҳою ҳодисаҳои номатлуб ба оромию амнияти сайёра ва пойдории давлатҳо таҳдиду хатарҳо эҷод карда, амну осоиш ва ваҳдати халқу миллатҳоро аз байн мебаранд. Аз ҳама калидии онҳо «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» мебошад, ки имсол ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда мешавад [1]. Тадбирҳои нав ин қабули таҳрирҳои нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо

терроризм» (2021) [2] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм" (2020) [3] мебошад. Ин санадҳои қонунгузорӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии муқовимат ба ин таҳдидҳоро муайян, масъулияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои иштирок дар фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ муқаррар ва фаъолияти мақомоти ваколатдорро танзим мекунанд. Ҳол он ки ҳеҷ як шакли ҷомеа бидуни таъмини амнияти пурраи иҷтимоӣ рушду такомул карда наметавонад.

Дар ҳоли имрӯз терроризму экстремизм дар сар то сари ҷаҳон ба хатари бесобиқа табдил ёфта, оқибатҳои фоҷиабору харобиовари ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор овардааст. Тавре тавассути садову симо ва рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ огаҳӣ пайдо менамоем, зарфи солҳои охир зиёда аз сад мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифтаанд ва бар асари ҳамлаҳои террористӣ ҳазорон нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расида, миллионҳои дигар макону манзили зисташонро тарк кардаанд.

Муносибатҳои байналмилалӣ, ки солҳои охир хеле шиддатнок ва муқовиматомез гардидаанд, рӯз то рӯз хосияти бераҳмонаро ба худ гирифта истодаанд. Ҷараёнҳо ва неруҳои сиёсӣ ҳамарӯза сифатҳои иртиҷоию ифротии хешро ошкор сохта, дар ин миён ҷараёни экстремизми сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимест, ки тамоми кишварҳои дунёро ба ташвиш овардааст. Имрӯзҳо терроризм ва экстремизм бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ аён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба ҳодисаҳои мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷонибаи онро бояд омӯхт.

Боиси таассуф аст, ки ҳамаи ин қатлу куштори худро террористон бо он ки аз дини мубини Ислом бӯе набурдаву аҳкоми шариатро намедонанд, бо шиорҳои исломӣ ва гӯё ба хотири садоқаташон ба дину шариат анҷом медиҳанд. Вале дигар ҳамагон медонанд, ки ин амалҳо кори дасти душманони олами Ислом аст ва ҳадафмандона ҳам тарҳрезӣ шуда истодаанд. Ин бадхоҳон, ки аз нуфузи Ислом, махсусан, дар кишварҳои ғарбӣ сахт дар ҳарос афтодаанд, мехоҳанд бо ташкили чунин гирудорҳо онро дар чашми мардуми олам зишт нишон диҳанд. Аз ҳамин хотир, дар бисёр ҳолатҳо терроризмро ба Ислом рабт медиҳанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромаду суханрониҳояшон дар ҳамоишу конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ ва махсусан, зимни суханронӣ аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид ба ин душманону бадхоҳони дини мубини Ислом ҷавобҳои муассиру ҳадафмандона додаанд, ки «террорист дин, мазҳаб ва миллат надорад».

Бояд қайд кард, ки гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар фаъолияти разилонаи ҳаррӯзаашон аз технологияи информатсионӣ ва Интернет ба таври фаровон истифода мебаранд ва онҳо давоми чанд соли охир бо ин роҳ дар баробари гурӯҳе аз кишварҳо қисме аз ҷавонони содаву гумроҳи моро низ фирефта намуда, ба амалҳои разилонаи худ якҷо намудаанд. Ин аст, ки Роҳбари давлат ҳамеша ҷавононро даъват мекунанд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, дар пойдории сулҳу субот ва оромии ҷомеа нақши муносиби худро гузоранд.

Мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва дигар таҳдидҳои замони муосир яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати дохиливу хориҷии он мебошад. Ёдовар шудан бамаврид аст, тайи чандин соли охир шоҳиди онем, ки Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон ба ин муносибат чунин изҳори андеша кардаанд: «Миллате, ки тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, забон, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳу нохоҳ тафаккураш ғуломона гашта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад. Ҳифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад». Аз ин хотир, ҳар як фарди худогоҳ ва ватандӯст уҳдадор аст, ки дар ҳифзи асолати поки гузашта, нигоҳдории якпорчагии ватан, ягонагии ҷуғрофӣ ва сиёсии кишвар, дифои сулҳу оромӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ масъулиятшинос бошад. Ваҳдати миллиро пос дошта, ба қадри ин неъмати бебаҳо ва муқаддас бояд расид ва ҷавонони ватандӯсту ватанпарварро тарбия намудан зарур аст, то ки дар оянда якпорчагии ин марзу бумро ҳифзу эҳтиром намоянд.

Ҷавонони имрӯза ба ҳайси қувваи пешбаранда ва ояндасози ҷомеа бояд ба муқобили ҳама гуна падидаҳои номатлуб дар шароити кунунӣ мубориза баранд. Насли ҷавони кишвар вазифадор аст, ки аз фазои ором у осудаи кишвар истифода бурда, дар пешрафт, рушду равнақ ва шукуфоии меҳани худ саҳми арзанда гузоранд.

**Адабиёт**

1. «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ] https://mmk.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, № 1808 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» / ш. Душанбе, 2 январи соли 2020, № 1655 [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/content

4. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”28.12.2024;

# ТЕРРОРИЗМ-ЭКСТРЕМИЗМ ВА ХАТАРИ ОН БА ҶОМЕАИ ИМРӮЗА

**Раҳимӣ Алишер Шарофатулло** – ассистенти кафедраи табиатшиносии ДДМИТ, Суроға: Душанбе, кӯчаи Наҳимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон:(+992)931150994; E-mail: rahimialisher@gmail.com

Дар мақолаи мазкур вобаста ба харатҳои терраризм ва эксремизм дар ҷомеаи имрӯза омӯхта шудааст. Терроризм дар инкишофи таърихии инсоният ҳодисаи нав набуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба ин усул қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои ҳокимият талош дошта, даст ба зӯрӣ, даҳшат овардан ва тарсонидани одамон мезаданд.

**Калидвожаҳо:** терроризм, экстромизм, тадқиқот, зуроварӣ, ифродгароӣ, хатар, ҷомеа.

# ТЕРРОРИЗМ-ЭКСТРЕМИЗМ И ЕГО ОПАСНОСТЬ ДЛЯ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

**Рахими Алишер Шарофатулло** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент. Адрес:, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)931150994; E-mail: rahimialisher@gmail.com

В данной статье рассматриваются особенности терраризма и эксремизма в современном обществе. Терроризм не является новым явлением в историческом развитии человечества, еще с древних времен этим методом различные политические и общественные силы стремились к власти, прибегая к насилию, терроризированию и запугиванию людей. **Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, исследования, насилие, экстремизм, опасность, общество.

# TERRORISM-EXTREMISM AND ITS DANGER TO MODERN SOCIETY

**Pahimi Alisher Sharofatullo** – The Tajik state university of finance and economics, assistant. Address: 734067,Dushanbe, st., Nahimov 64/14. Phone number: (+992)931150994 E-mail: rahimialisher@gmail.com

This article examines the features of terrarianism and exremism in modern society. Terrorism is not a new phenomenon in the historical development of mankind. Since ancient times, various political and social forces have sought power by resorting to violence, terrorizing and intimidating people.

**Keywords:** terrorism, extremism, research, violence, extremism, danger, society.

Дар ин замон муҳим нест, ки аввалин шуда кадом ҷониб ва ё кӣ даст ба истифодаи зӯрии канораю ғайриқонунӣ мезанад. Аҳамияти асосиро сатҳи муқовимати қувваҳои сиёсӣ ва маданияти сиёсии онҳо ташкил медиҳад. Қувваҳои гуногун терроррро ҳамчун воситаи мубориза бар зидди рақибони хеш медонистанд. Ҳатто дар андешаҳои муҳаққиқони аҳди қадим, аз ҷумла Ксенофон террор дар мисоли воситаи самараноку мусбати мубориза бар зидди рақибон дониста мешуд. Аммо дар аҳди қадим мафҳуми «террор» дар маънои расмиаш истифода намегардид.

Дар олами муосир хатари терроризм ва гурӯҳҳои ифротгароӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои сиёсӣ буда, омилҳо, хусусиятҳо, харобаҳои он аз ҷониби илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намуда, баҳри пешгирии омилҳои террористӣ тамоми омилҳо, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи терроризмро пайдо хоҳанд намуд. Ба ин маънӣ омӯзиши ҳама ҷонибаи ин масъала талаби замон мебошад. Агар одамон ба масъалаҳои терроризм ва муборизаи зидди он бевосита пайваст набошанд ҳам, тавассути чизи дигаре ва ё субъекти дигаре бо масъалаҳои мухталифи терроризм ва шаклҳои дигари экстремизми сиёсӣ алоқаманд гашта, мавқеи худро муайян менамоянд[1].

Аз ин рӯ дар тамоми ҷаҳон марказҳо ва пажӯишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ ба омӯзиши ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ равонаанд. Дар ин радиф ҷараёни экстремизми сиёсӣ ва терроризми сиёсӣ пешсаф аст. Экстремизми сиёсӣ аслан аз ғояи фаъолияти канорае таркиб ёфтааст, ки одатан тавассути зӯроварӣ барои воқеӣ гардонидани ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешавад. Илова бар ин экстримизми сиёсӣ бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ аён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба ҳодисаи мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст. Аз ин хотир зарурати дарки амиқ ва фаҳми васею ҳамаҷонибаи он пеш меояд. Бинобар ин таҳқиқ ва баррасии экстремизм зинаи аввали инкишофи гурӯҳҳои канориро ташкил менамояд.

Қурбони терроризим дар ин ё он минтақа асосан ҷавонон мебошанд. Аз ин рӯ, ҷавононро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, сабабу омили шахсони ифратор ва гуруҳҳои терроризмро биёмӯзанд ва барои дафъи он кӯшиш кунанд, то сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвар ҳифз гардад.

Имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим ва ногуворе, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст, терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш – таҳдид ё истифодаи

зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад.

Терроризм аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ чунин аст: «Ин содир намудани амалҳое мебошанд, ки ба одамон хатари марг ба миён меоварад, истифодаи он мақсади ҷисмонӣ, бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад». Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсон, хусусан гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат мумкин аст, эътирозро ба вуҷуд оварад, ки он мумкин аст ба ифротгароӣ сабзида расад. Умуман таҳти мафҳуми «созмон ё ҳаракатҳои исломӣ» қувваҳои гуногунро фаҳмидан мумкин аст. Бархе аз чунин созмонҳо ва ҳаракатҳо хусусияти экстремистӣ дошта, фаъолияти онҳо дар аксарияти кишварҳои исломӣ мамнуъ мебошад. Гурӯҳи дигари чунин созмон ва ҳаракатҳоро ҳизбҳо ва созмонҳое ташкил медиҳанд, ки дар арсаи ҳаёти сиёсии кишварҳои исломӣ озодона ва бо иҷозати қонун амал намуда, барои бунёди давлат ва ҷомеаи исломӣ тибқи меъёрҳои шариат идора кардани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мубориза мебаранд. Аммо дар байни чунин ҳаракатҳо қувваҳои тундрав ва иртиҷоӣ низ вуҷуд доранд, ки онҳо вазъи ҳаёти сиёсиву ҷамъиятиро дар ҳар як кишвар халалдор намуда, барои расидан ба аҳдофи худ аз ҳеҷ гуна роҳу воситаҳо, ҳатто аз террор ва зӯроварӣ низ рӯ намегардонанд. Маҳз ҳамин гуна қувваҳои тундрав ва иртиҷоӣ мебошанд, ки барои ба даст овардани аҳдофи сиёсии худ раванди осоиштаи ташаккул ва такомули ниҳодҳои демократӣ дар кишварҳои исломиро халалдор сохта, кишварҳои исломиро ба вартаи бӯҳронҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ тела медиҳанд. Ба ин маънӣ дар тӯли чанд даҳсолаи охир диққати олимони диншинос ва сиёсатшинос ба ислом ва нақши он дар равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар кишварҳое, ки аксарияти аҳолии онҳоро мусулмонон ташкил медиҳанд, равона карда шудааст. Сабаби асосии чунин таваҷҷуҳ афзоиш ва шиддат ёфтани таъсири ислом ба сиёсати ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ мебошад. Сабаби асосии таҳкими чунин мақом дар сиёсати ин кишварҳо дар он мебошад, ки ислом метавонад ва қодир аст ҳамчун як низоми том ва мукаммали динӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти фардӣ ва иҷтимоиро ба танзим дароварад ва идора намояд.

Барои таҳкими нақши ислом дар сиёсати ин кишварҳо инчунин ақоиди анъанавӣ дар бораи ягонагии дин ва давлат, пайванди ҳаёти дунявӣ ва динӣ, ки дар шуури ҷамъиятии миллатҳои мусулмон хеле амиқ реша давонидааст, низ нақши хеле муҳимро мебозад. Ақидаҳои мазкур хусусан дар байни аъзои ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ки барои бо ормонҳо ва меъёрҳои исломӣ

мутобиқ сохтани сиёсати давлатӣ ва ҳаёти ҷомеа мубориза мебаранд, хеле роиӣ буда, ҳаматарафа таблиғу ташвиқ карда мешаванд[4].

Чӣ тавре ки ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияҳои ифротгароӣ, хамчун ҳодисаи сиёсӣ дар ду маврид ба миён меояд. Якум, вақте ки дар ҷомеа беадолатӣ вуҷуд дорад ва қисми муайяни ҷомеа дар назди худ мақсад мегузорад, ки бар зидди беадолатӣ мубориза барад. Дуюм, барои ҳокимият мубориза бурда мешавад.

Ифротгароии динӣ аз ҷиҳати динӣ асосноккунии фаъолиятӣ бо дин рӯйпӯшкардашудае аст, ки бо зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани истиқлолият ва якпорчагии давлат бо ин мақсад барангехтани душманӣ ва бадбинии динӣ равона карда шудааст, ки дар асл дини мубини Ислом инро намехоҳад.

Дар марҳилаи ҳозира ҳадафи он идеологияе, ки ин идда мехоҳанд миёни мардум паҳн намоянд, дар он зоҳир меёбад, ки ҷавонони пуртаҷриба ва аҳли илмро ба худ ҷалб намуда, зери шиорҳои бофтаву хаёли фирефтаи таълимоти «гӯё динӣ» онҳоро бар зидди ҳукумату давлат ва ҳатто аҳли хонаводаи хеш гардонда, ба амалҳои низоъпарастӣ, ифротгароӣ ва террористӣ, ки онро ба истилоҳ «қаҳрамонӣ», «фидокорӣ» меноманд равона месозанд ва мехоҳанд бо ин роҳ ба мақсадҳои душманонаи худ ноил шаванд, яъне нуфузу дастовардҳои миллиро то андозае паст зананд, аниқтараш супоришҳои пешвоён ва сарпарастони хориҷии худро иҷро намоянд.

Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва ҳифз намудани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки нақши фарҳанг, ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамин раванд дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз низоъҳои иҷтимоӣ ниҳоят бузург аст.

Беҳуда нест, ки қувваҳои манфиатҷӯй дар оғози амалҳои ғаразноки худ аввал арзишҳои фарҳангӣ-маънавӣ (ахлоқию динӣ)-ро коҳиш дода, фалаҷ месозанд, баъдан ҳисси нобоварӣ ва таҳдид намуда, ба амалҳои зишт ва хавфноки худ даст мезананд. Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас, хусусан ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба гуруҳи ифротгаро мегардад. Дар чунин вазъият ҳар як фарди соҳибмаърифат ва хоссатан падару модарро масъулияти азим мебояд, зеро аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан дар

тарбияи насли наврас ва ҷавонон яке аз омилҳои мубориза бар зидди падидаи нанговари ҷомеаи имрӯза-терроризм ва ифротгароӣ маҳсуб меёбад.

Пешвои миллат, Президент ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала, ки дарди рӯз мебошад, чунин иброз менамояд: «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст».

Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд, ки масъалаи «мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ» ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти идеологии муассисаҳои илмӣ ва сохтори марбутаи давлати дунявӣ дониста мешавад. Имрӯз дар ҷаҳони ислом як қатор ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар заминаи эътиқодоти динӣ амалкунанда арзи ҳастӣ доранд, ки аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ бо мақсади амалӣ сохтани манофеи геополитикиашон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони тозаистиқлол интиқол ёфта, имконияти дар оянда вайрон кардани мувозинати динию мазҳабӣ, вазъи сиёсию идеологӣ ва суботу амнияти ҷомеаро доранд.

Хулосаи матлаб ин ки ба мо ҳамагон лозим аст, кушиш ба харҷ диҳем, фарҳанги динию миллиамонро боло бардорем. Ба ҷомеа билхусус ҷавононамон фаҳмонда тавониста бошем, ки бо тақлидҳои кур-курона дунболи гурӯҳҳои ифротӣ нараванд. Вазъияти фазои динии ватанамон ба ба ҳамагон маълум, ки давлат ва мардуми шарифи Тоҷикистон ҳама мусулмон буда, ба муқаддасоти динӣ ва дастуроти шариати Ислом эҳтиром мегузоранд.

Имрӯз, дар раванди ҷаҳонишавӣ муқобила ба густариши ақидаву афкори гуногуни бегона бидуни мавҷудияти ақидаи устувор ва мантиқан пурзӯр дар кадом соҳае, ки набошад, ғайриимкон аст. Дар шароити кунунӣ вазифаи ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар, миллатдӯсту мусулмон, алалхусус ҷавонон, ки ҳамчун неруи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, аз он иборат аст, ки аз таълимоти гурӯҳҳои манфиатиие, ки дини мубини исломро бо терроризм айният медиҳанд ва тундгароиро омили ҳифзи ислом муаррифӣ мекунанд, худдорӣ намоянд, зеро дар натиҷаи гароиш ба ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои радикаливу террористӣ ҳам ҷони худро аз даст медиҳанд ва ҳам сабаби аз байн бурдани ҷони ҳазорон нафарони дигар мегарданд. Бояд ҳар як шаҳрванд, ҳар як фарди ин ҷомеа барои ҳифзи истиқлолият ва якпорчагии кишвар талош варзад. Зероояндаи халқу миллати тоҷикро бе мавҷудияти давлати миллии тоҷикон тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Бо боварии комил аз минбари баланд гуфта метавонем, ки ҷавонони боғайрат, далер ва сулҳхоҳи тоҷик иродаи матин дошта, на танҳо барои вусъатёбӣ, балки роҳ ёфтани терроризм ва ифротгароӣ дар марзу буми Ватани

азизи худ бо ҳар роҳу усул, яъне ҳам амалӣ ва ҳам маънавӣ мубориза хоҳанд бурд.Терроризм ва экстромизм хатарҳои номатлуб буда омӯзиш ва пешгирии он вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст, хештаншинос ва худогоҳ мебошад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" ш. Душанбе 16 ноябри соли 1999 № 846.
2. Тероризм и экстремизм: профилактика и противодействие: методические рекомендации ўсост. Л.Е. Пистунова, Т.В. Душенина - Камерово: Изд-во КРИПК и ПРО, 2008 – 71 с.
3. Сафаров Қ.Д. Сафаров М.Қ. «Саволу ҷавоб дар бораи омӯзиш ва таълими мудофиаи граждані». ДМИТ – 2016.
4. Ниёзов Рафиқҷон, Сафаров Музаффар «Асосҳои омодагї ба ҳолалатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждані». Душанбе- 2017.

## ТЕРОРИЗМ - МУШКИЛОТИ ТАЪРИХӢ

**Акобирзода Абутолиби Мирзоҳимат -** Ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва соҳибкорӣ Тел: 900389996.Mail:akobirzodaabutolib77@gmail.com

Терроризм - консептуализатсия ва рушд. Асоси терроризм истифодаи зӯроварии системавӣ барои тарсонидани одамон ва паҳн кардани тарс мебошад. Тарс ҳамчун воситаи сиёсат барои террористҳо хизмат мекунад. Таърифи терроризм, ки ба таври васеъ қобили қабул аст, масъалаи мавриди баҳс аст. Таърифҳои мавҷуда аз рӯи меъёрҳои зерин фарқ мекунанд: миқдори аломатҳои таъриф, самти муассисаҳои пуштибонии ин таърифҳо ва инчунин аз рӯи олимони алоҳида ва самти онҳо. Рушди терроризм аз радикализм ба ифротгароӣ ба ду гурӯҳи нишондиҳандаҳои аккредитатсияшуда таъсир мерасонад: Терроризм ҳамчун воситаи сиёсати давлатӣ ба маънои дифоъ аз душманон дар замони Инқилоби бузурги Фаронса ба вуҷуд омадааст ва ҳамчун воситаи инқилобчиён – зиёиёне, ки мехоҳанд ҷомеаи мавҷударо хароб кунанд.

**Калидвожаҳо:** Терроризм, рушд, зӯровари, тарс, инқилоб, террористи, озоди, фаъолият.

## ТЕРРОРИЗМ - ЭТО ИСТОРИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

**Акобирзода Абутолиби Мирзохимат -** Ассистент кафедры народного хозяйства и предпринимательства Тел: 900389996 Mail:akobirzodaabutolib77@gmail.com

Терроризм - концептуализация и развитие. Основой терроризма является использование систематического насилия для запугивания людей и распространения страха. Страх служит политическим инструментом для террористов. Определение терроризма, которое является общепринятым, является предметом дискуссий. Существующие определения различаются по следующим критериям: количество признаков определения, ориентация институтов, поддерживающих эти определения, а также ориентация отдельных ученых и их ориентация. Развитие терроризма от радикализма к экстремизму происходит под влиянием двух групп аккредитованных показателей: Терроризм возник как инструмент государственной политики в смысле защиты от врагов во время Великой французской революции, и как инструмент революционеров - интеллектуалов, которые хотят разрушить существующее общество.

**Ключевые слова:** Терроризм, развитие, насилие, страх, революция, террорист, свобода, деятельность.

# TERRORISM IS A HISTORICAL PROBLEM

**Akobirzoda Abutolibi Mirzohimat -** Assistant of the Department of National Economy and Entrepreneurship Тел: 900389996 Mail:akobirzodaabutolib77@gmail.com

Terrorism - conceptualization and development. The basis of terrorism is the use of systematic violence to intimidate people and spread fear. Fear serves as a political tool for terrorists. The definition of terrorism, which is widely accepted, is a matter of debate. Existing definitions differ in the following criteria: the number of features of the definition, the orientation of the institutions supporting these definitions, as well as in the orientation of individual scholars and their orientation. The development of terrorism from radicalism to extremism is influenced by two groups of accredited indicators: Terrorism emerged as a tool of state policy in the sense of defense against enemies during the Great French Revolution, and as a tool of revolutionaries - intellectuals who want to destroy existing society.

**Keywords:** Terrorism, development, violence, fear, revolution, terrorist, freedom, activity**.**

Терроризм - консептуализатсия ва рушд. Асоси терроризм истифодаи зӯроварии системавӣ барои тарсонидани одамон ва паҳн кардани тарс мебошад. Тарс ҳамчун воситаи сиёсат барои террористҳо хизмат мекунад. Таърифи терроризм, ки ба таври васеъ қобили қабул аст, масъалаи мавриди баҳс аст. Таърифҳои мавҷуда аз рӯи меъёрҳои зерин фарқ мекунанд: миқдори аломатҳои таъриф, самти муассисаҳои пуштибонии ин таърифҳо ва инчунин аз рӯи олимони алоҳида ва самти онҳо. Рушди терроризм аз радикализм ба ифротгароӣ ба ду гурӯҳи нишондиҳандаҳои аккредитатсияшуда таъсир мерасонад: Терроризм ҳамчун воситаи сиёсати давлатӣ ба маънои дифоъ аз душманон дар замони Инқилоби бузурги Фаронса ба вуҷуд омадааст ва ҳамчун воситаи инқилобчиён – зиёиёне, ки мехоҳанд ҷомеаи мавҷударо хароб кунанд.

Фикри «террористи як кас дигар муборизи озоди аст» ба чунин хулосаи ғалат оварда расонд, ки таърифи терроризм, дар ниҳоят, як фаъолияти субъективӣ оид ба додани тобиши манфӣ ба мухолифони худ ва ба ҷонибдорони худ маънии мусбат дорад. Терроризм, чи тавре ки худи террористҳо амал мекунанд ва сафед мекунанд, абзорест, ки барои ноил шудан ба натиҷаи мушаххас бо истифода аз зӯр ё зӯроварӣ дар як қишри ҷомеа бо ҳадафи аввалиндараҷаи эҷоди тарс дар ҷомеаи васеътар барои тағирот дар он ҷомеа истифода мешавад. Ин мақола рушди таърихии истифодаи терроризмро баррасӣ мекунад ва нишон медиҳад, ки новобаста аз нақш, ҳама террористҳо

эътиқоди муштарак доранд, ки терроризм воситаи тағирот аст. Тағйироти дилхоҳ, ҳадафи интихобшуда ва асоснокии истифодаи терроризм метавонад хоси ҷомеа ва ҷинояткорон бошад.

Терроризм дар ҳаёти инсон падидаи нав нест. Он дар замонҳои Китоби Муқаддас вуҷуд дошт, вақте ки Юсуф, писари ҳабдаҳсолаи Яъқуб, аз ҷониби бародарони ҳасадкаш рабуда шуда, ба ғуломӣ фурӯхта шуд, ки ин як навъ амали терористӣ буд. Ҳарчанд террористон дар тӯли таърих фаъол буданд, танҳо ба наздикӣ мо мушоҳида мекунем, ки таваҷҷӯҳи олимон ба падидаи терроризм афзоиш ёфтааст. Яке аз сабабҳои ин далел он аст, ки фаъолияти террористӣ аз солҳои 1960 ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Мо ҳар рӯз дар рӯзномаҳо мехонем ва аз радиову телевизион ҷузъиёти хашми охирини террористонро мешунавем. Аксари коллеҷҳо ва донишгоҳҳои Амрико ҳоло як ё ду курси терроризмро ҳамчун як қисми барномаи таълимии худ пешниҳод мекунанд.

Хулоса Библиография «шумораи зиёди дигаронро метарсонад ва маҷбур мекунад» (1977: 11). Лассвелл бар ин назар аст, ки терроризм «ташвишҳои шадид»-ро ба вуҷуд меорад (1978: 255). Барои Лакер, Вилкинсон ва Хоффман терроризм ният дорад фазои тарсро ба вуҷуд оварад. Клариджҷ чунин мешуморад, ки терроризм ҳадафи тағир додани рафтори аудиторияро тавассути насли тарс аст (1996: 50). Креншоу қайд мекунад, ки терроризм ният дорад "ҳайрон, тарс, ҳаяҷон ё хашм" (2011: 2). Уолтер террори терроризмро ҳамчун "давлати равонӣ - тарси шадид ва аз тарафи дигар, чизе, ки даҳшатовар аст - ҳодисаи зӯроварӣ, ки ҳолати рӯҳиро ба вуҷуд меорад" шарҳ медиҳад (1969: 5). Оддӣ карда гӯем, умуман ягон ихтилофи академӣ оид ба терроризм (терроризм) дар мавриди тарс фаҳмида намешавад.

Таҳдиди терроризми байналмилалӣ як хатари воқеӣ аст. Худи калимаи терроризм қодир аст, ки ҳисси тарси азимро ба вуҷуд орад. Бӯҳрони экзистенсиалӣ, ки вай қодир аст ба вуҷуд оварад, метавонад таваҷҷӯҳро аз ҳама масъалаҳои дигаре, ки инсоният рӯ ба рӯ мешаванд, дур кунад. Он ҳисси фаврӣ ва хатари фаврӣ барои зинда мондани одамонро ба вуҷуд меорад. Ҳама масъалаҳои дигари марбут ба иқтисод, рушд, тағирёбии иқлим, вақте ки тарси воқеии зинда мондан бетаваҷҷуҳ мешаванд. Ин тарс дар вақтҳои охир бо суръати нигаронкунанда афзоиш ёфтааст.

**Адабиёт**

1. Круглов А. Понятие терроризма // Здравый смысл. 2002. №1. С. 20-24.
2. Нагоева М.А. Терроризм как глобальная проблема современности // Пробелы в российском законодательстве. 2014. С. 255-257.

3. Соснин В.А. Современный терроризм и проблема мотивации террористов-смертников // Национальный психологический журнал. 2010. №2. С. 52–55.
4. Яковенко И. Терроризм // Нева. 2015. №12.
5. Малыцев В.В. Тероризм проблемь уголовно-паравового регулирования Государство и право 2018 № С.105
6. Хрисон Т. проблемы террористических действий.// Европейский научный журнал права Дельта Дж Пресс. 2012 . Том 5№1. С. 183-19-89
7. Шмидт А. Джонгман. Тероризм – проблема дефинции. Южньй Журнал Международного права.02014 Том16. С. 77-82.
8. Гончаров С.А. Особености тероризма в России. Актуальны Европы Вып. 4. Проблемы Тероризма. М., 2015 с. 47

## ХАТАРҲОИ МУОСИР ВА ТАҶРИБАИ МУҚОВИМАТ АЛАЙҲИ ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шойимкулов Аслонбек Махмудбекович** – муаллими калони кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов 64/14. Телефон: 93-402-13-31.

Мақолаи мазкур ба таҳлили амиқи мафҳумҳои терроризм ва экстремизм, сабабу омилҳои асосии густариши онҳо дар ҷаҳони муосир ва бахусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири манфии онҳо ба амнияти миллӣ ва усулҳои мубориза алайҳи онҳо бахшида шудааст. Дар мақола таҷрибаи Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва экстремизм, инчунин нақши мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Терроризм, экстремизм, амнияти миллӣ, ифротгароӣ, ҷавонон, муқовимат, мубориза, сиёсати давлатӣ.

## СОВРЕМЕННЫЕ УГРОЗЫ И ОПЫТ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТЕРРОРИЗМУ И ЭКСТРЕМИЗМУ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Шойимкулов Аслонбек Махмудбекович** – старший преподаватель кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 93-402-13-31.

Статья посвящена глубокому анализу понятий терроризма и экстремизма, основных причин и факторов их распространения в современном мире и в частности в Республике Таджикистан, их негативного влияния на национальную безопасность, а также методов борьбы с ними. В статье рассматривается опыт Таджикистана в борьбе с терроризмом и экстремизмом, а также роль государственных органов, гражданского общества и международных организаций.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, национальная безопасность, экстремизм, молодежь, сопротивление, борьба, государственная политика.

## CONTEMPORARY THREATS AND EXPERIENCE OF COUNTERING TERRORISM AND EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Shoiimkulov Aslonbek Makhmudbekovich** – senior lecturer of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Telephone: 93-402-13-31.

The article is devoted to a deep analysis of the concepts of terrorism and extremism, the main causes and factors of their spread in the modern world and in

particular in the Republic of Tajikistan, their negative impact on national security, as well as methods of combating them. The article examines the experience of Tajikistan in the fight against terrorism and extremism, as well as the role of government agencies, civil society and international organizations.

**Keywords:** terrorism, extremism, national security, extremism, youth, resistance, struggle, state policy.

Терроризм – истифодаи тарсу ваҳм, зӯроварӣ ва таҳдид бо мақсади расидан ба мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ ё мазҳабӣ мебошад. Экстремизм – андеша ва амали ифротӣ, ки аз муқаррароти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ берун аст ва метавонад ба фаъолияти террористӣ табдил ёбад. Терроризм маъмулан шакли амалӣ ва шадиди экстремизм мебошад. Экстремизм метавонад марҳилаи ибтидоии радикалшавии шахс бошад, ки баъдан ба терроризм меанҷомад.

Дар асри XXI терроризм ва экстремизм яке аз таҳдидҳои хатарнок ба суботи ҷомеа ва амнияти миллӣ ба ҳисоб меравaнд. Ин зуҳурот на танҳо боиси ноороми дохилӣ мегарданд, балки метавонанд ба шикасти сохторҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сабаб шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари пасошӯравӣ ва узви фаъол дар муборизаи зидди терроризм, бо ин мушкилот рӯ ба рӯ гардидааст ва дар ин самт таҷрибаи хоссае дорад. Ҷанги шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-1997 нишон дод, ки терроризм ва экстремизм метавонанд ба як давлат ва ҷомеа зарари азим расонанд. Истифодаи зӯроварӣ ва ғояҳои ифротӣ ҳеҷ гоҳ роҳи ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ нестанд. Танҳо тавассути гуфтугӯ, ислоҳоти воқеӣ ва муколамаи сиёсӣ метавон ба сулҳу субот ва рушди устувор расид. Дар ҳақиқат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тавассути гуфтугӯ ба роҳ мондани музокирот, имзои Созишномаи сулҳ, фароҳам сохтани шароити бозгашт ба гуризаҳо ва муколамаи сиёсӣ тавонист ба сулҳу ваҳдати миллӣ расида, хатарҳои терроризм ва экстремизмро аз фазои сиёсии кишварамон дур намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба як давлати амну пешрафта табдил доданд..

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, ки дар соли 2015 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохили ва хориҷии кишвар» ироа гардида буд, таъкид намуданд, ки «Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад...»

Истифодаи нодурусти масъалаҳои динӣ, дур мондан аз таълим, саводи кофӣ надоштани муҳоҷирони меҳнатӣ, фаъолияти гурӯҳҳои мамнуъ метавонанд омилҳои густариши терроризм ва экстремизм гарданд. Барои пешгирии чунин омилҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии муқовимат бо экстремизм ва терроризм (2021–2025), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм", Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" қабул намудааст, ки барои дар сулҳу субот умр басар бурдани шаҳрвандон равона гардидааст.

Бояд таъкид намуд, ки танҳо бо кӯшиши мақомоти давлатӣ мубориза бо ин зуҳурот пурра самар намедиҳад. Муассисаҳои динӣ, мактабу омӯзгорон, ҷомеа ва расонаҳо барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ ва муқовимат ба таблиғоти ифротӣ нақши калидӣ мебозанд. Терроризм ва экстремизм як масъалаи маҳдуд ба кишвар нест - ин хатар глобалӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули сиёсатҳои махсус ва иштироки фаъол дар ҳамкориҳои минтақавӣ кӯшиш менамояд амнияти миллиро таъмин созад. Барои муваффақ шудан дар ин мубориза, тарбияи маънавӣ ва ҳуқуқии ҷавонон тақвият ёбад, барномаҳои расонаӣ ва маърифатӣ оид ба хатарҳои экстремизм васеътар гардида, ҳамкории ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ тақвият дода шавад.

**Адабиёт**


1. Абдуллоев, М. «Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: сабабҳо ва оқибатҳо». Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, 2015.
2. Каримов, Ш. «Терроризм ва экстремизм дар Осиёи Марказӣ». Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 2018.
3. Назаров, Ф. «Пасманзари сиёсӣ ва иҷтимоии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон». Академияи илмҳои Тоҷикистон, 2016.
4. Созишномаи сулҳи умумӣ дар Тоҷикистон, 27 июни соли 1997. Маҷмӯаи қонунҳо ва санадҳои расмӣ.
5. Саидов, А. «Экстремизм ва терроризм дар фазои исломии Осиёи Марказӣ». Душанбе, 2017.

## ТАЪСИРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА ИҚТИСОДИЁТ

**Абдуллозода Одилҷон Пардаали** – н.и.к., дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)93-806-06-04

**Яқубов Рустам Шарафович** — муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)918-23-58-23 E-mail: mega.rus2022@mail.ru

Мақолаи мазкур масъалаи таъсири терроризм ва экстремизмро ба иқтисодиёти кишварҳо баррасӣ мекунад. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва омории мавҷуда, муаллифон оқибатҳои иқтисодии ин падидаҳоро дар сатҳҳои гуногун омӯхта, роҳҳои кам кардани зарарҳои иқтисодиро пешниҳод менамоянд. Натиҷаи тадқиқот нишон медиҳанд, ки терроризм ва экстремизм на танҳо таъсири мустақими манфӣ ба иқтисодиёт мерасонанд, балки сабаби коҳиши сармоягузорӣ, афзоиши хароҷоти амниятӣ ва паст шудани рушди иқтисодӣ мегарданд.

**Калимаҳои калидӣ:** терроризм, экстремизм, иқтисодиёт, амният, сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ, зарарҳои иқтисодӣ

## ВЛИЯНИЕ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА НА ЭКОНОМИКУ

**Абдуллозода Одилджон Пардаали** - к. с.-х. н., доцент кафедры естественных наук, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)938060604

**Якубов Рустам Шарафович** – старшый преподователь кафедры естественных наук, Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992)918-23-58-23 E-mail: mega.rus2022@mail.ru

Данная статья рассматривает вопрос влияния терроризма и экстремизма на экономику стран. На основе анализа научной литературы и имеющихся статистических данных авторы изучают экономические последствия этих явлений на различных уровнях и предлагает пути снижения экономического ущерба. Результаты исследования показывают, что терроризм и экстремизм не только оказывают непосредственное негативное воздействие на экономику, но и становятся причиной снижения инвестиций, увеличения расходов на безопасность и замедления экономического развития.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, экономика, безопасность, инвестиции, экономическое развитие, экономический ущерб.

## THE IMPACT OF TERRORISM AND EXTREMISM ON THE ECONOMY

**Abdullozoda Odiljon Pardaali** - Associate Professor of the Department of Natural Sciences of the State University of Finance and Economics of Tajikistan. Address: sh. Dushanbe, 64/14 Nahimov Street, tgfeu@tgfeu.tj. Phone: (+992)938060604

**Yakubov Rustam Sharafovich** - senior teacher of the department of natural sciences of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Dushanbe. 64/14 Nakhimov St., Dushanbe, tgfeu@tgfeu.tj phone: (+992)918-23-58-23 E-mail: mega.rus2022@mail.ru

This article examines the issue of the impact of terrorism and extremism on the economies of countries. Based on the analysis of scientific literature and available statistical data, the author studies the economic consequences of these phenomena at various levels and proposes ways to reduce economic damage. The research results show that terrorism and extremism not only have a direct negative impact on the economy, but also cause a decrease in investment, an increase in security costs, and a slowdown in economic development.

**Keywords:** terrorism, extremism, economy, security, investment, economic development, economic damage.

Солҳои охир, терроризм ва экстремизм ҳамчун як мушкилоте, ки ба шаҳрвандон ва давлатҳо таҳдид мекунад, таваҷҷуҳи зиёдеро ҷалб намудааст [1]. Терроризм на фақат ба амният ва осоиштагии ҷомеа, балки ба иқтисодиёти кишварҳо низ таъсири ҳамаҷониба ва манфӣ мерасонад [2, с. 78-89]. Ин мақола таъсири терроризм ва экстремизмро ба иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Терроризм ва экстремизм ба иқтисодиёти кишварҳо бо усулҳои гуногун таъсир мерасонад. Яке аз таъсироти бевосита ин, хисороти моддӣ мебошад, ки бинобар амалҳои террористӣ, масалан, тахриб кардани биноҳо, инфрасохтори интиқол ва системаҳои молиявӣ ба амал меояд [3]. Ин хисороти моддӣ метавонад сокинонро ба ҳолати тарс ва нороҳатӣ дучор намояд, ки ин худ ба иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад.

Дар асри XXI терроризм ва экстремизм ба яке аз ҷиддитарин таҳдидҳои амнияти ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд [1]. Ин падидаҳо на танҳо бар ҳаёт ва

саломатии одамон таъсир мерасонанд, балки пайомадҳои амиқи иқтисодиро низ дар пай доранд [4, с 45-52].

Таҳдидҳои террористӣ ва экстремистӣ дар замони муосир шаклҳои гуногун мегиранд ва дар сатҳҳои мухталиф - аз маҳаллӣ то ҷаҳонӣ - таъсир мерасонанд. Омӯзиши таъсири онҳо ба иқтисодиёт барои таҳияи стратегияҳои самараноки мубориза ва пешгирӣ зарурӣ мебошад [5, с. 123-131].

Мақсади асосии ин тадқиқот таҳлили ҷанбаҳои иқтисодии таъсири терроризм ва экстремизм ба иқтисодиёти кишварҳо мебошад, ки вазифаҳои махсусро доранд. Баррасии механизмҳои таъсири мустақим ва ғайримустақими терроризм ба иқтисодиёт, омӯзиши таъсири ин падидаҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, арзёбии хароҷоти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, пешниҳоди чораҳои кам кардани зарарҳои иқтисодӣ мерасонад [6, с. 34-41].

**Дар раванди тадқиқот методҳои зерин истифода шудаанд:**

**Методи таҳлили адабиёт**. Ин метод баррасии манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷиро дар бораи таъсири терроризм ба иқтисодиёт таҳлил менамояд.

**Методи таҳлили омории муқоисавӣ**. Ин метод таҳлили додаҳои омории кишварҳои гуногунро дар бораи зарарҳои иқтисодӣ аз терроризм муайян менамояд.

**Методи таҳлили системавӣ**. Ин метод бошад системаи таъсири терроризм ба иқтисодиётро дар ҳамаи сатҳҳо меомӯзад.

**Методи тақсимбандӣ ва ҷамъбастнамоӣ.** Ин метод барои ҷудо кардани намудҳои гуногуни зарарҳои иқтисодӣ ва ҷамъбастнамоии натиҷаҳо истифода бурда мешавад.

Тадқиқот нишон дод, ки терроризм ва экстремизм зарарҳои мустақим ва ғайримустақимро ба бор меоранд, ки дар бораи зарарҳои мустақим ба иқтисодиёт чунин маълумот пешниҳод мегардад:

Терроризм ва экстремизм ба вайрон кардани инфрасохтор - тахриби биноҳо, роҳҳо, корхонаҳо ва дигар объектҳои иқтисодиро аз байн мебаранд, ки дар натиҷа ба кишвар зарари иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба бор меорад.

Инчунин терроризм ва экстремизм ба аз байн бурдани қувваи корӣ, яъне омили инсонӣ мусоидат менамояд, ки он ба аз даст додани нерӯи корӣ дар мамлакат оварда мерасонад.

Ҳангоми дучор шудани мамлакат ба терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамкории тарафайни давлатҳо қатъ мегардад, ки дар натиҷа давлат зарари ҷидии иқтисодӣ мебинад.

Зарарҳои ғайримустақими иқтисодӣ, зараре мебошад, ки дар натиҷаи амалҳои номатлуби террористӣ ва экстремистӣ коҳиши сармоягузорӣ, яъне

кам шудани ҷалби сармояи хориҷӣ дар натиҷаи афзоиши хатарҳо ба назар мерасад.

Терроризм ва экстремизм ба афзоиши хароҷоти амниятӣ, яъне ба зиёд шудани буҷети барои чораҳои амниятии кишвар зарурбуда оварда мерасонанд. Инчунин ба ин амалҳои номатлуб ба соҳаи сайёҳӣ низ таъсири бад мерасонад. Дар ин маврид сайёҳон ба кишварҳои туристӣ сафар намекунанд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки таъсири терроризм ва экстремизм ба иқтисодиёт бисёр амиқ ва дарозмуддат мебошад. Зарарҳои иқтисодӣ на танҳо дар ҷоҳои рӯйдодҳои террористӣ, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ ҳис карда мешаванд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими масъала ин аст, ки терроризм сабаби эҷоди ҳолати беэътимодӣ дар ҷомеа мегардад, ки ин худ ба рушди иқтисодӣ монеа мешавад. Шароити беэътимодӣ сармоягузорон ва соҳибкорониро водор мекунад, ки фаъолияти худро маҳдуд кунанд ё ба минтақаҳои бехатартар интиқол диҳанд.

Дигар ҷанбаи муҳим ин аст, ки хароҷоти мубориза бар зидди терроризм ҳар сол зиёд мешаванд ва ин метавонад ба рушди дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ таъсири манфӣ расонад.

Барои кам кардани зарарҳои иқтисодии терроризм ва экстремизм тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:

**Дар сатҳи миллӣ:** Таҳкими системаи амнияти иқтисодӣ, рушди барномаҳои ҷамъиятӣ барои пешгирии радикализм, беҳтар кардани ҳамкории байни ниҳодҳои амниятӣ ва иқтисодӣ, эҷоди резервҳои молиявӣ барои ҳолатҳои фавқулодда ба роҳ монда шаванд.

**Дар сатҳи ҷаҳонӣ:** Густариши ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди терроризм, мутобиқ кардани қонунгузории антитеррористӣ, такмили системаҳои мубодилаи маълумот, дастгирии молиявии кишварҳои осебпазир рушд дода шавад.

**Дар соҳаи молия:** Таҳкими назорат бар ҷараёнҳои молиявӣ, мубориза бар зидди маблағгузории терроризм, рушди системаҳои пардохти электронӣ, беҳтар кардани шаффофияти амалиёти молиявӣ тараққӣ дода шавад.

Терроризм ва экстремизм яке аз ҷиддитарин таҳдидҳо барои рушди иқтисодии пойдор ва амният дар ҷаҳони муосир мебошанд. Таъсири онҳо ба иқтисодиёт дар шаклҳои гуногун - аз зарарҳои мустақими моддӣ то таъсироти дарозмуддати макроиқтисодӣ - намоён мешавад.

Тадқиқот нишон дод, ки зарарҳои иқтисодии терроризм танҳо ба вайрон кардани инфрасохтор маҳдуд намешаванд, балки шомили коҳиши

сармоягузорӣ, беқарор кардани бозорҳои молиявӣ, кам кардани рақобатпазирии иқтисодӣ ва дигар пайомадҳои манфӣ мегарданд.

Мубориза бар зидди ин таҳдидҳо талаби ёфти равишҳои ҷомеъ ва системавӣ мекунад, ки на танҳо чораҳои амниятиро, балки таъсир ба ришаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ин падидаҳоро низ дар бар гирад. Танҳо тавассути ҳамкории саривақтӣ ва самарабахши ҷомеаи ҷаҳонӣ метавон ба натиҷаҳои устувор дар ин самт ноил шуд.

**Адабиёт**

1. Абдуллоев М.Н. (2022). Таҳдидҳои амниятии Осиёи Марказӣ дар асри XXI. Душанбе: Дониш.

2. Валиев С.Р. (2021). Иқтисодиёт ва амният: таҳлили муқоисавӣ. Маҷаллаи илмии ДМИ, 3(45), 78-89.

3. Каримов Ф.Ю. (2023). Таъсири глобализатсия ба амнияти иқтисодӣ. Душанбе: Ставограф.

4. Мирзоев А.А., Холиқов Н.М. (2020). Чорабиниҳои зидди террористӣ ва иқтисодиёт. Илм ва ҷомеа, 2, 45-52.

5. Сафаров Ҷ.С. (2021). Терроризм: таҳлили иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Вестники ДТУ, 4(78), 123-131.

6. Юсуфзода М.Д. (2020). Глобализатсия ва таҳдидҳои нави амниятӣ. Паёми ДМИ, 1, 34-41.